**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**

**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД.: 001+ 101.13 (09) (575.3)**

**Мирзоев Сухроб Сулаймонович**

# АФКОРИ АХЛОҚИИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи

ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои фалсафа, профессор

Шамолов Абдулвоҳид Абдуллоевич

**КӮЛОБ – 2025**

## Мундарича

Муқаддима…………………………………………………….....…… 3-22

**БОБИ 1. Шароитҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ............................ 23-64**

1.1. Шароитҳои иҷтимоию сиёсии даврони Абурайҳони Берунӣ..... **23-44**

1.2 Сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ.............. **44-64**

**БОБИ 2. Андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ....................... 65-110**

2.1. Ҳаёт ва мероси фалсафию ахлоқии Абурайҳони Берунӣ …… **65-87**

2.2. Ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Абурайҳони Берунӣ.................................................................... **87-110**

**БОБИ 3. Нақши ақидаҳои фалсафӣ – ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон............................................................................................ 111-156**

3.1. Фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии мутафаккир.......... **111-135**

3.2. Аҳаммияти андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ барои замони муосир...................................................................................... **135-156**

**Хулоса……..…………………………………………......................... 157-161**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**........... **161-163**

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда…………………………..…........... 164-178**

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия...................................... 179-180**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ва ибтидои ташаккули як низоми давлати дунявӣ, ҳуқуқмеҳвар ва демократӣ, масъалаи худшиносии миллӣ ва ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ дар пасманзари равандҳои глобализатсия ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа мубаддал гардидааст. Бе шинохти амиқи мероси маънавию моддии мутафаккирони барҷастаи тоҷик, ки асрҳои миёнаро равшанӣ бахшидаанд, ҳаллу фасли ин масъалаҳо дар арсаи байналмилалӣ ғайриимкон аст. Дар шароити имрӯза, ки тамоюлҳои геополитикӣ ва пешрафтҳои технологӣ ба унсурҳои хавфноки ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд, арзишҳои ахлоқӣ мавриди таҳдид қарор доранд. Ин равандҳо на танҳо муҳити зист ва тавозуни демографии сайёраро зери фишор мегузоранд, балки ба бегонашавии шахсият ва заъифшавии пояҳои маънавии инсон низ мусоидат мекунанд.

Равандҳои демократикунонӣ дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар, густариши худидоракунии миллӣ ва афзоиши сатҳи худогоҳии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, бояд заминае бошанд барои ташаккули ҷаҳонбинии солим ва рушди фикрии онҳо. Бо назардошти суръат гирифтани глобализатсия ва нуфузи фарҳанги ҷаҳонӣ, ки бо худ паёмадҳои манфие чун тарғиби зӯроварӣ, коҳиши арзишҳои ахлоқии умуминӣ ва беэътиноӣ ба меҳвари маънавияти инсон меоранд, зарурати таълиму тарбияи маърифатӣ боз ҳам афзун мегардад. Чунин таҳаввулот ба эҳсосот ва дунёи ботинии инсон зарба мезананд ва ба масъалаҳои мавҷудиятӣ раванди шадид мебахшанд. Гарчанде ҷомеаи байналмилалӣ кӯшиш мекунад, ки тавассути ислоҳоти фарогир ин бухронҳоро паси сар намояд ва арзишҳои маънавии ҳаёти ҷамъиятиро аз нав эҳё созад, дар амал эҳтимоли бартарафсозии куллии ин масъалаҳо хеле кам ба назар мерасад. Чизи асосӣ бозсозии ботинии ахлоқӣ ва маънавии одам бо хислатҳои олии арзишаш мебошад. Бо ин бархурд зарурати омӯзиши бахши амалии таърихи фалсафаи тоҷик ба таври беандоза афзуда, барои худшиносии ахлоқӣ ва ҷустуҷӯйҳои маънавии инсон муҳим арзёбӣ

мегардад. Ахлоқе, ки дар он масъалаҳо ва тарғиби анъанаҳои миллии рӯзгор пурратар баррасӣ мешаванд, ҳамзамон аҳаммияти назарияи фалсафие, ки инсонро дарк мекунад дар тамоми ҷанбаҳои рӯзмарра бараъло эҳсос мешавад. Этикаро берун аз доираи мавҷудаи мероси иҷтимоию фалсафӣ, равоншиносӣ ва таърихию тарбиявӣ тасаввур кардан мумкин нест. Тарафдорони инсондӯстӣ эҳтиром ба одам, ғамхорӣ дар бораи инкишофи ҳаматарафаи ӯро ба сифати шиорҳои худ эълон карданд. Дар шароити зулми асримиёнагӣ ин шиорҳо нақши бузургро бозиданд. Масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯзҳои мо махсусияти тезу тунд ва рӯзмарраро касб намудааст.

Вобаста ба ин, муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои рисолаи таҳқиқотӣ барои ташаккул ва шакл гирифтани сифатҳои ахлоқию фарҳангии ҷавонони тоҷик муфид буда истифодаи онҳо дар таҳияи роҳнамо ва барномаҳои ахлоқӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Сухан дар бораи назарияҳои барпошавии шахсият, имконияти ҳақиқии тараққиёти ҳамбаста, ташаккули ақидаҳои сиёсӣ – иҷтимоӣ, мақсадҳои олии ахлоқи ва зебоии ҷавонон меравад. Мо захираҳои ғании воситаҳои тарбиявии муносибатҳои инсондӯстонаро дороем. Афкори муносибатро умуман, ба табиат ва ҳама мавҷудоти зинда, дар маҷмуъ дар эҷодиёти хирадмандони бузурги якчанд садсола дидан мумкин аст. Дар ин росто, омӯзиш ва густариши тартиби мероси эҷодии мутафаккири барҷастаи асрҳои X-XI тоҷику форс Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ, бузургҷуссаи беҳамтои афкори илмӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ, олими мутабаҳҳири асримиёнагӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад. Ин давра пур аз номҳои шахсиятҳои бузург аст, ки намояндагони мактабҳои гуногун буда, он вақт босуръат рушд мекарданд. Дониш ва дидгоҳҳои Берунӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ, нақши ӯ дар тарғиби анъанаҳои миллӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик беназир аст.

Пажӯҳишгарони сершумори дохилӣ ва хориҷӣ ба омӯзиши мероси илмии Абурайҳони Берунӣ пардохта, саҳми арзишманди ӯро дар такомули илми ахлоқ, баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа

тавассути шиносоӣ бо арзишҳои суннатии тамаддуни асримиёнагии тоҷикон барҷаста арзёбӣ намудаанд. Бо вуҷуди ин, пайравӣ аз паҳлуҳои ахлоқӣ-фалсафии андешаи ӯ дар риштаҳои таъриху фалсафа то ба ҳол таваҷҷуҳи ночизро ба худ ҷалб кардааст. Дар ҳамин замина, зикри он зарур аст, ки дар тӯли таърихи халқи тоҷик, яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули маънавиёти воло маҳз ҷаҳонбинӣ ва афкори ахлоқии файласуфони номвари форсу-тоҷик маҳсуб меёфт, ки решаҳои он ба амиқи таърих пайванд дорад. Маҳз дар ҳамин давраи таърихии ҳаёти маънавии мо ақидаҳои ахлоқию тарбиявии файласуфони ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Миёна, ки бо гуногунрангии зиёд ва проблемаҳои шавқангез тафовут доранд, мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Боварии қатъӣ дорем, ки дар шароити пурчолиш ва замони рушди бесобиқаи тамаддуни техногенӣ, расидан ба фаҳми амиқи масъалаҳои ахлоқ ва мутобиқсозии онҳо бо воқеияти имрӯза бидуни омӯзиши жарф ва таҳлили интиқодии мероси ахлоқии миллӣ, ки асрҳо таҷрибаи рафтору арзишҳои инсониро дар худ таҷассум кардааст, номумкин аст. Агар чунин таҳқиқот ва истифодабарии он дар муҳити иҷтимоии Тоҷикистон сарфи назар шавад, он метавонад ба фурӯпошии пояҳои маънавӣ ва коҳиши ҳисси масъулияти ҷамъиятӣ оварда расонад.

Зарурати омӯзиши андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ба он вобаста аст, ки дар фазои иҷтимоии Тоҷикистон имрӯз ниёз ба боло бурдани сатҳи маънавиёт ва ахлоқи шаҳрвандон, бахусус, ҷавонон, беш аз пеш эҳсос мегардад. Таҳкими фарҳанги ахлоқӣ дар байни насли наврас бояд яке аз самтҳои асосии равандҳои тарбиявӣ бошад. Дар ин замина, таваҷҷуҳи пайваста ба арзишҳое чун: ростқавлӣ, ахлоқи нек, накукорӣ, кирдори нек ва меҳнатпарастӣ нақши муҳим мебозад ва омӯзиши афкори Берунӣ метавонад ба ин раванд мусоидати ҷиддӣ намояд. Ба ақидаи мутафаккир ахлоқ муҳимтарин сифати инсонист, ки ӯро боҳурмат, обрӯманд ва хушбахту сарбаланд мегардонад. Омӯзиши пайгиронаи таърихи афкори ахлоқии ватанӣ, он холигии ахлоқиро, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо ҷой дорад, пур

мекунад ва замони муосир бояд бухрони ба маънои томаш дар миқёси сайёра арзёбӣ шавад.

Афкори ахлоқии мутафаккирони барҷастаи даврони асрҳои миёнаи мо дар тӯли замонҳо таваҷҷуҳи олимони фалсафаи Ғарбиро ба худ ҷалб карда, борҳо мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, дар доираи илмҳои фалсафӣ-ахлоқии дохилии мо, таҳлили мафҳумҳо ва назарияҳое, ки онҳо ба башарият пешниҳод намудаанд, ҳанӯз он сатҳи шинохт ва таҳкими назариявиро ба даст наовардаанд. Ин андешаҳо, гарчанде дорои арзиши таърихию илмӣ мебошанд, то ҳол ба таври кофӣ бо доктринаҳои ахлоқии муосир ҳамоҳанг нашуда, ҷойгоҳи худро дар илм пурра пайдо накардаанд.

Аҳаммияти ин таҳқиқоти диссертатсионӣ аз якчанд омилҳои муҳимми зерин бармеояд:

— осори ахлоқӣ-фалсафии Абурайҳони Берунӣ тавассути равишҳо ва механизмҳое, ки дар онҳо тарбияи шахсият, ташаккули хислат ва баландбардории сатҳи худшиносии инсон мавриди баррасӣ қарор мегиранд, арзиши ҷиддии таҳлилӣ доранд;

— таҳқиқи андешаҳои фалсафии Берунӣ барои бозкушоии мавзуъ ва сохтори илмии ахлоқ, инчунин, фаҳмиши амиқи ӯ дар бораи моҳият ва аҳаммияти ахлоқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ шароити мусоид фароҳам меорад;

— шиносоӣ бо назарияи ахлоқии мутафаккир имкони пайгирии равандҳои ташаккулёбии дидгоҳҳои ӯро дар самти фалсафа ва ахлоқ фароҳам мекунад;

— таҳлили низоми “поксозии ахлоқ” дар осори ӯ дар чаҳорчӯби замони муосир ҳамчун як кӯшиши посух додан ба мушкилоти ахлоқию иҷтимоии имрӯзини ҷомеаи тоҷикӣ арзёбӣ мегардад;

— омӯзиши афкори ахлоқӣ-фалсафии Берунӣ метавонад дар бартарафсозии камбудиҳои маълумотӣ ва холигоҳҳои таърихии марбут ба рушди илми фалсафаи миллӣ нақши муассир бозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мизони таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба мероси илмиву фарҳангии Абурайҳони Берунӣ

ҳанӯз аз асри XI сарчашма мегирад. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти марбут ба ҷаҳонбинии ӯ, асосан дар панҷ самти калидӣ тамаркуз ёфтааст, ки инҳо иборатанд аз маъданшиносӣ, геология, фалсафа, илмҳои дақиқ (аз ҷумла риёзиёт) ва астрономия.

Абурайҳони Берунӣ ҳамчун файласуф ва донишманди озодандеш дар айёми ҳаёташ шуҳрат пайдо кардааст. Мероси илмии ӯ диққати бисёр олимони ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст. Муҳаққиқон аз дониши бисёрҷабҳаву мутабаҳҳирии ӯ ба ваҷд омада, осори Берунии бузургро пай дар пай ба забонҳои гуногун тарҷума намуда, бо завқ ва изҳори қаноатмандӣ посух медоданд. Китоби «Ал-Осор ул-боқия» нахустин асари бузурги мунаҷҷим, ҷуғрофиётчӣ ва заминшинос, муаррих ва мардумшиноси бузурги асримиёнагӣ, файласуф, адабиётшинос ва шоир, донишманди мутабаҳҳир Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ мебошад, ки аҳли олам ӯро бо асарҳои дурахшонаш, ки аз замони ӯ хеле пеш гузашта, бисёр идеяҳои пешқадами илмии давраи Таҷаддуди Аврупоро дар давоми ним ҳазор сол ба ҳайрат оварда буданд, мешиносанд.

Китоби Берунӣ, ба шарофати ношир ва муҳаққиқи мероси илмии Берунӣ - Эдуард Захау [176; 188] ба олимони аврупоӣ маълум гардид, ки солҳои 70-уми асри XIX, матни арабӣ ва тарҷумаи «Ал-Осор ул-боқия»-ро ба табъ расонидааст ва онро чун аввалин тарҷумаи ҳоли донишманди бузург дар сатҳи илми муосир муҳайё сохта, пешкаш мекунад. Дар асар ба насабнома ва солшумории хонадон ва сулолаҳои эронӣ марбут ба ҷаҳони Эрон дар пасманзари тамоми Ховари Наздик ва Миёна таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Китоб бисёр ҳуҷҷатҳои ҷолиброо дар бар гирифта, барои хариташиносон, муаррихон, ситорашиносон, фарҳангшиносон, забншиносону муаррихон, шарқшиносон ва дигар мутахассисон маводи муфиди хронологӣ мебошад. Арзиши ин асар дар натиҷаи васеъ истифода бурдани маъхазҳои этнографӣ; суннати шифоҳӣ, маълумоти шифоҳӣ ва мушоҳидаи шахсӣ дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ хеле баланд мешавад ва ин хусусияти фарқкунандаи муаллифро аз аксари муаррихони он замон, ки

ба таърихи шоҳону қаҳрамонон ва рӯйдодҳои сиёсӣ таваҷҷуҳ мекунанд, башиддат фарқ мекунад ва тамаркузи Берунӣ ба таърихи фарҳангии халқҳо мебошад. Бо афзудани такони таҷовузкоронаи истилоҳои арабҳо дар Шарқи Миёна торафт бештар заминҳо зери ҳукмронии истилогарон қарор гирифтанд ва вазифаи васеътар оид ба тағйир додани муносибатҳои байни ашрофзодагони низомии араби исломӣ ва аҳолии зери тобеият; арамейҳо, яҳудиён, коптҳо, юнониҳо, берберҳо, испано-румҳо ва форсҳо ба миён омад. Гап дар сари он аст, ки бахше аз ин халқҳо тадриҷан исломро қабул карда, аз рӯйи эътиқоди худ мусулмон шуданд, ки аз ҷиҳати маънавӣ бо элитаи ҳукмрони араб баробар шуданд. Ҳамин тариқ, сухан, пеш аз ҳама, дар бораи вазъи сиёсӣ, молӣ ва ҳуқуқии мусулмонони нав буд, аммо дар паси ҳамаи ин масъалаи васеътари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ меистод, ки тамоюлҳои мухолифро дар бар мегирифт. Аз як тараф, рӯҳияи байналхалқии ислом ба ҳамбастагии миллатҳо мусоидат мекард. Аз як ҷониб, омадани истилогарони араб аз минтақаҳои канории нимҷазираи Арабистон, ки дар он давра дар муқоиса бо дигар марказҳои тамаддун камтар инкишоф ёфта буданд, боиси сар задани танишҳо бо аҳолии маҳаллӣ гардид. Ин аҳолӣ, махсусан, форсҳо, дорои таърихи ғанӣ, фарҳанги амиқ ва ҳисси баланду устувори ҳувияти миллӣ буданд, ки ин арзишҳо ба маротиб болотар аз он чизҳое меомаданд, ки истилогарон бо худ меоварданд. Гарчанде форсҳо дини исломро бо ихлосу самимият қабул намуданд, фарқияти аслии онҳо аз дигар халқиятҳо дар он буд, ки тавонистанд забон ва фарҳанги хешро нигоҳ дошта, ба ҳифзи аслии ҳувияти миллӣ муваффақ гарданд.

Пайравони нави ислом бо назардошти бартарияти иҷтимоии нухбагони араб бояд, пеш аз ҳама, тавассути ворид шудан ба хизмати қабилаҳои араб ба сифати мавлоӣ («вассал») барои худ мавкеи устуворро таъмин мекарданд. Дар баробари ин, дар муддати тӯлонӣ онҳо объектҳои табъизи назарраси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ боқӣ мемонданд, масалан арабҳо онҳоро чун шарики издивоҷ қабул надоштанд, аммо дар асрҳои IX ва X ҳангоми ҳукмронии Аббосиён намояндагони мавлоӣ, ки қаблан масъалаҳои ҳуқуқ, илоҳият,

фалсафа ва адабиётро на бад аз арабҳои тоза аз худ карда буданд, бар ҳукмронии арабҳо омода буданд, ки мубориза баранд (дар шакли адабӣ ва фарҳангӣ ҳаракати шуубиё дар байни халқҳое, ки Қуръон ҳамчун халқҳои шуъбӣ муайян кардааст). Ба ҳар ҳол, дар он вақт арабҳо аллакай монополияи худро дар иқтидори ҳарбии сиёсӣ аз даст дода буданд [73, с.279].

Раванди баёни афкор дар асар ҳақиқатнигорона буда, муаллиф доир ба ҳар як масоил диққати ҷиддӣ додааст. Дар китоби «Ёдгориҳои наслҳои гузашта» нишонаҳои осори асримиёнагии мусулмонон маҳфуз мондаанд. Берунӣ дар бораи сабабҳои ангезаи таълифи асар ва, албатта, дар осори худ асоси сифатҳои ахлоқиро фаромӯш намекунад. Нашрҳо дар асоси дастхатҳои асрҳои XVII ва XIX таҳия шуда, камбудиҳои назаррас доштанд. Зарурати маводи нави дастнавис ба миён омад ва ин гуна мавод танҳо дар соли 1912 маълум шуд, ки ба Осорхонаи Осиёии Академияи илмҳои Петербург дастнависи хеле қадимтарини «Ёдгориҳо» расид, ки ба асри XIII тааллуқ дорад. Дар ин дастнавис бештари матни гумшуда мавҷуд аст, аммо тамоми бахшҳо ва бобҳо чандон равшан нестанд. Баъд дастнависи осорхонаи Осиёро академик К.Г.Залеман [139, с.861] муфассал тавсиф намуда, дар охири мақолаи худ дар бораи дар Истамбул боз як нусхаи қадимаи асари машхури Берунӣ пайдо шударо хабар дод.

«Ҳиндустон» - муҷассамаи аҷоиби дустии халқҳо» асари хоразмии бузург тамоми нишонаҳои зоҳирии кори мусулмониро нигоҳ дошта, бо номи Аллоҳ ва ишора ба сухани пайғамбар Муҳаммад (с.а.в.) огоз меёбад. Вай ба маданияти халқи ҳинд бо эҳтироми ахлоқӣ ва беғаразона муносибат мекунад, хислатҳои мусбати ахлоқӣ, ахлоқи наҷиб ва урфу одатҳои некро қайд мекунад. Ин натиҷаи омӯзиши дуру дароз ва бевоситаи кишвар таввассути адабиёти ҳиндӣ ва таассуроти шахсӣ аз шиносоӣ бо ҳаёт ва ҷаҳонбинии ҳиндуҳо ва муҳимтар аз ҳама, ҳаҷми тоза ва сифати нави дониш, ҷустуҷӯ ва омӯзиши ёдгориҳои мурдаистодаи маданияти маънавию ахлоқии классикӣ дар рӯзҳои душвори халқҳои Ҳиндустон ва Хоразм, айёми истибдоди (диктатура) хунини Маҳмуди Ғазнавӣ ба вуҷуд омадааст. Ин

дӯстӣ дар шароити нави давраи таърихӣ ривоҷ ёфта, дар хотир доштан бамаврид аст, ки Берунӣ дар солҳои тираи асрҳои миёна ба муқобили сиёҳпарастӣ ва бадкирдорӣ, барои ҳаққи ифтихормандии Ватан ва маданияти ҳар як халқ далерона овози ҳақиқӣ баланд карда буд.

Соли 1017 Берунӣ имкон пайдо кард, ки бо ҳиндуҳо муоширят кунад ва вохӯрад. Ба Берунӣ лозим омад, ки пеш аз ҳама, монеаҳои мавҷудаи дорои хусусияти идеявию равонӣ, монеаи шартии меъёри идеологии ҷомеа ва бисёр душвориҳои хоси марбут ба забони адабӣ ва гуфторӣ, бахусус, санскритро паси сар кунад ва бартараф намояд. Дар ҷои аввал дар усули омӯзиш дархостҳои шифоҳӣ аз ҳиндуҳои бомаърифат мебошанд. Роҳи дуюм — омӯзиши ёдгориҳои хаттӣ, ва ниҳоят, таҷрибаи шахсӣ ва мушоҳидаҳои урфу одатҳо, муайян кардани тулу арз, олами набототот, ҳайвонот ва ғайра мебошад, ки ба ӯ маводи бой мебахшанд. Таҳқиқот, асосан, ба се сарчашмаи асли «Гита, Санкхя, Патанҷала» асос ёфта, бо муаррифии дидгоҳҳои фалсафӣ ва динии ҳиндуҳо оғоз мешавад. Дар пешниҳоди Берунӣ ҷаҳонбинии ҳиндӣ хусусияти низоми ягонаи фалсафӣ надорад. Китоби «Ҳиндустон» аз 80 боб иборат буда, ҳар кадоме дорои унвони алоҳида ва дар оғози он баҳси мухтасари фалсафии муаллиф дар бораи ин боб, баъдан, иқтибосҳо аз осори ҳиндӣ бо шарҳу тавзеҳоти инфиродӣ, баҳодиҳӣ, умумӣ, ибораҳои муқаддимавӣ ва барои муқоиса порчаҳо аз осори муаллифони араб, юнонӣ, эронӣ ва ғайра оварда мешаванд. Таълимот ва афкори суфиён ба сифати наздиктарин назарияи ҳиндӣ махсусан таъкид шудааст. Ӯро лозим шуд, пеш аз ҳама, бо фарҳанги арабу мусулмонӣ, расму оин, дин, яъне бо он чизе, ки ӯ ва хонандааш ошнотар аст, муқоиса гузаронад. Муҳокимаҳои Берунӣ бо воқеъият, инсондӯстӣ, ҳақиқатпарастӣ фарқ карда, мушоҳидаҳояш аз ҷиҳати дурустии худ ҷолиби диққат ва муҳим мебошанд. Дар таърихи адабиёт ва маданияти халқҳои Шарқ «Ҳиндустон» баҳои даркорӣ нагирифтааст ва аз тарафи муаллифони арабзабон қариб ҳеҷ гоҳ иқтибос оварда намешавад. Вақти навиштани асар аз 30 апрел то 30 сентябри соли 1030. Берунӣ дар давоми 13 сол (аз 44-солагӣ сар карда, дар

57-солагӣ корашро ба охир расонд) барои кор маводҳоро ҷамъ ва тайёр кард. Тавсифи Ҳиндустонро, ки сафири юнонӣ Мегасфен ва роҳибони буддоии Чин Фа Сян, Сонг Юн, Суан Занг навиштаанд, қобили қиёс нестанд. Эътироф шудани Берунӣ бо унвони яке аз барҷастатарин донишмандони таърихи башарӣ бо ин кор дар радифи китобҳои дурахшон, ба мисли; Хронология, Маъданшиносӣ, Сайидона фит-тиб, қонуни Масъуди, Таҳдид ва Тафҳим бештар уҳдадор аст. Ҳангоми навиштани китоб шавқу рағбат ӯро ҳидоят мекард ва комилан дарк мекард, ки дар илм ва ҳақиқати илмӣ роҳҳои аслӣ мекушояд. Махсусан, дар бораи таълифи китоб Берунӣ дар муқаддимаи «Ҳинд» Абусаҳл ат-Тифлисӣ - ро эҳтиромона устод номида мегӯяд, ки «…маро ба навиштани китобе дар бораи он чи дар бораи худи ҳиндуҳо омӯхтам, ташвиқ кард, то барои онҳое, ки мехоҳанд таълимоти худро зери шубҳа гузоранд, кумак ва барои онҳое, ки бо онҳо муошират кардан мехоҳанд, ганҷе гардад. Мувофики хоҳиши ӯ ман ин вазифаро иҷро кардам» [11, с.24].

Дар асари «Маъданшиносӣ» равшану ошкор таассуроти амиқи илмии Абурайҳони Берунӣ ва дониши фарогири ӯ дар риштаҳои гуногуни маърифатии замонааш ба назар мерасад. Дар ин китоб ба таври мураттаб маҷмуае аз сафарномаҳо, ривоятҳо, ёддоштҳо ва муҳтавои дорои арзиши баланди ахлоқӣ ва таърихию фарҳангӣ гирд оварда шудаанд. Ривоятҳое, ки Берунӣ шахсан бо номи худ нақл мекунад, аҳаммияти хосса доранд. Хислати хоси фаъолияти илмии ӯро метавон дар кӯшиши пайвастаи систематизатсия, таҳлил ва аз ҳама муҳим — «поксозии илм» дид, ки ин равиш дар тамоми осори бузурги ӯ, аз ҷумла, «Тақвими миллатҳои қадим», «Китоби Ҳиндустон» ва «Маъданшиносӣ» мисли риштаи муттасил ҳузур дорад. Ин мавзуъ, инчунин дар асарҳои дигар, аз ҷумла, «Қонуни Масъудӣ» ва «Китоб-ут-тафҳим» низ муҷассам шудааст [7; 9].

Дар маркази таълимоти ахлоқии Абурайҳони Берунӣ мафҳуми тартибу низом ва пайдарпайии ҳама гуна падидаҳо қарор дорад, ки ин принсип аз марҳилаи офариниши ҷаҳон оғоз ёфта, то ба мавҷудоти одӣ мерасад, баргирандаи асосҳои илоҳӣ, динӣ ва масъалаи тақдир мебошад. Хусусияти

динӣ доштани ҷаҳонбинии ахлоқии Берунӣ тасодуфӣ нест, зеро даврони зиндагии ӯ ба оғози давлати ислом рост меояд, ки Қуръон ҳамчун манбаи аслӣ ва роҳнамо дар ҳама соҳаҳои маърифат эътироф мешуд. Гузашта аз ин, тамоми осори илмӣ ва адабии давраи асрҳои миёна ба таври анъанавӣ бо мадҳу санои Парвардигор шурӯъ мегардиданд, ки ин худ нишонаи решаҳои динӣ доштани андешаи маънавии он замон аст.

Ташаккули марказҳои шаҳрии бузург, густариши равобити савдо дар сатҳи байналмилалӣ, пайдоиши ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ байни миллатҳои Шарқ ва Ғарб, инчунин, бархӯрди манфиатҳои табақавӣ дар дохили ҷомеа, аз ҷумла, муборизаи синфҳои иҷтимоӣ — ҳамаи ин равандҳо омилҳои муҳимеро ташкил медиҳанд, ки на танҳо ба ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии илмии Абурайҳони Берунӣ таъсир расонданд, балки дар шаклгирии муҳити илмӣ ва фазои эҷодии даврони ӯ нақши ҳалкунанда бозиданд [109].

Дар муқаддимаи асари «Маъданшиносӣ» андешаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии Абурайҳони Берунӣ бозгӯ мешаванд, ки дар онҳо дидгоҳи ӯ нисбат ба як қатор мафҳумҳои ахлоқӣ равшан инъикос ёфтааст. Мафҳумҳое чун ақл, меҳнат, ягонагӣ, наҷобат, ҷасорат, донишмандӣ, ҳиссиёт, илм, қаноатмандии ботинӣ, арзишҳои маънавӣ, шарафу эътибор, амалҳои шоиста, нияти нек, адолат, тозагиву покӣ ва баробарӣ аз ҷумлаи арзишҳои асосиеанд, ки Берунӣ дар бораи онҳо мулоҳизаҳои муфассал пешниҳод мекунад. Ӯ нақши меҳнатро дар расидан ба ҳадафҳои олӣ, махсусан, таъкид менамояд. Асари фавқи асар низ бо забони арабӣ навишта шудааст. Дар рушду таҳқиқи таърихи маъданшиносӣ, корҳои муҳаққиқон ба монанди Э. Видеман [189], М. Штейншнейдер [187] ва дигарон аҳаммияти назаррас доранд. Ба иттилои овардаи Штейншнейдер, то замони Берунӣ ҳадди ақал даҳ муаллифи барҷаста дар мавриди маъданшиносӣ асарҳои махсус навишта буданд. Дар миёни онҳо метавон аз донишмандони маъруфи асрҳои VIII–IX, аз ҷумла, Ҷобири Ҳайён (бунёдгузори илмҳои кимиё), ал-Киндӣ, ар-Розӣ, ал-Ҷоҳизро ҳамадонии полигистор ном бурд.

Инчунин муаллифоне, ки ба таҳқиқи ин ё он канданиҳои фоиданок алоқа доштанд; Ҳусайн ибни Исҳоқ (ваф. 863), Алӣ ибни Раббон ат-Табарӣ (ваф. 850), Юҳанна ибни Масавайҳ (ваф. 857), Сабур ибни Сахли Хузӣ (ваф. 869). Ибни Синои бузург ба маъданҳои Канон ва Китоб аш-Шифо [186] низ эътибор медиҳад. Уторид ибни Муҳаммад ва Абу Убайд ал-Қосим ибни Саллом (асри IX) ҳамчун муаллифони «Китоби сангҳо» машҳуранд. Олимони номбурда дар ҳайати хилофати шарқӣ зиндагӣ мекарданд. Аммо дар Хилофати ғарбӣ, Андалузия (Испониё) низ муаллифони маъданшиносӣ маълуманд: Абдурраҳмон ибни Исҳоқ ибни ал-Хайсам (ваф. 950), Маслама ал-Маҷритӣ.

Абурайҳони Берунӣ дар соли 1029 асари «Китоби дастур оид ба унсурҳои илми ситораҳо» ( Илми ситораҳо, ё мухтасари арабии Тафҳим)-ро анҷом дод. Ба шоҳидии худи муаллиф, китобро бо хоҳиши Райҳонаи хоразмӣ барои ӯ навиштааст. Ин яке аз осори асосии олими бузург буда, дар шакли 530 саволу ҷавоб гирд оварда шудааст, ки барои ситорашинос ва ситорашиносӣ навкор «беҳтар ва осонфаҳм» аст. Ин нашрия ба ҳашт боб, тақсим шудааст, ки дар навбати худ ба бахшҳо тақсим мешаванд. Асари «Илм дар бораи ситораҳо» дар асрҳои миёна хеле паҳн шуда буд ва ба ин шумораи зиёди маълумотномаҳои олимони минбаъдаи Шарқи асримиёнагӣ ва шумораи зиёди дастхатҳои то замони мо расида гувоҳӣ медиҳанд. Нашри аввалини китобро Р. Райт [173] ба забони англисӣ дар Лондон аз акси айнии дастнависи арабӣ зери рақами №8349-и Осорхонаи Британиё дар Лондон анҷом додааст. Д. Ж. Бойло соли 1955 библиографияи осори Беруниро тартиб дода, ба 15 дастнавис (6 нусхаи арабӣ, 9 нусхаи форсӣ) [175, с.161-256] «Илм дар бораи ситораҳо» ишора кардааст. То имрӯз 14 нусхаи арабӣ ва 21 нусхаи форсии дастхатҳо маълум аст.

Дар омӯзиши осори Абурайҳони Берунӣ пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили П. Г. Булгаков [36, с.11], Д. Ҷ. Бойлот [174], И. Ю. Крачковский [78, с.196], Ф. Розентал [185], Б. А. Розенфелд [103], М. М. Рожанская [103], З. К. Соколовская [103], И. В. Тимофеев [114], Р. Н. Фрай

[178, с.162], ва дигарон дар доираи матолиби маводи Берунӣ нақши бузург доранд. То имрӯз, Аҷоиб ал-Ҳинд (Аҷоиботи Ҳиндустон) ва «Ахбор ас-Син вал-ҳинд» (Афсонаҳои Чин ва ҳинд) боқӣ мондаанд, ин аввалин матнҳои хаттии адабии арабӣ мебошанд [179].

Дар омӯзиши ҷаҳонбинии Абурайхони Берунӣ муҳаққиқони эронӣ Аббос Иқбол, Алиасғари Ҳикмат, Алиасғари Ҳалабӣ, Муҳаммад Муин, Маҳди Муҳаққиқ, Муҳаммад Наҷамадӣ, Саид Муҳаммад Таботабои, Саид Ҳусейн Наср [91] низ саҳми муҳим гузоштаанд.

Аз ҷумлаи таҳқиқоте, ки дар заминаи омӯзиши мероси фалсафии Абурайҳони Берунӣ аҳаммияти хос доранд, бояд ба китоби Маҳди Муҳаққиқ ишора кард. Муаллиф дар ин асар, бо такя ба манобеи аслӣ ва натиҷаҳои корҳои муҳаққиқони аврупоӣ, паҳлуҳои муосири андешаи фалсафии Беруниро муфассал инъикос намудааст. Маҳз ба туфайли ин таҳқиқот, доираи васеи донишмандоне, ки ба омӯзиши таърихи фалсафаи Шарқ мароқ доранд, имкони ошноӣ бо зиндагӣ, фаъолияти илмӣ ва диди ҷаҳоншинохтии ин мутафаккири бузургро пайдо карданд.

Ҳамзамон, дар бораи саҳми Берунӣ дар риштаҳои гуногун — аз фалсафа ва ахлоқ то кимиё, маъданшиносӣ, геология ва тарзи зиндагии ӯ — як қатор олимони тоҷик низ таҳқиқот анҷом додаанд, аз ҷумла Ғ. Ашуров [20], А. М. Баҳоваддинов [34], М. Диноршоев [14, с.3-22; 54], М. К. Мирбобоев [14, с.3-22], А. Девонақулов [104], А. А. Шамолов [158, с.40-45], Н. Неъматов [92; 93], Х. Мирзозода [89], М. Раҷабов [101], Н. Қулматов [145, с.110-115], М. Осимӣ [147, с.76-80], Ф. Сироҷов [153, с.68-70], М. Исоев [140], А. Шарифов [127] навиштаанд.

Дар ин ҷо асарҳои М. Диноршоев ва М. Мирбобоев ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар онҳо ақидаҳои табиӣ-фалсафӣ, онтологӣ, маърифатӣ ва ахлоқии мутафаккир бори аввал дар китоби «Аз таърихи фалсафаи тоҷик» таҳлил шудаанд. Осори Абурайҳони Берунӣ «Ҳиндустон» («Мол-ул-ҳинд»), «Гиёҳшиносӣ» («Сайидона»), «Таърихи Хоразм», «Қонуни Масъудӣ», «Маъданшиносӣ», «Илм дар бораи ситораҳо» ва ғайра соли 1989 дар

Душанбе бо номи «Мунтахаби осор» ба забони тоҷикӣ тарҷума ва ба табъ расидаанд.

Мутолиаи таҳлилӣ ва муқоисавии шумораи зиёди манбаъҳо ва нашрияҳое, ки ба осори Абурайҳони Берунӣ бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки то ба имрӯз на дар адабиёти илмии тоҷикӣ, на дар муҳити илмию фалсафии Шарқ ва на дар адабиёти фалсафии кишварҳои Ғарб асаре ёфт намешавад, ки тамоми паҳлуҳои ҷаҳонбинии ахлоқии ин мутафаккири нотакрорро ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба таҳқиқ карда бошад. Ҳамчунин, дар Тоҷикистон низ то ҳол таҳқиқоти вижае, ки махсус ба баррасии назарияҳои фалсафии Берунӣ, дидгоҳҳои ахлоқии ӯ ва мушкилоти иҷтимоие, ки ӯ ба миён гузоштааст, бахшида шуда бошанд, вуҷуд надорад. Ин пажӯҳиш, дар асл, талоши нахустини муаллиф мебошад, ки ба таҳлили амиқи низоми ахлоқии Берунӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи андешаҳояш равона гардидааст.

**Робитаи кор бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Ин тахқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷрои нақшаи умумии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сурат гирифтааст. Мавзуи пажӯҳиш — «Андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» — ба масъалаи муҳими рӯзмарраи ҷомеаи имрӯза, бахусус, дар шароити Тоҷикистон бахшида шудааст ва бо аҳдофи равшан дар чорчӯби масоили мубрами фалсафӣ мавқеъ гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии кори илмӣ аз таҳлили амиқи ҷанбаҳои ахлоқиву фалсафии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ ва арзёбии нақши осори ахлоқии ӯ дар замони муосир иборат аст.

Дар робита ба ин, иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад:

— таҳлили шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки дар даврони зиндагии мутафаккир ҳукмфармо буд;

— таҳлил намудани муносибати Абурайҳони Берунӣ ба фалсафа ва гузарондани таҳлили ҳамбастагии иртиботи фалсафа ва ахлоқ дар осори ӯ;

— муайян намудани сарчашмаҳои назариявии ҷахонбинии Абурайҳони Берунӣ, ки ба ташаккули афкори фалсафию ахлоқии ӯ таъсир расонидаанд;

— дар асоси омӯзиши осори мутафаккир ошкор намудани андешаҳои ӯ дар бораи моҳияти фалсафа, ахлоқ ва инсон;

— ошкор намудани моҳият ва хусусияти этикаи Берунӣ;

— муайян кардани аҳамияти назарияи фалсафӣ - ахлоқии Берунӣ барои замони муосир;

— таҳқиқ кардани ақидаҳои ахлоқии Берунӣ, ки масъалаҳои мушкили ҷомеаро бо диди хос фарқ мекунонад.

**Объекти таҳқиқот –** фалсафаи ахлоқии Абурайҳони Берунӣ.

**Предмети таҳқиқот –** арзишҳои асосӣ ва муҳимми ахлоқии Берунӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он барои ҷомеаи муосир.

**Марҳила ва давраи таҳқиқотро** андешаҳои ахлоқӣ аз асрҳои миёна ва муқоисаи онҳо бо замони муосир ташкил медиҳад. Давраи таҳияи таҳқиқот солҳои 2016-2024-ро дар бар мегирад.

**Асоси назариявӣ ва методологии диссертатсия.** Диссертатсия бар пояи равишҳои диалектикии таҳлили таърихию фалсафӣ устувор аст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот кӯшиш ба харҷ додааст, ки принсипи муттаҳидсозии мантиқ ва таърихро ба таври пайваста татбиқ намояд. Ҷанбаи назариявӣ ва методологӣ аз истифодаи усулҳои таҳлил ва муқаррароти илмии классикони андешаи фалсафӣ, ҳамчунин, пажӯҳишҳои муҳаққиқони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таърихи фалсафа иборат аст.

**Сарчашмаи маълумотро** асарҳои таърихию фалсафии Берунӣ «Ҳиндустон», «Ёдгориҳои наслҳои гузашта», «Маъданшиносӣ», «Илми ситораҳо», шарҳу тавзеҳот ва қайдҳои муаллифони гуногун оид ба осори ӯ - «Таърихи Хоразм», «Сайидона», «Геодезия», «Афсонаҳо дар бораи Хитой ва Ҳиндустон» ва ғайра мебошанд.

Навоварии илмии таҳқиқот. Хусусияти инноватсионии ин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили муфассали низоми категорияҳои ахлоқӣ бори аввал кӯшиши ҳамаҷонибаи шарҳу тавзеҳи низоми ахлоқи ақлгароёнаи Абурайҳони Берунӣ сурат гирифтааст. Самтҳои асосии ин навовариҳоро метавон чунин тавсиф кард:

– барқарорсозии матни таърихии шаклгирии ҷаҳонбинии фалсафии Берунӣ, бозтоби муҳити маънавию зеҳнии даврони ӯ ва исботи асоснокии сарчашмаҳои назариявии осори ахлоқии мутафаккир;

– пешниҳод ва тавсифи низоми гурӯҳбандии категорияҳои ахлоқии Берунӣ дар чаҳорчӯби сохтори умумии ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии ӯ;

– ошкорсозии вижагиҳои хоси ахлоқи ақлгароёнаи ӯ ва эътиқод ба неруи созандаи тафаккури инсонӣ, ки бо воситаи дониш ва тарбия қобилияти тағйир додани табиати ботинии инсонро дошта, хусусиятҳои манфии нафсонӣ (нафс, ҳавас ва ғ.)-ро маҳдуд мекунад ва фазилатҳои иҷтимоии судмандро озод менамояд;

– муқаррар кардани пояҳои асосии низоми ахлоқии ӯ, ки бар се мафҳуми калидӣ — ақл, рух ва лаззат устувор аст ва тавсифи робитаҳои байни онҳо, аз диди Берунӣ бо меъёрҳои мантиқӣ ва ақлонӣ танзим меёбанд;

– таҳлили дуализми категориявии андешаи ахлоқии Берунӣ, ки бар муқобилагузории аъмоли нек ва бад асос ёфтааст; дар ин замина, мавқеи равшани ӯ нисбат ба маҳкумсозии хислатҳои паст ва таблиғи ахлоқи нек ҳамчун ҷавҳари инсонӣ муайян мегардад;

– баррасии афкори мутафаккир нисбат ба ҳолатҳои ангезиш (изтироб), руҳия, фазилатҳо ва зарурати ташаккули хислатҳои солим дар инсон;

– исботи робитаи амиқ байни ду категорияи калидӣ — адолат ва некӣ — дар фаҳмиши ахлоқии ӯ, ки ба гуфтаи Берунӣ «адл маҳсули некӣ аст»;

– ниҳоят, барқарорсозии робитаи методологӣ ва маънавии мероси ахлоқии Берунӣ бо арзишҳо ва талаботи ахлоқии замони муосир, шарҳи

дидгоҳи ӯ нисбат ба фалсафа ва ахлоқ ҳамчун унсурҳои марказии ҳаёти маънавии шахсият ва ҷомеа.

**Заминаҳои эмпирикӣ** бо далелу иттилооти илмии эътирофшудаи ҷомеаи илмӣ асос ёфтааст, ки дурустии онҳо тавассути таҳқиқоти қаблӣ собит гардида, мавқеи худро дар адабиёти махсус ва таҷрибаи амалӣ устувор намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нawоварии кори рисола дар он ифода ёфтааст, ки дар асоси сохтори категорияҳои ахлоқӣ бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи ахлоқи ақлгароёнаи Абурайҳони Берунӣ гузаронида мешавд, ки аз инҳо иборат аст:

– шароит ва сарчашмаҳои таърихии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ бозсозӣ шуда, муҳити ақлии даврон ошкор гардида, ҳаққонияти сарчашмаҳои назариявии мероси ахлоқии Берунӣ нишон дода мешавад;

– гурӯҳбандии дастгоҳи мақулавии ахлоқи Абурайҳони Берунӣ дар заминаи умумии назариявии сохтори ҳастӣ ва маърифатии ӯ;

– вижагиҳои ахлоқи оқилонаи Абурайҳони Берунӣ ошкор шуда, эътиқоди ӯ ба қудрати дигаргунсозандаи тафаккури инсонӣ, вақте ки он тавассути нерӯи дониш ва тарбия табиати инсонро (ҷон, нафс ва ғ.) такмил дода, пояҳои пасти сифатии онро пахш карда ва фазилатҳои фоиданоки ҷамъиятиро озод мекунад;

– ошкор мешавад, ки тамоми низоми ахлоқии Абурайҳони Берунӣ бар пояи се категорияи муҳими асосӣ: ақл, рӯҳ ва лаззат сохта шудааст. Муносибати байни ин тоифаҳо ба назари Берунӣ дар асоси меъёр сохта мешавад, ки бо ақл муқаррар мешаванд;

– дар асоси таҳлили низоми категорияҳои ахлоқии Берунӣ хусусияти дуӣ-мухолифии низоми ахлоқии ӯ ошкор мегардад, ки аз категорияи рафтори нек ва категорияи рафтори бад иборат аст. Абурайҳони Берунӣ бар хилофи дигар ахлоқчиёни асримиёнагӣ ба

назарияи «бо зиддият», яъне хислатҳои пасти нафси инсонро маҳкум намуда, ҳамзамон ба хислатҳои некӣ инсонӣ ташвиқ мекунад;

– мазмуни назарияи мутафаккир оиди ҳолатҳои ангезави(изтироби)-и рӯҳ, фазилатҳо ва андешаҳои ӯ дар бораи зарурати такмили хислати инсон таҳқиқ карда мешавад;

– аҳамияти калидии робитаи категорияҳои адолат ва некӣ дар низоми ахлоқии Берунӣ муқаррар мешавад, ки «адл меваи некӣ аст»;

– байни мероси ахлоқии Берунӣ ва замони муосир робита барқарор шудааст. Назарияҳои умуми - усули ва муносибати мутафаккир ба шарҳи робитаи фалсафа ва ахлоқ, аҳамияти онҳо дар ҳаёти маънавии ҷамъият ва шахсият муайян мешаванд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Андешаи фалсафии Абурайҳони Берунӣ дар асоси таҳқиқи амиқи сарчашмаҳои гуногун — аз осори фалсафии бостонии юнонӣ ва эронӣ то матнҳои исломӣ ва тиббии даврони миёна ташаккул ёфта, инъикоскунандаи ҳамгироии фарҳангиву зеҳнии мактабҳои андешаи гуногун мебошад. Ӯ бо шеваи хоси таҳлил, донишҳои мавҷударо ба як низоми муназзами ҷаҳонбинӣ табдил додааст.

2. Фаҳмиши ахлоқ дар таълимоти Берунӣ берун аз доираи тафсирҳои анъанавии динӣ қарор мегирад. Ӯ амсилаеро пешниҳод мекунад, ки ба ҷойи таъкиди танҳо бар маншаъҳои осмонӣ, эҳтиёҷоти амалӣ ва ақлгароёнаи инсонро дар марказ мегузорад. Яъне, ӯ ташкили системаи ахлоқии мутамарказ бар таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва имконияти маърифии инсонро ҳадаф қарор додааст.

3. Тасаввуроти ӯ дар бораи ҳастӣ, хусусияти равшан ва воқеъгароёна дошта, ҳар гуна падидаи оламро ҳамчун воқеияти мустақил ва дорои сохтори ботинӣ баррасӣ мекунад. Ӯ мавҷудияти ашё, фазо, вақт ва ҳаракатро бо рӯҳ ҳамчун унсури ҷовидони таркибии олам тавъам медонад, ки нишонаи диди натуралистии ӯ мебошад.

4. Нисбат ба мафҳуми Худо, Берунӣ аз таълимоти анъанавии динӣ фарқ мекунад. Ӯ на ҳамчун пайрави амсилаи классикии илоҳияти динӣ, балки ҳамчун мутафаккире мебарояд, ки қувваи офаридгори ҷаҳонро ба ҳайси як ҷавҳари абадӣ ва неруи танзимкунандаи тартиби табиӣ дарк мекунад. Маҳз чунин дарки ҳақиқатбинии ӯ таълимоти марбут ба илоҳиро ба шакли фалсафии махсус табдил медиҳад.

5. Маншаи ахлоқ дар осори Берунӣ дар таниш миёни қувваи идроки маърифатгарои инсон (ақл) ва неруҳои моддӣ ва ҳавои нафсонӣ ҷой дорад. Ӯ ҳамаи зуҳуроти ахлоқиро ҳамчун паёмади мунокишаи дохилии инсон байни майли иродаи маънавӣ ва хоҳишҳои ҳайвонӣ арзёбӣ мекунад, ки дар навбати худ ҷавҳари ахлоқи ӯро ташкил медиҳад.

6. Аз диди Берунӣ, вазифаи аслии ахлоқ аз ислоҳи рафтор ва худсозии инсон тавассути андӯхти дониш ва такмили маърифат иборат аст.

7. Мероси ахлоқии Берунӣ, ки дорои арзишҳои умумибашарӣ ва мазмуни равшан мебошад, метавонад ҳамчун заминаи муҳим барои тарбияи ахлоқии насли нав ва баландбардории сатҳи маънавии ҷомеа фаъолона истифода бурда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ин таҳқиқот метавонад заминаи мусоид барои густариши омӯзиши амиқи ҷанбаҳои камтаваҷҷуҳи ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ гардад, ки то имрӯз бинобар як қатор сабабҳои таърихӣ ва илмӣ аз таҳлили мустақими фалсафӣ дур мондаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои ислоҳи баъзе ақоиди беасосе, ки нисбат ба мероси илмии Берунӣ то ҳол дар баъзе таҳқиқот ҷой доранд, мусоидат кунанд.

Аҳаммияти назариявӣ, илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқонро дубора ба сарчашмаҳои фалсафии ниёгони фарҳангии мо ҷалб менамояд. Ин мерос, дар навбати худ, метавонад дар ташаккули маънавиёти шахсият ва таҳкими арзишҳои инсонгароёна дар фазои ислоҳоти иҷтимоиву маънавии Тоҷикистони имрӯза нақши муассир бозад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад дар таҳияи маводи таълимӣ, омода кардани курсҳои махсус ва гузаронидани дарсҳо аз таърихи фалсафаи Шарқи Наздик ва Миёна, инчунин, аз таърихи фалсафаи форсу тоҷик дар асрҳои IX–X ба таври густурда истифода шаванд, ки барои баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти фалсафӣ – заминаи устувор фароҳам орад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосии ин диссертатсия бо такя ба таҳлили амиқи маҷмуи калони манбаъҳои илмӣ-фалсафӣ ва ба воситаи истифодаи усулҳои методологии диалектикӣ, таърихӣ ва мантиқӣ таҳия гардидаанд. Ин равишҳо заминаи устувори илмӣ фароҳам оварда, дурустии натиҷаҳои пажуҳишро таъмин менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.05 – Таърихи фалсафа мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф буда, тамоми марҳилаҳои кор — аз ташкили ҳадаф ва вазифаҳо то таҳлили сарчашмаҳо ва хулосабардорӣ бо иштироки мустақими унвонҷӯ сурат гирифтаанд. Муаллиф шахсан дар интихоби мақсадноки мавзуъ, ҷобаҷогузории фаслҳо, таҳияи сохтор, коркарди манобеи илмӣ ва таҳлили муфассали натиҷаҳо саҳм дошта, сабки баёни равшан ва мураттабро риоя кардааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Маводи таҳқиқотӣ дар шакли мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ нашр шуда, баррасии васеъ пайдо кардааст. Илова бар ин, муаллиф монографияе таҳти унвони «Ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар фалсафаи тоҷик» ба табъ расонидааст. Натиҷаҳои илмии дар ҷараёни таҳқиқот бадастомада дар конфронсҳои солонаи устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин, дар ҳамоишҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод ва муҳокима шудаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи №9/1 аз «11.04.2025»), муҳокима карда гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулоса ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кор.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

## БОБИ 1. ШАРОИТҲОИ ТАЪРИХӢ ВА САРЧАШМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

### § 1.1. Шароити иҷтимоию сиёсии давраи Абурайҳони Берунӣ

Давраи таърихӣ, ки аз соли 622 мелодӣ — соли ҳиҷрати Паёмбари Ислом ҳазрати Муҳаммад (с) аз Макка ба Мадина — оғоз мегардад, дар таърихи инсоният марҳилаи ташаккули ду тамаддуни бузурги умумиҷаҳониро муайян менамояд: ислом ҳамчун дини нав ва неруи навзуҳур, ки оҳиста-оҳиста доираи таъсири худро ба даҳҳо миллату давлат паҳн кард, ва насрония (масеҳият), ки баъди суқути тамаддуни антиқӣ дар шакли нав эҳё гардид ва ба рукни фарҳанги аврупоӣ табдил ёфт. Ин марҳилаи таърихиро метавон давраи умумии ҷамъшавии дастовардҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, динӣ ва фанноварӣ номид, ки башарият, сарфи назар аз фарқияти амиқи минтақавӣ ва нобаробарии рушд, онро ҳамчун ҳаракати ягонаи пешсаф таҷриба кард.

Нақши асосии пешбарандаи ин ҷараёнро минтақаҳои калидии тамаддун иҷро мекарданд, дар ҳоле ки манотиқи дигар ба унвони маданияти «ҳошиявӣ» хизмат мерасониданд. Тамаддуни арабӣ-исломӣ, ки ба таври бесобиқа вориди саҳнаи таърих гардид, бо худ низоми навини хати арабӣ ва рақамҳои ҳиндиро овард. Арзиши ин тағйирот бо кашфи алифбо ва таҳаввулоти навтарини илмию риёзии замон баробар буд. Илм ва фарҳанг дар қаламрави ҷаҳони ислом, новобаста аз бесуботии сиёсӣ, дар тӯли асрҳо рушд карданд ва асоси таҷаддуди фарҳангиро дар қаламрави васеъе ба вуҷуд оварданд.

Дар фосилаи солҳои 622 то 1492 аввалин маротиба дар таърих тамғагузорӣ ва ҷудо кардани мафҳумҳои “Шарқ” ва “Ғарб” ба таври мушаххас сурат гирифт. Дар ин замон, дар бахши шарқии ҷаҳони қадим, сулолаи Тан (618–907) дар Чин қудратро ба даст гирифта, кишварро муттаҳид ва дигаргун сохт. Онҳо сиёсатҳои васеъкунии қаламравро ба

Осиёи Марказӣ равона намуда, бо минтақаҳои ғарбии Эрон — Суғд ва Форсҳои сосонӣ — робитаҳои фарҳангӣ ва дипломатӣ барқарор карданд.

Моҳияти бархӯрди ин ду неру дар соли 751 дар ҷанги Талас таҷассум ёфт, ки дар он қувваҳои арабӣ бар артиши чинӣ ғалаба карданд. Ин рӯйдод мавқеи Хитойро дар Ғарб маҳдуд намуда, барои ислом дар шарқи Осиёи Марказӣ роҳи баромад фароҳам овард. Ҳамин тариқ, таъсиси нуфузи исломӣ дар минтақа боиси густариши таъсири фарҳангии он дар қаламрави Эрон гардид.

Дар марҳилаи ибтидоии асрҳои миёна равандҳои таърихие ба вуқӯъ пайвастанд, ки аҳаммияти хос барои ташаккули миллии тоҷикон доштанд. Шаклгирии миллати тоҷик ҳамчун падидаи мураккаби этнофарҳангӣ дар заминаи омезиши як қатор гурӯҳҳои аҳолии маҳаллии Мовароуннаҳр сурат гирифт. Дар ин раванд нақши ҳалкунандаро қавмҳои суғдӣ, бактрӣ – тохарӣ, марғиёию парфиянӣ (бо номи умумии хуросониён), ҳамчунин, намояндагони хоразмиён, фарғониён ва қабилаҳои кӯҳистониву саҳроии сакҳо, массагетҳо ва канглҳо бозиданд — ҳамаи онҳо зергуруҳҳои шарқии эронинажодро ташкил медоданд, ки бо забон ва фарҳанги муштарак фарқ мекарданд.

Оғози ташаккули тоҷикони муосир ба давраи ҳукмронии Сосониён дар Хуросон рост меояд. Минбаъд ин раванд ба қаламрави Мовароуннаҳр интиқол ёфт ва дар даврони Сомониён (асрҳои IX–X) ба марҳилаи ҷамъбастии худ расид. Давлати Сомонӣ ҳамчун аввалин шакли муназзами давлатдории тоҷикон дар фазои аз Ҳиндукуш ва Тиёншон то Хазар ва Помир арзи вуҷуд кард ва пояҳои миллию фарҳангии миллатро мустаҳкам сохт.

Дар ҳамин давра паҳншавии ислом ба минтақаҳои туркнишин низ оғоз ёфт, ки дар асри X ин раванд суръати бесобиқа пайдо кард. Ислом танҳо бо арзишҳои динӣ маҳдуд намешуд — он бо худ маданияти пешрафтаи илмӣ, техникӣ ва иҷтимоиро низ овард, ки сар аз Гуанчжоуи Чин то Гранадаи Андалус паҳн гардид.

Ин падида, ки аҳаммияти таърихӣ, динӣ ва фарҳангии фарогир дошт, харитаи тамаддуни ҷаҳониро ба таври куллӣ тағйир дод. Густариши ислом марзҳои Африқои Шимолу Шарқӣ, қисмате аз Аврупо, Осиёи Ғарбу Марказӣ, вуруд ба дохили Чин, бахшҳои бузурги Ҳиндустон ва ҷазираҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар бар гирифт. Ислом бо мурури замон ба низоми мутаносиби иҷтимоӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ табдил ёфт, ки таъсири он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ эҳсос мешуд. Забони арабӣ ҳамчун василаи умумии муошират, илм ва андешаҳо амал намуда, гуногунрангии забонҳои минтақавиро муваққатан ба канор гузошт [73, с.6].

Марҳилаи ташаккул ва рушди тафаккури илмӣ-фалсафии Абурайҳони Берунӣ ба давроне рост меояд, ки кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна зери таъсири истилои арабҳо қарор доштанд. Дар натиҷаи як силсилаи ҷангҳои тӯлонӣ, ки беш аз сад сол идома ёфт, қаламравҳои бузурги Эрон, Сурия, Африқои Шимолӣ, ҷануби Испания ва минтақаҳои Қафқоз ба ҳайати хилофати арабӣ ҳамроҳ карда шуданд. Аз миёнаи асри VII сар карда, арабҳо ба тавсеаи нуфузи худ дар Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик оғоз карданд.

Бо вуҷуди ин, равандҳои паҳншавии ислом на дар ҳама ҷо бо суръати баланд ва зӯрӣ амалӣ мегардид. Тамаддуни пеш аз исломии форсиён қобилияти мутобиқшавии баланд дошт ва дар шаклгирии фарҳанги исломии форсӣ нақши муассир гузошт. Иқдоми истилогаронаи арабҳо дар минтақаҳо бо муқовимати ҷиддии сокинони маҳаллӣ рӯ ба рӯ гардид. Ба қавли шарқшиноси маъруфи рус И.Ю. Крачковский, пешравии арабҳо дар Осиёи Миёна хеле кунд сурат гирифт, зеро дар ин минтақа онҳо бо халқҳое рӯ ба рӯ шуданд, ки дорои сатҳи баланди ташкили сиёсӣ ва маданияти шаҳрнишинӣ буданд, ки садди роҳи пешравии босуръати истилогарон гардид [78, с.196].

Таърихнигори шинохта Бобоҷон Ғафуров низ таъкид мекунад, ки дар замони истилои арабҳо, кишварҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар марҳилаи ибтидоии инкишофи сохтори феодалӣ қарор доштанд. Иқтисоди ин ҷомеаҳо

бар пояи заминдорӣ, тиҷорат ва чорводорӣ устувор буд. Дар марказҳои шаҳрӣ ҳунармандӣ ва касбу саноат босуръат инкишоф меёфт.

Шаҳрҳои қадимаи Фарғона, Суғд, Шош ва Шаҳрисабз ба марказҳои муҳимми фарҳангӣ ва иқтисодӣ табдил ёфта буданд. Зироат ва обёрии муназзам дар ин минтақаҳо ба сатҳи баланди ташаккул расида, саноати коркарди тилло, нуқра, оҳан ва мис дар вилоят ба таври касбӣ роҳандозӣ шуда буд [1, с.35–39].

Дар баробари ин, истеҳсоли молҳо ва равнақи тиҷорат ба авҷи худ расид. Масалан, абрешимҳои ранга ва зебои истеҳсоли Самарқанд, Фарғона ва Бухоро ба кишварҳои гуногун — аз Ҳиндустон ва Чин то Византия ва Сибир — содир мешуданд ва серталабтарин маҳсулот маҳсуб меёфтанд [98, с.195–200].

Дар қаламрави вилоятҳои бузурги Бохтар ва Тахористон дар асрҳои VI–VII зиёда аз сию панҷ воҳиди ҳудудӣ (шоҳигарӣ) вуҷуд доштанд, ки ҳар кадоми онҳо таҳти роҳбарии подшоҳони алоҳида қарор доштанд. Ин шоҳигариҳо дорои марказҳои шаҳрии худ буда, марказҳои маъмурии муҳим ва муассисаҳои фарҳангӣ ба шумор мерафтанд. Дар байни чунин шаҳрҳои бузург ва машҳурро метавон ном бурд : Балх, Тошканд, Кобул, Зобул, Ҳирот, Марваруд ва Тирмиз. Дар ҳудуди водии Ҳисор низ як қатор марказҳои муътабари сиёсиву фарҳангӣ арзи ҳастӣ доштанд: Регар, Хамоварон (Шаҳринав), Шумон (Ҳисор), Вашгирд (Файзобод), Гурканд (Рашт), Хум (Дарвоза), Шуғнон ва Вахон.

Дар минтақаи Суғд бошад, Самарқанд мақоми бузургтарин шаҳрро соҳиб буд ва таҳти идораи шоҳи Суғд қарор дошт. Қисмҳои алоҳидаи шаҳр (кӯчаҳо ва ноҳияҳо) аз тарафи подшоҳони маҳаллӣ идора мешуданд, ки ҳамаи онҳо ба ҳокими марказӣ тобеъ буданд. Самарқанд дар он давра дорои якчанд воҳидҳои зерини маъмурӣ буд, аз ҷумла: Ми (Маймурғ), Тсао ва Ҳэ (Иштихон ва Кушония), Ани Сағир (марзи шарқии Бухоро), Нашебо (Насаф) ва дигарон.

Бо фарорасии истилои арабҳо, Самарқанд ба яке аз муҳимтарин марказҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ табдил ёфта, дар он тиҷорати дохилӣ ва байналмилалӣ ба авҷи баланд расида буд. Панҷакент низ дар ин замон ҳамчун як маркази тавонои иқтисодию маъмурӣ шинохта мешуд ва доираи нуфузи он ба вилоятҳои Зарафшон паҳн шуда буд. Дар санадҳое, ки аз кӯҳҳои Муғ пайдо шудаанд, номҳои чунин шаҳракҳо зикр шудаанд: Моҳиён (Моҳтобӣ), Паргар (Фалғар), Киштут, Мартушкат (Мастчоҳи имрӯз) — ҳама ба ҳайати Панҷакент шомил буданд [40, с.334].

Шаҳрҳои дигари пешрафта низ дар ҳамин давра вуҷуд доштанд, аз ҷумла: Фарғона, Чоч ва Истаравшан. Дар ҳуҷҷатҳои таърихии асрҳои VII–VIII вилояти Фарғона бо номҳои Фейхон, Бохон ва Паханна низ ёдоварӣ шудааст [40, с.389].

Дар ин маъхазҳо зиёда аз 40 шаҳри калон сабт гардидааст. Бисёре аз шаҳрҳои Фарғона Хваканд (Қӯқанд), Риштон, Хуҷанд, Марғелон, Андукон (Андиҷон), Қанд (Конибодом), Аспора (Исфара) ва дигарон дар замони худ шухрати зиёд доштанд. Маркази маъмурии Фарғона шаҳри Ахшикат — дар соҳили дарёи Ахшо (Сирдарё) ҷойгир буд.

Шоҳиди равшан будани аҳаммияти ин марказҳои минтақавӣ ва робитаҳои байнидавлатӣ иттиҳоди муваққатии шоҳигариҳои Суғд, Чоч, Фарғона ва қавмҳои турк мебошад, ки солҳои 712–713 бар зидди истилои арабҳо ташаккул ёфт ва аз муборизаи муштарак бар асоси манфиатҳои умумии сиёсӣ ва фарҳангӣ дарак медиҳад.

Дар нигоҳи аввал чунин менамуд, ки кишварҳои Осиёи Миёна ва Эрон то замони юришҳои арабҳо дорои робитаҳои муътадили сиёсӣ буданд, аммо таҳлили амиқтар нишон медиҳад, ки воқеият аз тасаввурот фарқ мекард. Дар дохили иттиҳодияҳои туркӣ ва давлатҳои Суғд як қатор аморати хурди феодалӣ ҷой доштанд, ки дар байни онҳо рақобат ва низоъҳои доимӣ ҳукмфармо буд. Ин ҷудоии сиёсӣ ва муборизаи беист байни ҳокимон боиси заиф гардидани тавоноии умумии кишварҳо гашт. Дар чунин вазъ, роҳбарони алоҳида ба хотири ҳифзи истиқлолияти худ, ноогоҳона ба

неруҳои истилогари арабӣ майл пайдо карда, ҳатто бар зидди мардуми худ ҳамдаст мешуданд.

Намунаи равшан аз чунин ҳолат амалкарди ҳокими Чағониён Тиш аст, ки ихтиёран ба тарафи арабҳо гузашт ва халқашро ба забти сарзаминҳои ҳамсоя ташвиқ кард. Тибқи навиштаи Табарӣ, Кутайба ибни Муслим аз дарёи Омӯ гузашта, ба сӯи Пайканд ҳаракат намуд. Дар ҳайати неруҳои ӯ деҳқонон ва сарватмандони ватанфурӯши Балх ва Чағониён шомил буданд, ки аз манфиатҳои худ равона ба ҷонибдории арабҳо баромад карданд [40, с.412]. Ҳамзамон, баъзе аз амирон бо роҳи ришваситонӣ ва мувофиқаҳо кӯшиш мекарданд, ки сарзамини худро аз ҷангҳо ва ишғол раҳо кунанд.

Соли 705 бо таъйини Қутайба ибни Муслим ба вазифаи волии Хуросон ҳаракатҳои низомии арабҳо дар Осиёи Миёна шакли мунтазами фатҳро гирифтанд. То ин замон, амалиёти ҳарбии онҳо бештар ҷангу тохтутози муваққатӣ буданд. Дар ҳамон сол, Қутайба бо неруи бузурги низомӣ аз марзи Амударё гузашт ва шаҳри Пайкандро ишғол намуд [90, с.54–55].

Баъди якчанд кӯшишҳои пайдарпай, соли 709 неруҳои арабӣ Бухороро забт карданд, ва дар соли 712 навбат ба Самарқанд, Суғд, Чоч, Хуҷанд ва Фарғона расид. Арабҳо бо истифода аз ихтилофоти байни шаҳрҳои тоҷикнишин тавонистанд як ба як онҳоро тасхир намоянд. Неруҳои маҳаллии мағлубшуда ба ҳайати қӯшунҳои арабӣ дохил карда шуда, барои шикасти дигар вилоятҳо истифода мешуданд. Ҳатто худи ҳокими Самарқанд Гурак ба Кутайба бо нигоҳи танқидӣ чунин гуфт: «Ту маро бо неруи бародаронам мағлуб кардӣ» [40, с.417].

Бо пешрафти низомии худ арабҳо ҳамзамон эътиқоди нав — исломро низ паҳн мекарданд. Дар ҳайати қӯшунҳо воҳидҳои махсуси таблиғгарони динӣ шомил буданд, ки бо истифода аз роҳу усулҳои мухталиф паҳн кардани дини исломро таъмин мекарданд. Яке аз шаклҳои асосии ҷалби аҳолӣ — додани имтиёзҳо ба онҳое буд, ки ихтиёран дини навро қабул менамуданд: масалан, озодӣ аз пардохти андоз. Наршахӣ дар ин маврид менависад, ки Кутайба фармон дод, ки тамоми сокинони Бухоро бояд панҷ бор дар рӯз ба

масҷиди марказӣ ҳозир шаванд. Ҳар нафаре, ки дар намоз ширкат меварзид, ду дирҳам ҳадя мегирифт [119, с.92].

Онҳое, ки аз қабули дини ислом худдорӣ меварзиданд, ба таври низомнок ҷарима мебардоштанд ва таҳти фишори шадид қарор мегирифтанд. Пас аз тасарруфи ҳар як минтақа, арабҳо гурӯҳҳои мусаллаҳи худро дар шаҳрҳо ва деҳот ҷойгир намуда, ҳамзамон бо онҳо намояндагони рӯҳониёни исломиро низ барои назорат ва татбиқи қонунҳои динӣ мефиристоданд. Баъди ишғоли Самарқанд, Қутайба ибни Муслим бародарашро бо неруҳои ҳарбӣ дар шаҳр ҷойгир карда, супориш дод: «Ҳар шахсе, ки пайрави буддоия ё зардуштия бошад ва аломати махсусе надошта бошад, бояд аз шаҳр берун нашавад. Агар чунин афрод пайдо шаванд — фавран маҳв шаванд. Ҳар нафаре, ки бо корд, ё силоҳ ҳангоми даромадан, ё баромадан аз дарвоза дида шавад, бояд ба қатл расад. Ҳамчунин, ҳар нафаре, ки шабона дар наздикии дарвоза бидуни сабаб пайдо гардад, низ бояд маҳв гардад» [40, с.422].

Ғайр аз ҷорӣ намудани фишори динӣ истилогарони араб ба мероси фарҳангии мардумони маҳаллӣ зарбаи ҷиддӣ заданд. Онҳо китобҳои динӣ ва илмии халқҳои таҳти тасарруфро ба коми оташ супурда, муассисаҳои фарҳангиро аз байн бурданд. Абурайҳони Берунӣ дар ин бора чунин менависад: «Ҳангоме ки Кутайба ибни Муслим шаҳри Хоразмро забт кард, фармон дод, ки тамоми китобҳое, ки бо забони хоразмӣ навишта шуда буданд, нобуд шаванд, ва шахсони босаводу донишманд ба қатл расонида шаванд» [3, с.48–68].

Дар охири асри VII ва ибтидои асри VIII, воҳидҳои таърихие чун Бохтар, Марғ, Парфия, Суғд, Хоразм ва як қатор ноҳияҳои кӯҳӣ ва даштӣ ба таври пайдарпай мавриди юриш қарор гирифта, таҳти ҳукмронии арабҳо қарор гирифтанд. Дар ин замина, дар минтақа Хуросон ҳамчун воҳиди маъмурии хилофат таъсис ёфта, шаҳри Марв ба ҳайси маркази маъмурии он муайян гардид.

Дар фосилаи бештар аз як аср арабҳо тавонистанд қисми зиёди қаламравҳои Аврупо, Африқо ва Осиёро зери ҳукми худ гиранд ва заминаи ташаккули як давлати ягона ва пуриқтидорро гузоранд, ки дар таърихи ҷаҳонӣ бо номи Хилофати Арабӣ шинохта шудааст.

Бо гузашти вақт, дар дохили хилофат равандҳои сармоядорӣ рушд ёфта, моликияти хусусӣ, хоса заминҳои калони обӣ, асосан, ба дасти аъён ва табақаҳои боло гузашта буд. Деҳқонон, ки ба замин дастрасии мустақим надоштанд, маҷбур буданд, заминро аз феодалон ва заминдорон ба иҷора гиранд. Шартҳои иҷора сахт буданд: қисми зиёди ҳосил — нисф, сеяк, ё ҳатто чоряк ба соҳибони замин дода мешуд. Меҳнати деҳқонон яке аз манбаҳои асосии иқтисодии хилофат ба шумор мерафт. Ба андешаи А.Е. Бертелс, дар он давра «деҳқонон дар радифи табақаи аз ҳама зиёд истисморшаванда қарор доштанд» [27, с.35].

Дар сохтори молиётии Хилофати Араб андозҳо аз аҳолӣ ба шаклҳои гуногун ситонида мешуданд. Ба навъҳои маъмултарини онҳо инҳо дохил мешуданд:

• **Хироҷ** – андозе, ки сокинони ғайримусулмон дар ҳаҷми аз 10 то 50 дарсад аз фоидаи солонаи худ пардохт мекарданд;

• **Сарона (ҷизя)** – пардохти махсус аз намояндагони динҳои дигар, аз ҷумла насрониён ва зардуштиён, ки ҳаҷмаш вобаста ба имконияти молии шахс аз 12 то 48 дирҳамро ташкил медод;

• **Закот** – андози динӣ, ки мусалмонон, чорводорон, косибон ва тоҷирон онро бо меъёри 2,5 дарсад аз даромади солонаи худ месупориданд;

• **Ъушр** – даҳяк, ё 10% ҳосили заминро ташкил медод ва онро соҳибони замин – мусалмонон  пардохт мекарданд.

Мувофиқи низоми андозбандии шариатӣ, пас аз қабули ислом, аз шахс дигар андозҳои ғайримусулмонӣ, аз қабили хироҷ ва ҷизя, ситонида намешуданд [46, с.93–94].

Мутахассиси шинохтаи даврони шӯравӣ Е.А. Беляев чунин изҳор мекунад, ки сарварони хилофат даромади назаррас аз ҳисоби андозбандии

қаламравҳои ишғолшуда ба даст меоварданд. Тибқи маълумоти таърихнигори асрҳои IX–X Ибни Хурдодбек, дар нимаи асри IX танҳо аз шаҳри Нишопур 4180,9 дирҳам, аз шаҳри Тус 740,8 ва аз минтақаҳои Эрон, Озарбойҷон, Рум ва Қазвин солона 500 ҳазор дирҳам андоз ба марказ ирсол мешуд. Ба гуфтаи ӯ, даромадҳои андоз дар даврони халифаи аббосӣ Ҳорун ар-Рашид (789–809) панҷ маротиба бештар аз маҷмуи тамоми даромадҳои андозии Империяи Византия буданд [125, с.111].

Чунин иқтидори молиявӣ имкон медод, ки хазинаи хилофат пайваста ғанӣ гардад, аммо дар баробари он, хароҷоти шахсии халифаҳо низ ба таври чашмгир афзоиш меёфт. Масалан, модари яке аз халифаҳо аз даромади солона 160 миллион дирҳам доштааст, дар ҳоле ки танҳо хароҷоти рӯзонаи халифа барои зиёфатҳо 10 ҳазор дирҳамро ташкил медод [25, с.239].

Ин мувозинати ноустувори даромаду хароҷот норозигии миёни халифаҳо, феодалон ва амалдорони баландмақомро ба вуҷуд оварда, баҳсҳо дар мавриди тақсими даромадро ба миён меовард.

Шиорҳои ислом дар бораи баробарии ҳама мусулмонон, озодӣ аз истисмор ва андозбандии нобаробар ҳамчун механизми таъсирбахши идеологӣ ба аҳолии маҳаллӣ истифода мешуданд. Ин шиорҳо бо идеологияи иҷтимоии ҷунбиши Маздак монандӣ доштанд, ки боиси ҳамовозии ин ғояҳо дар байни оммаи заҳматкаш мешуд. Дар натиҷа, муқовимати аҳолии Осиёи Миёна ва Эрон ба неруҳои арабӣ хеле суст гардид. Халқ, ки аз фишори андозҳои гарон ва зулми феодалони маҳаллӣ ба танг омада буд, дигар ҳимоятгарони маҳаллиро дастгирӣ намекард. Ба илова, истилогарон дар марҳилаи аввал мекӯшиданд, ки аҳолии маҳаллиро, хусусан, қишрҳои истеҳсолгар — деҳқонон ва косибонро ба ғазаб наоранд, зеро онҳоро ҳамчун манбаи асосии даромади худ мешинохтанд.

Паҳншавии ислом дар минтақаҳои зери нуфузи Хилофати Араб бо усулҳои гуногун, аз ҷумла, тавассути фишори ҳарбӣ ва иқдомоти зӯроварона сурат гирифтааст. Дар даҳсолаҳои охири асри VII ва чоряки аввали асри VIII, ки ба замони салтанати Умавиён рост меояд, дар қаламравҳои Осиёи

Миёна ва Эрон якбора авҷи ҳаракатҳои халқи зиддифеодалӣ ва зидди бартаридории араб мушоҳида мегардад. Бузургтарин ва таъсиргузортарини ин муборизаҳо шӯрише буд, ки таҳти роҳбарии Абумуслим сурат гирифт.

Норизоятии халқ, бахусус, деҳқонони форсизабон, ба хонадони Аббосиён дар он ифода меёфт, ки ваъдаҳои додашудаи адолат ва озодӣ иҷро нагардиданд. Ҳамзамон, қатли хиёнатбори Абумуслим, ки барои мардум рамзи мубориза ва раҳбарӣ буд, хашми оммаро ба авҷ расонд ва сабаби шӯришҳои доманадор гардид. Дар соли 755, чунин як ошӯби бузург бо раҳбарии Симбоди Муғ, зери шиори «интиқоми Абумуслим», дар масоҳати аз Хуросон то Озарбойҷон паҳн гардид.

Дар ҳамин давра истилоҳи **«хуррамиён»** дар манобеи таърихӣ зикр мешавад, ки маншааш бо номи Хуррама – ҳамсари Маздак иртибот дорад. Пас аз қатли шавҳараш, ӯ ба тарғиби ғояҳои маздакиён оғоз карда, як ҳаракати иҷтимоии навро ба роҳ монд [94, с.205].

Гарчанде даъватгарони ислом дар оғоз ин дини навро ҳамчун мазҳаби сулҳ, баробарӣ ва бародарии байни тамоми инсонҳо муаррифӣ мекарданд, дар тӯли асрҳои VIII–X, махсусан дар давраи давлатдории Умавиён ва Аббосиён равиши сиёсати онҳо куллан дигар шуд. Дар амал, истилогарони араб сокинони маҳаллиро бо лафзи таҳқиромези «маволӣ» ном мебурданд, ки мафҳуми таҳқири нажодӣ ва иҷтимоиро ифода мекард. Ин муносибати таҳқиромез нисбат ба мардумоне, ки таърихи пурғановати фарҳангӣ ва таҷрибаи бойи давлатдорӣ доштанд, заминаи хашму норозигии васеъро фароҳам овард. Ҳамин аст, ки ҷараёни машҳури **шуубия**, ки бар зидди бартаридории арабҳо нигаронида шуда буд, дар ин давра вусъат пайдо кард.

Шуубия ҳамчун ҳаракати фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур кард. Аз ҷумла, онро метавон дар чунин зуҳурот мушоҳида кард:

1. Шӯришҳои мардумӣ бо роҳбарии шахсиятҳои таърихӣ мисли Абумуслим, Симбоди Муғ, Бобак, Муқанна ва дигарон [2, с.67–68];

2. Муборизаи шахсони алоҳида барои расидан ба мансаб ва нуфузи сиёсӣ, чун дар мисоли хонадони Бармакиён;

3. Ташкили сулолаҳои нисбатан мустақил дар дохили хилофат, аз қабили Тоҳириён (832–873), Саффориён (873–903), Сомониён (875–999), Ғазнавиён (962 – 1186 ) ва Салчуқиён (1037 – 1194 );

4. Эҳёи суннатҳои мазҳабии пешазисломӣ, ба вижа талошҳо барои бозгашт ба зардуштӣ;

5. Тавсеаи ҷараёнҳои мазҳабӣ ва равияҳои навин, аз қабили мурҷиён, хуррамиён, исмоилиён ва дигарон;

6. Шиддат гирифтани равандҳои илмӣ, адабӣ ва маънавӣ, ки ҳадафашон зинда кардани арзишҳои фарҳангии аслии мардуми маҳаллӣ буд.

Оғози асри VIII бо шиддат гирифтани ҳаракатҳои муқовиматии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон муқобили ҳукмронии Хилофати Араб мутарафеъ гардид. Яке аз барҷастатарин инқилобҳои он замон шӯриши Ҳорис ибни Сурайҷ маҳсуб меёбад, ки дар солҳои 734–744 идома ёфта, хусусияти амиқи идеологӣ ва мазҳабӣ дошт. Ин шӯриш бар зидди режими Уммавиён равона шуда, талош дошт ҳокимияти марказиро, махсусан, дар ҳудудҳои шарқии хилофат заиф созад. Маҳз ҳамин ҳаракатҳо минбаъд ба ташаккул ва густариши шӯришҳои минбаъда, аз қабили қиёми Абумуслим, Шориқ (751–755), Ибни Шайх, Симбоди Муғ, Муқаннаъ, ҳаракатҳои қарматия ва дигар ҷунбишҳои озодихоҳӣ замина гузоштанд [119, с.103].

Қиёми Абумуслим, ки ба таври расмӣ аз ҷониби сулолаи Аббосиён пуштибонӣ мешуд, дар асл на танҳо ҷанбаи сиёсӣ, балки ифодаи иродаи озодихоҳии мардуми форсзабони Хуросонро низ доро буд. Гарчанде Абумуслим дар ибтидо ҳамчун муттаҳиди Аббосиён шинохта мешуд, равшан буд, ки нуфуз ва шуҳрати ӯ дар миёни аҳолии маҳаллӣ эҳсоси таҳдидро барои ҳукмрони баргузидаи араб ба вуҷуд оварда буд. Аз ин рӯ, халифаи Аббосӣ, Абуҷаъфар ал-Мансур соли 755 бо баҳонаи мулоқот ӯро ба Бағдод даъват карда, ба таври маккорона ба қатл расонд. Ин қатли

хиёнаткорона боиси сар задани мавҷи нави эътирозҳо ва шӯришҳо дар саросари Эрону Хуросон гардид.

Яке аз шӯришҳои пуршиддати баъдӣ инқилоби Симбоди Муғ буд, ки соли 755 дар манотиқи Табаристон, Хуросон ва Эрони ғарбӣ сар зад. Симбод, ки худро вориси маънавии Абумуслим медонист, мардумро бо шиори «интиқоми хуни Абумуслим» муттаҳид кард ва қувваҳои гуногуни мазҳабии мухолиф, аз ҷумла, хуррамиён ва зардуштиёнро ба тарафи худ ҷалб намуд. Шӯриш бо сахтӣ дар шаҳри Рай саркӯб гардид ва худи Симбод ба қатл расонида шуда, аъзои хонаводааш ба ғуломӣ фурӯхта шуданд. Бо вуҷуди ин, ҷонибдорони ӯ муборизаро идома доданд ва бар он буданд, ки рӯзе Абӯмуслим эҳё шуда, адолати аз дастрафтаро барқарор хоҳад кард. Гарчанде шӯриши Симбод расман шикаст хӯрд, неруи идеологии он ва эътиқоди мардум ба барқарории адолат пурра барҳам нахӯрда буд.

Дар соли 767 дар Хуросон боз як ҳаракати ошӯбгарона бо роҳбарии шахсе бо лақаби Устод Сис сар зад. Минбаъд, дар солҳои 778–779 дар минтақаи Гургон шӯриши қишри деҳқонон зери унвони «сурхаламон» ба амал омад. Ҳангоми ҳукмронии халифа Маҳдӣ (775–785) шӯриши дигари муассир таҳти роҳбарии Муқаннаъ сар зад, ки доманаи он Хуросон ва манотиқи ҳамҷаворро фаро гирифт [2, с.96–97].

Тибқи маълумоти муътамад, Муқаннаъ зодаи шаҳри Марв буда, ба эҳтимоли зиёд дар гузашта ҳамчун фармондеҳи ҳарбии Абумуслим фаъолият доштааст ва дар муборизаҳои зидди Умавиён иштирок намудааст [40, с.437]. Гарчанде ин шӯриш дар соли 780 саркӯб гардид ва худи Муқаннаъ ҷони худро гирифт, пайравонаш ба мубориза идома дода, то чанд соли минбаъда шӯришҳои парокандаи «ҷомасафедон» дар нуқтаҳои мухталифи Осиёи Миёна ба амал омаданд.

Яке аз чунин ҳаракатҳои зикршуда шӯриши соли 798 дар вилояти Сиистон таҳти роҳбарии Ҳамза ибни Батрак буд, ки асосан, аз деҳқонон ва табақаҳои косибон иборат буд. Аммо пурқудраттарин шӯриш дар ин давра инқилоби Бобак буд, ки тамоми қаламрави Озарбойҷон ва Эрони ғарбиро

фаро гирифт. Дар ин шӯриш доираҳои гуногуни ичтимоӣ – аз қишри деҳқонон то соҳибони моликияти миёна бо иттиҳод зери парчами Бобак бархостанд. Онҳо рамзи муқовимати худро — либоси сурх — интихоб карда, бо ин сабаб дар манбаъҳо ҳамчун «сурхҷомагон» зикр мешаванд. Дар барномаи амалиёти ичтимоии онҳо унсурҳои таълимоти хуррамия ва маздакия ба таври возеҳ эҳсос мешуд. Онҳо тақозо мекарданд, ки моликияти феодалон мусодира шуда, замин ба кишоварзон дода шавад, баробарии умумӣ барқарор ва имтиёзҳои табақаҳои болоӣ бекор гарданд.

Як нуқтаи заъфи муҳими ин ҳаракат дар он буд, ки Бобак барои тақвияти муқовимат ба неруҳои хилофат бо ҷараёнҳои алоҳидаи шиаёни арманӣ, албанӣ ва форсӣ паймон баст [119, с.101].

Ин иттиҳод ба мустаҳкам шудани иқтидори ҳарбии хуррамиён мусоидат кард, аммо татбиқи барномаи ичтимоии васеъмиқёсро душвор сохт. Маҳз ин шӯриш хилофати Аббосиро ба ларза овард. Фақат дар давраи халифаи Муттасим (833–842), ки артиш аз нав созмон дода шуд ва фармондеҳии он ба феодали маъруфи Осиёи Миёна — Афшин вогузор гардид, дар ҷабҳаи ҷанг тағйирот ба амал омад.

Дар соли 806 боз як шӯриши калони халқӣ дар Самарқанд ба вуқуъ пайваст. Ин дафъа роҳбарии ҳаракатро Рофеъ ибни Лайс бар уҳда дошт, ки ҳамчун як фармондеҳи собиқи араб бо вазъияти ичтимоии маҳаллӣ хуб шинос буд ва аз ин дониш бо моҳирӣ истифода кард. Вай қасри ҳокими Самарқандро ишғол намуд, роҳбарони маҳалро нобуд сохт ва назорати шаҳрро ба даст гирифт. Ин шӯриш бо суръат дар манотиқи дигар густариш ёфта, шаҳрҳои муҳими Бухоро, Хуҷанд, Истаравшан, Хоразм, Фарғона, Балх, Тахористон, Насаф ва дигар нуқтаҳоро фаро гирифт [40, с.449].

Ҷунбиши қарматиён яке аз муҳимтарин ва нерумандтарин ҳаракатҳои зидди ҳукумати халифаҳои Аббосӣ ба шумор меравад. Ин ҷунбиш на танҳо хусусияти ичтимоӣ, балки шакли равшани муқовимати идеологӣ ба феодализм ва исломияти расмиро низ ба худ гирифта буд. Идеологҳои ин ҳаракат, асосан, аз миёни деҳқонон ва ақшори поёнии ҷомеа мебаромаданд,

аз омехтаи мероси фарҳанги пешазисломӣ ва таълимоти «шиаҳои мухолиф» истифода карда, мавқеи худро дар муқобили зулми иҷтимоиву сиёсӣ мустаҳкам менамуданд. Онҳо ҳақиқати расмии исломро зери шубҳа қарор дода, ба ғалабаи ниҳоии неруҳои некӣ ва рӯшноӣ бар шарри иҷтимоӣ ва истибдоди ҳукмрон бовар доштанд.

Ҳамдон Қармат, шахсе, ки ҳамчун раҳбари ин ҳаракат шинохта шудааст, исломро мавриди интиқоди шадид қарор дода, таъкид менамуд, ки дин дар асл эҷоди инсонҳоест барои танзими ҷомеа ва мутобиқсозии ҳаёти ҷамъиятӣ бо талаботи замон, вале баъдтар ба абзори тасаллути иҷтимоӣ табдил ёфтааст [121, с.180–182].

Дар ин замина, ҳаракати қарматиён, ба мисли дигар шӯришҳои иҷтимоии асрҳои миёна, ба шакли таҳрифшуда ва бидъатноки таълимоти исмоилия такя мекард. Ҳанӯз дар зуҳури ибтидоии исмоилия равшан буд, ки дар он унсурҳои зиддиисломӣ шомиланд. Исмоилиён, монанди муътазилаҳо, илоҳияти Қуръонро рад намуда, озодии инсонро дар интихоби эътиқод таъкид менамуданд.

Баъзе роҳбарони феодалии ҷунбиши қарматия мекӯшиданд таълимоти равшанфикронаи исмоилияро бо унсурҳои масеҳӣ омехта намоянд. Онҳо бар асоси идеяи наҷотбахши Масеҳ таълим медоданд, ки танҳо ӯ қодир аст мардумро аз шароити сангини ғуломӣ ва беадолатии иҷтимоӣ раҳонад. Барои асосноксозии ин ақида, идеологҳои қарматиён таълимотеро дар бораи «хиради ҷаҳонӣ» ва «рӯҳи кайҳонӣ» паҳн мекарданд. Бино ба андешаи онҳо, ин хирад зодаи иродаи илоҳӣ аст ва дар шахсияти Паёмбар Исмоил таҷассум ёфтааст. Ҳамин тариқ, қарматиён худро ҳамчун идомадиҳандагони рисолати паёмбар муаррифӣ менамуданд.

Ин ҳаракати сиёсӣ-идеологӣ дар музофоти Ҳирот, Ғур ва Баҳрайн густариш ёфт ва то 10 ҳазор ҷонибдор пайдо кард. Баъдан, раҳбарии ҳаракатро Абу Билол бар дӯш гирифт. Аз асри IX сар карда, қисмати зиёди шӯришҳои халқӣ зери шиорҳои ин ҷараён ба амал меомаданд. Дар соли 899 қарматиён тавонистанд дар Баҳрайн як воҳиди сиёсии мустақили худро

таъсис диҳанд, ки то асри XI пойдор монд. Хусусияти барҷастаи ин давлат дар он буд, ки дар он судхӯрӣ манъ гардида, масҷид вуҷуд надошт ва қонунгузории шариатӣ амалӣ намешуд. Аз деҳқонон ва косибон андоз ситонида намешуд. Идораи давлат ба зиммаи шурои шашнафараи пиронсолон вогузор гардида буд [119, с.101–102].

Қишрҳои асосии ҷунбиш, аз ҷумла деҳқонон, амалдорон ва мансабдорони норозӣ аз сиёсати хилофат иқтидори воқеии ҳаракати қарматияро ташкил медоданд. Дар ибтидои асри X, ин ҳаракат дар минтақаҳои Сурия, Фаластин, Ироқ ва ҳатто Осиёи Миёна зуҳур намуда, мавқеи сиёсии хилофати Аббосиро ба таври ҷиддӣ ба ларза овард. Дар муқобили чунин таҳдиди рӯзафзун, хилофат маҷбур шуд тамоми захираҳои низомиву сиёсии худро ба самти саркӯб кардани ин ҳаракат равона созад.

Давраи зиндагии Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (асрҳои X–XI) ба замоне рост меояд, ки фазои сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон, Мовароуннаҳр ва дигар минтақаҳои Эрону Осиёи Марказӣ таҳти таъсири амиқи равандҳои истило ва густариши ислом қарор дошт. Дар натиҷаи юришҳои тӯлонии арабҳо ва ба вуҷуд омадани Хилофати бузурги араб, бисёре аз давлатҳои мустақил тобеи ҳокимияти хилофат гардиданд. Дар баробари паҳншавии дини ислом, низоми феодалӣ бо моликияти хусусии замину об вусъат ёфт. Дар чунин шароит, қишри деҳқонон беш аз пеш заминҳои худро аз даст дода, зери шикасти истисмор қарор гирифтанд. Дар натиҷа, муборизаи доимии онҳо бар зидди феодалҳо ва намояндагони ҳокимият шакл гирифт ва ин раванди иҷтимоӣ тадриҷан ба муқовимати зидди истилогарони араб табдил ёфт.

Дар мисоли ҳокимони маҳаллии минтақаҳои гуногун, аз қабили Бадри Тархон (Хатлон), Деваштак ва Гурак (Самарқанд), Алутар (Фарғона) маълум мегардад, ки ҷараёнҳои озодихоҳӣ васеъ паҳн гардида буданд. Ин тамоюл дар шӯришҳои васеи зидди хилофатӣ, аз қабили ҳаракатҳои Абумуслим, Симбоди Муғ, Муқаннаъ, Рофеъ ибни Лайс, Бобак ва дигарон, ифодаи возеҳ пайдо кард [40, с.434–441].

Натоиҷи ин шӯришҳо далели он буданд, ки дигар нигоҳ доштани минтақаҳои Мовароуннаҳру Хуросон тавассути зӯри низомӣ аз тарафи хилофат номумкин гардида буд. Барои ба даст овардани назорат халифаҳои Аббосӣ ба усули нави идоракунӣ гузаштанд: ба вазифаҳои роҳбарикунандаи вилоятӣ ашрофони маҳаллиро таъйин намуда, мехостанд воситаи фишорро ба қишрҳои поёнии ҷомеа аз дохил таъмин созанд. Аз замони хилофати Абуҷаъфар ал-Мансур (754–775) ва ворисони ӯ — халифа Маҳдӣ (775–785) ва Ҳорунаррашид (786–809) истифодаи ашрофи маҳаллӣ дар сохторҳои маъмурии ҳокимият ба як сиёсати мақсаднок табдил ёфт.

Ба вазифаҳои калидии идорӣ намояндагони сулолаҳои саршинос, аз ҷумла Бармакиён, Тоҳириён (821–873), Сафориён (873–903) ва ниҳоят Сомониён (875–999) ҷалб гардиданд. Аммо чунин сиёсати «наздиксозӣ бо маҳал» дар асл натиҷаи дилхоҳ наовард. Баръакс, бо афзоиши нуфузи сиёсию фарҳангии ин сулолаҳо хоҳиши ҷудо шудан аз хилофат ва ба даст овардани истиқлолияти воқеӣ афзуд. Муқовимати фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии вилоятҳои форсизабони Хуросон ва Мовароуннаҳр аз худшиносии миллию фарҳангӣ ва таассуби анъанавии мардум шаҳодат медод.

Тақдири Бармакиён ҳамчун мисоли равшан нишон медиҳад, ки муваффақияти нисбии ашрофи маҳаллӣ барои маркази хилофат таҳдид ба ҳисоб мерафт. Ҳорунаррашид, ки аз густариши нуфузи ин хонадони форсизабон нигарон шуда буд, фармони нобуд кардани сулолаи Бармакиёнро содир кард [40, с.443].

Бар хилофи Бармакиён, сулолаҳои Тоҳириён ва Сафориён тавонистанд дар доираи хилофат истиқлолияти нисбӣ ба даст оранд. Бо вуҷуди ин, маҳз сулолаи Сомониён буд, ки бо зиракии сиёсӣ, ҳимояти фарҳанг ва рушди илму ҳунар дар шароити фишорҳои сиёсӣ тавонист ба мустақилияти воқеии сиёсӣ даст ёбад.

Дар ҳамин муҳит, ки шоҳиди ноороми иҷтимоӣ, талоши озодӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва муқовимати фарҳангӣ буд, ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафии Абурайҳони Берунӣ ташаккул ёфт. Шахсияти ӯ ҳамчун муҳаққиқ, файласуф

ва мутафаккири озодандеш маҳз дар зери таъсири ҳамин равандҳои пурошӯб ва зиддиятомез шакл гирифт, ки таъсири он дар ҳама ҷанбаҳои таълимоти ахлоқӣ ва фалсафии ӯ эҳсос мегардад.

Дар асрҳои X–XI, ки ба давраи ҳаёт ва фаъолияти Абурайҳони Берунӣ рост меояд, илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ба сатҳи нав баромаданд ва Осиёи Миёна ба яке аз марказҳои муҳими инкишофи илм табдил ёфт. Дар муҳити илмии он замон риёзиёт, ситорашиносӣ, ҷуғрофия, табиатшиносӣ, кимиё, фалсафа, ахлоқ ва тиб бо суръати бесобиқа рушд мекарданд. Ин шароити илмӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафии мутафаккирони бузург, аз ҷумла, Берунӣ, нақши ҳалкунанда дошт.

Яке аз чеҳраҳои пешсаф дар ин муҳит Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ буд, ки дар таърих бо номи «Маҷусӣ» маъруф аст[ 131, с.177–207].

Ӯро метавон яке аз бунёдгузорони мактаби риёзӣ дар хилофати араб ва муассиси илмҳои алгебра ва алгоритм номид [ 131, с.177–207].

Ал-Хоразмӣ дар «Хонаи хирад» (Байтулҳикма) дар Бағдод зери пуштибонии халифа Маъмун фаъолият кардааст. Китобҳои ӯ дар бораи ҳисоб, ситорашиносӣ ва ҷуғрофия на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар Аврупои асримиёнагӣ низ нуфузи васеъ доштанд. Асари машҳури ӯ «Китоб-ул-ҷам ва-т-тафрик би ҳисоби ҳинд» барои шиносонидани усулҳои ҳисоби ҳиндӣ ба ҷаҳони ислом ва пасон ба Аврупо аҳаммияти таърихӣ дошт [92, с.185; 22, с.292].

Аз зумраи риёзидонҳои шинохтаи замони Берунӣ метавон Аҳмад Абдулаббоси Сарахсиро ном бурд, ки дар соҳаҳои алгебра, мусиқӣ ва мантиқ саҳми назаррас гузоштааст. Риёзидони дигар, Аҳмад ибни Абдуллоҳи Марвазӣ, бо лақаби «ал-Ҳабаш ул-Ҳисоб», дар таҳияи ҷадвалҳои тригонометрӣ, махсусан, тангенс ва котангенс муваффақиятҳои илмӣ ба даст овардааст. Дар соҳаи ситорашиносӣ, Абумаҳшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ, ки аввал муҳаддис буд, баъдан ба улуми дақиқ рӯ овард, соҳиби беш аз 40 асари илмӣ дониста мешавад [85; 86]. Ӯ аз ҷумлаи мунаҷҷимоне буд,

ки дар фаҳмиши сохтори коинот ва таъсири он ба ҳаёти инсонҳо назари комилан мукаммал дошт.

Аз муаррихону риёзидонҳои маъруфи он давра Абулаббос ибни Аҳмад ибни Касири Фарғонӣ, ки дар асри IX зиндагӣ мекард, бо асарҳои худ дар бораи ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ ва китоби «Дар бораи ситораҳо» дар Аврупои асримиёнагӣ эътибори зиёд пайдо кардааст [71, с.191-210].

Аз ҷумлаи риёзидонҳо ва ихтироъкорони асбобҳои ситорашиносӣ метавон Абуҳамиди Устурлоби Сағониро ном бурд, ки муаллифи «Маҷмуаи Шоҳӣ» буд. Инчунин, Аҳмад ибни Абдуҷалили Соҷизӣ, ки муаллими Абурайҳони Берунӣ ва нависандаи асари «Сад фасл» мебошад, дар густариши донишҳои астрономӣ, тригонометрия ва тасвиршиносӣ саҳми босазо дошт.

Ситорашиноси дигар, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, асбоби мушоҳидавии астрономӣ бо қутри 40 метр ихтироъ намуд, ки барои муайян кардани мавқеи дақиқи ситораҳо истифода мешуд. Аз риёзидони барҷаста Абулвафо Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷузҷонӣ низ бояд ёдовар шуд, ки назарияи синусҳоро барои секунҷаҳои сферикӣ таҳия намуда, роҳҳои ҳалли решаҳои дараҷаҳои сеюм то панҷумро муайян кард ва осори Диофантро шарҳ дод. Инчунин, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмади Насафӣ аз зодагони Хуросон, ки дар охири асри X фаъолият дошт, бо корҳои математикаш ба ҳайати илмии он замон саҳм гузоштааст.

Ин муҳити илмӣ, ки дорои паҳнои васеи мутахассисон ва равияҳои илмӣ буд, шароити муносибро барои пайдоиши шахсияти бемисле чун Абурайҳони Берунӣ фароҳам овард. Ӯ дар муҳити фарогири илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ ташаккул ёфта, дар осори худ дастовардҳои пешгузаштагонро бо таҳлили фалсафӣ ва ахлоқии амиқ дар ҳамбастагӣ ба кор бурд.

Дар асрҳои IX–X, илми ҷуғрофия дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, дар баробари дигар соҳаҳои илм, рушди қобили таваҷҷуҳ пайдо кард. Дар таҳкими ин соҳа саҳми чунин шахсиятҳо чун Ҳафс ибни Мансури Марвазӣ, муаллифи «Китоб аз боби Хироҷи Хуросон» ва Надр ибни Шумайл, ки асари

луғавии «Китоб-ул-сифат»-ро таълиф кардааст, барҷаста арзёбӣ мешавад. Асарҳои онҳо дорои маълумоти муфассал дар бораи ҷуғрофияи табиӣ, этнография ва биоҷуғрофияи ҳудуди империяи араб мебошанд.

Нақши вазири Сомониён Абуабдуллоҳ Муҳаммад Ҷайҳонӣ низ дар рушди ҷуғрофия назаррас аст. Гарчанде ки осори мустақими ӯ то замони мо нарасидаанд, маълум аст, ки бо дастгирии ӯ сафарҳои илмӣ ба кишварҳои Тибет, Хитой ва Ҳиндустон ташкил гардиданд ва дар натиҷа доираи васеи маълумоти ҷуғрофӣ гирд оварда шуд. Ҷуғрофиёдонҳои маъруфи дигар, аз ҷумла, Аҳмад ибни Муҳаммад ас-Сарахсӣ, муаллифи китобҳои «Дар боби баҳрҳо, обҳо ва кӯҳҳо» ва «Ас-масолик ва-л-мамолик» ва Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Хурдодбек, ки дар асари машҳури худ «Китоб ал-масолик ва ал-мамолик» доир ба роҳҳо, шаҳрҳо, истеҳсолот, андоз ва ҳунарҳои мардумӣ маълумот пешниҳод кардааст, саҳми арзанда гузоштаанд [26, с.167].

Инкишофи ҷуғрофия дар асрҳои миёна на танҳо ба минтақаи Шарқ, балки ба ҷаҳони Ғарб низ таъсир расонид. Асарҳои ин олимон дар мадориси ҷаҳони исломӣ ва баъдан дар маданияти илмии Аврупо васеъ истифода мешуданд. Баробари ҷуғрофия, илми кимиё низ дар ҳамин давра ба пояи баланд расида буд. Дар ин замина, Ҷобир ибни Ҳайён (тақрибан 721–815), ки дар Ғарб бо номи Гебер машҳур аст, ҳамчун олим ва мутафаккири соҳаи кимиё, техника, табиатшиносӣ ва фалсафа эътироф шудааст. Ӯ зиёда аз 500 асар таълиф кардааст, ки 85-тои онҳо то замони мо расидаанд, аз ҷумла, «Ҳафтод китоб», «Китоби тарозу», «Китоби шафқат». Ҷобир дар навиштаҳои худ назарияи «мизон» (тарозу)-ро инкишоф додааст, ки ба гуфтаи муҳаққиқ Паул Краус, кӯшиши сохтани сохтори қатъии илмҳои табиатшиносӣ дар миёнааср ба шумор меравад [144, с.8].

Дар баробари кимиё, тиб низ рушди назаррас дошт. Аз шахсиятҳои маъруфи тибби амалӣ дар ин замон Абубакр Раббӣ ибни Аҳмади Аҳавайни Бухороӣ мебошад, ки бештар ба муолиҷаи бемориҳои равонӣ машғул буд. Китоби маъруфи ӯ «Китоб ҳидоят ал-мутааллимин» яке аз аввалин дастурҳои тибби амалӣ ба забони тоҷикӣ-арабӣ ба ҳисоб меравад.

Шахсияти дигари шинохта дар илми тиб, Абумансури Муваффақ ибни Алии Ҳиравӣ асари маъруфи дорушиносии худро бо номи «Ал-анбиё ан ҳақоиқ ал-адвия» таълиф намудааст. Дар он хосиятҳои зиёда аз 500 гиёҳ ва маводи табобатӣ тавсиф ёфтаанд. Доруномаи (фармакопея) ӯ манбаи беназир барои тибби амалӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи эронӣ Фотимӣ бар ин назар аст, ки ин асар миёни солҳои 948–951 баён шудааст.

Дар шумори чеҳраҳои барҷастаи илмии асрҳои миёна, ки бо забони дарӣ осори назаррас таълиф намудаанд, метавон ба Абумансури Бухороӣ ишора кард. Ӯ муаллифи рисолаҳои сершумори тиббӣ, аз ҷумла, «Табобати бемориҳои узви нафас» ва «Маҷмуаи доруҳои шифобахш» мебошад. Ҳамчунин, Абусаҳли Масеҳӣ, ки на танҳо устоди ибни Сино, балки аз ҳамфикрони илмию маънавии Абурайҳони Берунӣ ба шумор меравад, дар асари худ «Сад фасл» ба тавсифи гиёҳҳои доругин пардохтааст. Ба ҳамин тариқ, Ас-Саид ибни Абдулазизи Нилӣ, бо осори тиббии худ, бахусус, «Тавзеҳот» саҳми муҳим гузоштааст.

Дастовардҳои илмии зикршуда шароити заруририро барои ташаккули насли навоварони илмии тибби асрҳои миёна фароҳам оварданд. Аз миёни онҳо шахсиятҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ба мисли Абубакр ибни Розӣ, Абурайҳони Берунӣ ва Абуалӣ ибни Сино бо мероси илмию амалӣ ва равиши фалсафии худ, мактаби ҷудогонаи тибби асримиёнаро ба вуҷуд оварданд.

Инкишофи илмҳои ҷамъиятшиносӣ низ дар ҳамин давра равшан ба назар мерасид. Абубакри Наршахӣ (899–959) муаллифи «Таърихи Бухоро» мебошад, Абуҷаъфари Табарӣ (838–923) бо асари фарогири худ «Таърихи Табарӣ», Ибни Қутайба (828–889), ки даҳ ҷилд «Сарчашмаҳои ибтидоӣ»-ро таълиф намуда буд ва Абуабдулло Муҳаммади Хоразмӣ бо асари қомуси ( энсиклопеди)-и худ-«Калиди илмҳо», ки аз понздаҳ фасл иборат аст, намунаҳои барҷастаи муаррихони он замон буданд.

Дар заминаи адабиёт ва фарҳанг рӯшанфикрони маъруфи адабиёти форсу тоҷик чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулҳусайни Бухороӣ, Аббоси Самарқандӣ, Шокири Бухороӣ ва

дигарон фаъолият доштанд. Гарчанде ки онҳо дар манотиқи мухталиф умр ба сар мебурданд, тамоми асари ҳаёти фарҳангии ин давра ба фаъолияти илмию адабии чунин донишмандон алоқаманд аст. Яке аз муҳимтарин дастовардҳои ин давра дар забоншиносӣ сохтани забони форсӣ ба асоси забонҳои паҳлавӣ ва дарӣ, бо омезиши вожаҳои қуръонӣ буд, ки ҳамин забон дар давраҳои баъдӣ ба забони дуюми ҷаҳони ислом табдил ёфт ва то имрӯз дар байни халқҳои эронитабор ва қисман туркҳо ва мусалмонони Чин истифода мешавад.

Фарқияти илм ва дониш дар ин марҳала дар он ифода меёфт, ки олимони давр соҳиби донишҳои гуногун буданд ва дар соҳаҳои зиёд ҳамзамон фаъолият мекарданд. Аз ҳамин ҳисоб, шахсиятҳои дониши ҳаматарафа доштаи сатҳи ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд. Гарчанде ки Абурайҳони Беруниро дар замони худ ба ширкат дар ақоиди зиддишаръӣ муттаҳам карданд, аммо мутолиаи мероси илмии ӯ исбот менамояд, ки мақсади аслии ӯ тарбияи маънавии инсон ва густариши дониш буд. Дар маркази андешаи ӯ, мисли файласуфони классик, масъалаи худшиносӣ ва тарбияи ахлоқии насли ҷавон қарор дошт. Танҳо бо меҳнати пайваста, ахлоқи воло ва донишандӯзии мақсаднок инсон метавонад комёбӣ ба даст оварад.

Мафҳуми тартиб ҳамчун категорияи марказии ахлоқ дар тафаккури фалсафии Абурайҳони Берунӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Ӯ тартибу низомро ҳамчун принсипи умумиқобили амал тасвир мекунад, ки аз сохтори коинот оғоз ёфта, то хурдтарин зуҳуроти мавҷудот идома меёбад. Дар назари Берунӣ ҳар падида новобаста аз табиати зоҳирии он, дорои асоси мушаххаси илоҳӣ буда, дар маҷмӯи умумии офариниш ҷойгоҳи муайян дорад. Ин навъи нигориши ахлоқӣ, ки решаҳои амиқи илоҳшиносӣ дорад, бо воқеияти замони зиндагии мутафаккир пайваст аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, тамоми навиштаҷоти илмии асрҳои миёна бо ситоиш ва ёди номи Худо оғоз мешуданд, ки нишон аз ҷанбаи тавҳидӣ ва ахлоқии илм дар фарҳанги он замон дошт. Омилҳои иҷтимоӣ ва таърихии

мураккаб, аз қабили густариши робитаҳои байниминтақавӣ, таҳкими муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ ва бархӯрдҳои табақавӣ дар шаклгирии ҷаҳонбинии фалсафии Берунӣ нақши муҳиме бозиданд. Маҳз ҳамин муҳити таърихӣ ва ташаккули ақлу хирад рушди тафаккури илмиро дар тамаддуни исломӣ таъмин намуд [109, с.137].

Бахши муҳими таҳаввулоти фарҳангӣ ба иштироки фаъолонаи форсизабонон дар ташаккули унсурҳои илмиву ахлоқии ислом алоқаманд аст. Аз ҷумла, шумораи зиёди андешамандони барҷаста, ки бо саҳми назаррасашон дар заминагузории мактабҳои илмию фалсафии исломӣ шинохта шудаанд, аз муҳити фарҳанги форсӣ бархоста буданд. Абдулҳамид Котиб — меъмори насри расмии араб, Ибни Муқаффа — мутафаккири сиёсӣ ва муаллифи тарҷумаҳои муҳим аз форсӣ ба арабӣ, Абуҳанифа — поягузори мазҳаби ҳанафӣ ва дигарон ба сифати раҳнамои илмиву фикрӣ дар ин раванд хидмат карданд.

Хулосаи таҳқиқи марҳилаи ҳаёт ва фаъолияти Абурайҳон Берунӣ гувоҳ аз он медиҳад, ки ин давра на танҳо шоҳиди равнақи соҳаҳои гуногуни дониш буд, балки дар он шароити устувор барои ташаккули олимони дониши волои ҳаматарафадоштаи асримиёнагӣ ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, таҳқиқоти мукаммали тиббӣ, риёзӣ, ситорашиносӣ, ҳандаса, ҷуғрофия, маъданшиносӣ, кимиё ва дигар соҳаҳо, ки баъдан дар осори мондагори мутафаккирон, аз ҷумла, худи Берунӣ, таҷассум ёфтанд.

Бо вуҷуди ноустувории сиёсиву иҷтимоӣ, марҳилаи зикршуда ба як замони эҳёи илму маърифат табдил ёфт. Хуросон ва Мовароуннаҳр, дар доираи хилофати араб, ба марказҳои муҳими рушди илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ табдил ёфта, шароити зарурии фарҳангӣ ва илмиро барои рушди чунин шахсиятҳои монанди Берунӣ фароҳам оварданд.

### § 1.2. Сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ

Дар Хилофати Араб, махсусан, дар Хуросону Мовароуннаҳр қариб ҳамаи соҳаҳои илм хеле фаъолона инкишоф меёфтанд. Дар асрҳои IX, X, XI

мутафаккирони бузурги илмӣ ва шахсиятҳои барҷастаи даврон худро муаррифӣ карданд, аз ҷумла; Абубакри Розӣ, Мусои Хоразмӣ, Абулаббоси Эроншаҳрӣ, Ҷобир ибни Ҳаён, Абунасри Форобӣ, Абусаҳли Наубахти, Хайёт, Марзуқӣ, Носири Хусрав, Исфароинӣ, Ибни Абиусайиба, Ҷоҳиз, Абулқосими Балхӣ, Абумуҳаммади Наубахтӣ, Абулҳасан Ашъарӣ, Абу Зайд Балхӣ, Ибни Надим, Ибни ҷавзӣ, Абулфараҷи Исфаҳонӣ, Ибни қутайба, Ибни ҳаҷари Асқулонӣ, Ибни Кифтӣ, Муҳаммад Шаҳристонӣ [128, с.302] ва дигарон бо эҷодкорӣ, дониш ва осори худ дар Ғарбу Шарқ шуҳрат пайдо кардаанд. Дар бораи мерос ва зиндагии аксари онҳо маълумоте намондааст. Баъзе далелҳои таърихӣ дар осори Берунӣ дида мешаванд, масалан, дар бораи баъзе воқеаҳои ҳаёти Абулаббоси Эроншаҳрӣ дар «Қонуни Масъудӣ» омадааст, ки Эроншаҳрӣ соли 873 дар Нишопур гирифтани офтобро мушоҳида кардааст [7, с.38] ва Берунӣ қайд мекунад: ки «ӯ яке аз онҳоест, ки ҳисобҳои онҳоеро месанҷад, ки онҳоро месозанд» ва Эроншаҳриро бо ин васила аз содиқони ҷиноҳи мукаммали интиқодии созандаи илми Шарқ, ки баъдан шогирдаш Розӣ, ва, сипас, худи Берунӣ роҳбарӣ мекард, қайд мекунад. Он сол ӯ, инчунин, шоҳиди сохтмони ҷӯйи наздики деҳаи Бушт дар канори Нишопур буд [30, с.25]. Абурайҳони Берунӣ дар қатори ин пайравони илму дониш яке аз ҷойҳои намоёнро ишгол мекард. Ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ, албатта, зери таъсир ва дар оғӯши он андешаҳо ва ҷараёнҳои маънавӣ, ки дар қарнҳои гузашта инкишоф ёфта, мувофиқи даврони ин мутафаккири бузург рӯзмарра буданд, ташаккул ёфтааст.

Таҳлили мероси эҷодии Абурайҳони Берунӣ, бахусус, ақидаҳои фалсафию ахлоқии ӯ нишон медиҳад, ки на танҳо илмҳои дақиқ, балки ақидаҳои динӣ, ки дар байни онҳо дини зардушти мавқеи хосса дорад, дар ташаккули ҷаҳонбии ӯ таъсири калон расонидааст.

Мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замонҳои қадим забони хаттии худро доштанд, ки ин ба пешрафти босуръати фарҳанг ва адабиёти ин ҷо мусоидат кардааст. Олимону адибони ин сарзаминҳо ба мо осори зиёди

илмию адабӣ ба забонҳои паҳлавӣ, забони авасто ва дигар забонҳо гузоштаанд.

Бунёди нахустин андешаву тасаввуроти фалсафӣ доир ба пайдоиши табиат, манбаъҳои ҳастӣ, оғози ҳаёт дар рӯи Замин ва вуҷуди арзишҳои ахлоқӣ, ба мисли некӣ ва бадӣ, дар мероси маънавии пешазисломӣ, махсусан, дар манобеи динӣ ва фалсафии Авасто, ҷой доранд. Ин афкор дар шакли таълимот ва супоришҳои ахлоқӣ дар қолаби забонҳои қадимии паҳлавӣ ва дигар гунаҳои забонии он давра таҳия ва ба ҷомеа ирсол мегардиданд. Маҳз тавассути ин ривоятҳои куҳан ва ороишҳои зеҳнии динӣ, ҷаҳонбинии фалсафии мардум ташаккул ёфта, заминаи фарҳангии муҳиме барои ташреҳи мафҳумҳои ҳастишиносӣ ва ахлоқ дар фарҳанги ориёӣ ба вуҷуд омад.

Ақидаҳои фалсафӣ ва муқаррароти дини зардушти хусусияти дуинтиҳоӣ доранд, ки тибқи онҳо олами моддӣ ва идеали бо ду сарчашма – некӣ ва бадӣ алоқамандӣ доранд [23, с.226]. Сарчашмаи хайр Аҳурамаздо – Спентамайню (фикри нек), сарчашмаи бадӣ Анграмайню – Аҳриман аст. Маънии ҳаракати ҷаҳон аз ҳамин ду неруи ба ҳам зид иборат аст, ки бархурди онҳо бо пирӯзии Аҳурамаздо анҷом меёбад. Мулоҳизаҳои Абурайҳони Берунӣ дар бораи ду - рустоии ҷаҳон, ки ба ақидаҳои зардуштӣ асос ёфтаанд, дар таълимоти ахлоқии ӯ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Мафҳумҳо ва категорияҳои ахлоқӣ дар таълимоти Берунӣ бархӯрди хирад ва рӯҳро нишон медиҳанд, ки дар он сифатҳои ахлоқии зарурӣ равшан ифода ёфтаанд. Мутафаккир дар китоби «Осор ул-Боқия» пеш аз огози кор чунин менависад: «Аммо нахуст бояд нафси худро аз хислатҳои баде, ки аксариятро вайрон мекунанд ва аз сабабҳое, ки одамро аз ҳақиқат нобино месозад, пок кард, яъне аз одатҳои решадор, хоҳиш, рақобат, таслим ба нафс, мубориза барои қудрат ва амсоли он» [3, с.11].

Дар таҳаввули тафаккури фалсафии Абурайҳони Берунӣ таъсири барҷастаи на танҳо мероси зардуштӣ, балки анъана ва донишҳои фарҳанги Юнони қадим равшан эҳсос мегардад. Тавре муҳаққиқи муосир доктор Алӣ

Аҳмад зикр менамояд, тамаддуни арабӣ дар раванди густариши илми фалсафа бо ҷидду ҷаҳд ба омӯзиши осори мутафаккирони Шарқ ва Юнон пардохта, ба шахсиятҳои Афлотун ва Арасту таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Асари барҷастаи Афлотун — «Ҷомеаи идеалӣ» (маъруф ба «Давлат») ва низ маҷмуаҳои муҳими афкори Арасту тавассути тарҷума ба забони арабӣ дастрас ва маъмул шуданд. Тавассути таҳлилҳои таърихнигорони қадим, ба монанди Ҳунайн ибни Исҳоқ ва рисолаи ӯ «Наводир ал-фалосифа ва ал-ҳукама» дониши арабҳо оид ба муҳтавои афкори фалсафии Юнон ташаккул ёфт [19, с.79].

Дар ҳамин замина, воридшавии Искандари Мақдунӣ ба сарзаминҳои Шарқ боиси ба вуҷуд омадани фазои нави фарҳангии мутақобилан таъсиргузор гардид. Ин раванд ба ташаккули тамаддуни эллинистӣ мусоидат намуд, ки дар он унсурҳои маданияти юнонӣ бо арзишҳои маънавии халқҳои минтақаҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон омехта шуданд. Таъсири ин раванд дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз илм, забон ва навишт то урфу одат, низоми динӣ, модели давлатдорӣ, адабиёт, ҳуқуқ ва низоми ахлоқӣ густариш ёфт ва заминаи рушди як ҷаҳонибинии фарогир ва ҳамгиро гардид. Агар дар бораи Абурайҳони Берунӣ сухан ронем, хусусан, дар таълимоти ахлоқии ӯ таъсири эллинизм ба ақидаҳояш равшан зоҳир мегардад. Аз ҷумла, ин ба чунин категорияи ахлоқӣ, ба монанди лаззат дахл дорад. «Лаззат ҳамчун бозгашт ба ҳолати табиӣ муайян карда мешавад. Азбаски ҳолати ранҷу азоб ва баромадан аз ҳолати табиӣ зоҳиран оҳиста-оҳиста дар муддати тӯлонӣ ба амал меояд ва фавран дар муддати хеле кӯтоҳ бо раванди бозгашт ба ҳолати табиие, ки бадан дар он буд, ба амал меояд, мо қариб азобро эҳсос намекунем. Ва ана ин ҳолатро мо ҳаловат меномем ...» [29, с.64].

Берунӣ яке аз шартҳои асосии ба даст овардани лаззат ва раҳои аз ранҷро дар таъмини моли зарурӣ дар ҳолати кофӣ медид. «Агар одами боақл, - менависад ӯ, - ин ҳодисаҳоро дида, бо ақли худ ба онҳо рахна карда, шавқҳоро дур кунад, пас мефаҳмад, ки олитарин лаззат ва оромии зиндагӣ... кифоят аст» [29, с.80].

Мутафаккир категорияи лаззатро таҳлил намуда, аз ҷумла, дар ақидаҳои фалсафии худ чунин мегӯяд: «... Шахсоне, ки бо занҳо аз ҳад зиёд ба кайфу сафо, май нӯшидан ва шунидани мусиқа ҳастанд, он лаззатеро намебинанд, ки мардум ба он лаззат одат кардаанд, зеро он вақт ин ҳолати муқаррарӣ мегардад...» [3, с.28].

Муқаррароти асосии таълимоти Берунӣ дар бораи кайфу сафо гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ дар тафсири ин масъала ба Эпикур пайравӣ кардааст, вале эпигони ӯ набудааст. Ҳамин тавр, Эпикур беҳтарин роҳи дурӣ аз ранҷро дар худбартарафкунӣ аз изтироб ва хатар, аз корҳои ҷамъиятӣ ва ҳукуматӣ, ба даст овардани истиқлолиятро аз шароитҳои беруна медонист [48, с.49].

Берунӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ даъват ва инсонро вазифадор мекунад, ки ба ҷомеа фоиданок бошад, барои бартараф намудани душвориҳое, ки мардум дар шаҳрҳо дучор мешаванд, кумак расонад, шахсро ба иҷрои вазифаҳои ахлоқии ба зиммааш гузошташуда ва риояи одоби шаҳр ва ғ. даъват менамояд.

Сарчашмаи дигаре, ки ба инкишофи ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ сахт таъсир расонидааст, фалсафаи аввалаи равоқия (стоитсизм) ва навафлотуния мебошад. Асосгузори навафлотуния дар соли 245 файласуфи маъруфи юнонӣ Плотин (204-270) буд, вақте ки аз Искандария ба Рим кӯчид, тафсири фалсафаи Афлотунро таълим медод. Дар нимаи асри IV навафлотуния зуд ба дини ақаллияти босавод табдил ёфт. Дар асри V, тарафдор ва муаллими машҳури ин назария дар Искандария 35 сол Гипатия буд. Дар Афина Плутарх раиси академияи Афлотунӣ шуд, пас аз марги Плутарх, соли 437 ин ҷойро Прокл, шогирди собиқи Плутарх гирифт ва бархе аз донишмандони асри XXI Проклусро бузургтарин файласуфи навафлотуния медонанд. Дар байни солҳои 529-531 академия дар Афина баста шуда буд ва он вақт сарвари он файласуфи суриёнӣ Димишқи буд. Бархе аз олимони асри XX ва XXI бар ин назаранд, ки Димишқӣ баъдан ба Ҳаррон рафта, мактаби навафлотунияро дар империяи Форс таъсис додааст. Искандария ба маркази пешбари навафлотунизм табдил ёфт ва

Олимпиодорус раҳбари охирини мактаб буд. Навафлотунизм ба таърихи минбаъдаи фалсафа таъсири устувор гузошт. Дар асрҳои миёна ақидаҳои навафлотунияро мутафаккирони насронӣ, яҳудӣ ва мусулмонӣ омӯхта ва муҳокима мекарданд. Файласуфони машҳур, аз қабили Ал-Форобӣ, Сулаймон ибни Ҷабраил, Ибни Сино ва Маймонид дар афкори худ унсурҳои навафлотунияро дохил кардаанд. Мистик Мейстер Экхардт (асри XIII-XIV) таҳти таъсири ин ҷараён буда, тарзи ҳаёти мутафаккирро тарғиб мекард, ки ба «Илоҳияти берун аз Худои номбаршуда» ишора мекард. Ба ақидаи Плотин ҳама мавҷудот (аз ҷумла инсон) ибтидои худро дорад, ягонае, ки худаш болотар аз мавҷудот аст. Ба ақидаи ӯ, тамоми махлуқоти заминӣ, тамоми ашёи моддӣ ва рӯҳи инсон самараи қувваи асил (Худо) мебошанд. Намояндагони идеологияи навафлотуния муносибати ҷисм ва руҳро дар чаҳорчӯби ҳамин ҷаҳонбинӣ шарҳ медиҳанд: инсон рӯҳ ва ҷисм дорад, ҳадафи олии инсон наздик кардани руҳ ба Худост. Ин андешаҳоро дар низоми ахлоқӣ- фалсафии Берунӣ равшан дидан мумкин аст. Мутафаккир дар осори худ нақш ва аҳамияти Худо ва хирадро чунин ифода мекунад: «Руҳ дар ҷисм чун савораи ароба ҳасту ҳисҳо хизматкунанда, ки онро мувофиқи хоҳиши ӯ меронанд. Ба роҳи рост нафсро хирад ҳидоят мекунад, ки аз ҷониби Худо ба он рехта мешавад, - шарафманд бод ӯ! [11, с.87].

Ҷараёни ташаккул ва рушди фалсафаи асримиёнагии Шарқ, бахусус, афкори Абурайҳони Берунӣ, зери таъсири васеи мероси илмӣ ва фалсафии Юнони Қадим сурат гирифт, ки тавассути тарҷумаҳо ба забонҳои сурёнӣ ва паҳлавии миёна ба муҳити илми шарқӣ ворид гардиданд [180, с.81].

Баъд аз суқути бахши ғарбии империяи Рим дар соли 476 мелодӣ, гурӯҳҳои зиёди пайравони мазҳаби несториён, ки дар фазои мазҳабии Византия мавриди таъқиб қарор гирифта буданд, ба қаламравҳои Эрон ва Осиёи Миёна паноҳ оварданд. Бо худ онҳо на танҳо анъанаҳои мазҳабӣ, балки ганҷинаҳои бойи илмӣ — китобхонаҳо ва дастнависҳои мутафаккирони Юнонро оварданд, ки дар заминаи таъқибҳои динии Византия зери хатар қарор доштанд.

Муҳим он аст, ки дар муҳити нави фарҳангӣ, донишмандон пайваста ба омӯзиш ва ҳифзи таълимоти фалсафӣ ва табиатшиносии анъанавии Юнон пардохтанд. Намояндагони мактаби навафлотунияи сурёнӣ ва юнонӣ дар Осиёи Миёна ба тарғиб ва тавсиаи дониш дар заминаи осори мутафаккирони барҷастаи классикӣ, ба монанди Арасту, Афлотун, Гиппократ, Гален ва дигарон пардохта, ин меросро барои наслҳои минбаъда дастрас ва зинда нигоҳ доштанд.

Фикр ва таҳқиқоти Абурайҳони Берунӣ низ бешубҳа зери таъсири ин анъана ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, бархе аз ақидаҳо ва усулҳои илмии ӯ пайванди мустақим бо муҳтавои осори мутафаккирони қадим, махсусан, Птолемей доранд. Ин равшан дар рисолаи маъруфи Берунӣ оид ба илмҳои геодезӣ зикр мегардад, ки дар он масъалаи муайянсозии мавқеи маҳалҳо, ченкунии масофаҳо ва харитасозӣ бо дақиқии назаррас мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

«Ман дар гузашта барои пайваст кардани усули Птолемей аз китоби «Ҷуғрофиё» бо усулҳои Ҷайҳонӣ ва дигар уламо, ки дар «Китоби роҳҳо» ба он пайравӣ мекунанд, сахт меҳнат кардам; ман пошхурдаро гирд овардам, нофаҳмоpo равшан намудам ва ин соҳаи донишро пурра кардам. Ман аз равшан кардани масофаҳо, номи ҷойҳо ва шаҳрҳо оғоз кардам, бар асоси шунидаам дар бораи онҳое, ки он ҷо буданд ва аз лабони дидагон ҷамъ оварда. Қаблан ман эътимоднокии маводро тафтиш карда, бо муқоисаи маълумоти баъзе шахсон бо маълумоти дигарон чораҳои эҳтиётӣ андешидам. Дар роҳи расидан ба ин мақсад на қувва, на маблағро дареғ надошта, барои маҳалҳо ва шаҳрҳо нимкураи қутраш даҳ зироъ сохтам, то дар он тӯлу арзро аз масофа муайян созам, зеро замон аз истифода бурдани ҳисобҳои риёзӣ барои онҳо имкон намедод аз сабаби хеле дур будани масофа ва давомнокии ҳисобҳо...» [5, с.91].

Муҳоҷирати васеи пайравони мазҳаби несториён ба қаламравҳои Эрон ва Осиёи Миёна дар асрҳои V–VI милодӣ ба ҳайси яке аз муҳимтарин омилҳои паҳншавии унсурҳои эллинизм ва маданияти юнонии классикӣ дар

шарқи ҷаҳони исломӣ шинохта мешавад. Ин раванд, ки бо таъсири амиқи он ба ташаккули муҳити илмӣ ва фарҳангии минтақа тавсиф мешавад, дар заминаи фишорҳои мазҳабӣ дар Византияи дерин ва мубориза бо таълимоти номақбули несториён ба амал омад.

Пас аз он ки дар охири асри IV насрония дар Византия мақоми дини расмиро гирифт, рукнҳои ортодоксалӣ ба таъқиби шадиди равияҳои мухолиф шурӯъ намуданд. Яке аз натиҷаҳои фоҷиавии ин сиёсати мазҳабӣ хароб гардидани қисме аз китобхонаи машҳури Искандария ва таъқиби равшанфикрони шинохтаи илм ва фалсафа буд. Онҳо бо гуноҳи робита доштан ба бидъати несториён ба муҳити ислоҳи ақида рӯ ба рӯ шуданд.

Несториён, ки дар зодгоҳашон мавриди таъқиб қарор гирифтанд, паноҳгоҳро дар қаламрави давлати Сосониён пайдо намуданд, ки он замон барои ривоҷи дониш муҳити нисбатан озодро таъмин мекард. Махсусан, соли 489 мелодӣ, пас аз бастани Академияи Эдесса аз сӯи императори Византия бо иттиҳоми таблиғи бидъати несториён гурӯҳи зиёди муаллимон ва донишҷӯён ба шаҳри Насибин кӯч бастанд. Дар ин ҷо онҳо бо дастгирии ҳукумати Сосониён маркази илмии нав — Академияи Насибинро таъсис доданд, ки ба омӯзиши илмҳои амалӣ, аз ҷумла тиб, риёзиёт, астрономия ва ҷуғрофия машғул буд. Ба охири асри VI шумораи шогирдон дар ин муассиса ба ҳазор нафар расида буд.

Ин муҳити илмӣ, ки дорои анъанаҳои юнонӣ ва сурёнӣ буд, боиси ташаккули заминаи назариявие гардид, ки дертар дар фаъолияти илмии мутафаккирони машҳури ҷаҳони ислом, аз ҷумла, Абурайҳони Берунӣ, ба таври амиқ инъикос ёфт. Маркази дигари муҳим дар давлати Сосониён Академияи Гундишопур маҳсули дигари сиёсати муҳофизатӣ ва илмпароварии ин давлат буд. Пас аз он ки соли 529 милодӣ императори Византия Юстиниан Академияи Афинаро баст, зиёда аз як насл муаллимон ва донишҷӯёни он ба Гундишопур кӯч бастанд. Бо дастгирии шоҳ Хусрави I Анушервон, онҳо тавонистанд дар ин шаҳр муассисаи илмие бунёд кунанд, ки дар муқоиса бо Академияи Искандария кам набуд.

Академияи Гундишопур дорои се шӯъбаи асосӣ буд: шӯъбаи тиб бо беморхона, шӯъбаи астрономия бо расадхона ва шӯъбаи риёзӣ. Дар ин марказ китобҳои Гален, Гиппократ, Арасту ва дигар мутафаккирони классикӣ ба забони сурёнӣ тарҷума ва интишор мешуданд. Бо ҳамин роҳ, анъанаи табиатшиносии юнонӣ дар фазои илмии Эрон мустаҳкам гардида, барои тавлиди наслҳои навини донишмандони тиб ва фалсафа заминаи боэътимод гузошт.

Дар давлати Сосониён дар баробари академияҳои зикршуда дар зодгоҳи Берунӣ боз як маркази илмӣ-мактаби дигар вуҷуд дошт, ки дар он тиб, ситорашиносӣ ва мантиқ омӯхта мешуд.

Ҳамин тавр, дар замони Сосониён бо шарофати фаъолияти намояндагони пешқадами илм, фарҳанг, адабиёт, китобҳо хеле фаъолона ба забони сурёнӣ ва форсии миёна, дар замони ҳукмронии Ҳорун ар-Рашид бошад ба забони арабӣ паҳн мешуданд, онҳо нуқтаи назари классикони фалсафаи атиқаро оид ба масъалаҳои гуногуни ахлоқи ҳаётӣ баён мекарданд. Ин маънои пайдоиши фарҳанги ахлоқии дунявиро дошт. Дар замони Берунӣ намояндагони афкори пешқадам аллакай равшан ва ошкоро аз афкори илоҳиёти шахшуда ҷудо мешуданд. Мақсади онҳо фаҳмидани андешаҳои мутафаккирони қадима буд, ки дар ҷаҳонбинии бисёр файласуфон ва аҳли илм инқилоби воқеӣ ба амал оварданд.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ таъсири ақидаҳои Монӣ (215 - 275) хеле зиёд буд. Дини офаридаи ӯ, яъне монигарӣ дар Шарқи Наздик ва баъдан асри III дар Италия ва Чин паҳн шудан гирифт. Монигарӣ ақидаҳои эрониёни қадимро дар бораи муборизаи абадии байни салтанатҳои рӯшноӣ ва зулмот инкишоф дода, унсурҳои насронӣ, ирфонӣ, буддоӣ ва зардуштиро аз худ кард [23, с.270-271].

Маздоия имонро ба мавҷудияти «Худованди хирад» (Аҳурамаздо), сарчашма ва пуштибони тамоми мавҷудоти «нек» ва ба касе, ки ҳам худо ва ҳам инсон буд (шакли ҷамъ Амеша Спента ё «авлиёҳои ҷовидонӣ» меноманд), дар доираи наздики Аҳурамаздо, ки ҳамзамон сифатҳои Худо ва

инсонро дорад, ифода мекард. Рӯҳи Намиранда аз замонҳои қадим бо Худованди хирад муттаҳид буд, ки бо ҳамин тариқ дар муборизаи абадӣ бо Рӯҳи ҳалок машғул буд, гарчанде ки ҳарду аз ҷониби Замон (Зерван ё Зрван) тавлид шуда буданд. Маздоия, бо талоши саркоҳини оли Картир дар замони ҳукмронии Варҳрони II, баъди давраи ҳукмронии мония (а. III) шаклу сохтори равшан пайдо кард ва дар пойтахти эрони Сосониён Ктесифон а. VII дини миллӣ шуд, бо иерархияи коҳинон ва аломатҳои қонунии расмӣ. Матнҳои қонунии дар асри IX ба забони паҳлавӣ навишта шуда тасдиқ мекарданд, ки ҷаҳон ҳамчун саҳнаи ҷанги бузург офарида шудааст: пас аз марҳилаи ибтидоии ғайримоддӣ ва ноаёни инкишофи коинот, ҷаҳони мо пайгирӣ шуд, ки дар шаш марҳила (осмон, об, замин, дарахт, барзагов, одам) офарида шудааст.

Тибқи таълимоти монавия дар ибтидо Нур ва Зулмот аз ҳам ҷудо буданд, ки мухолифати оштинопазири рӯҳ ва ҷисмро таъкид мекарданд. Дар давраи миёнаи мавҷудияти инсон, яъне дар замонҳои таърихӣ, нахустинсон ба васвасаи пайравӣ ба «Архон» - и ин ҷаҳони моддӣ буд ва дар натиҷа одамон аз паи қонеъ кардани нафси ҷисм ва мувофиқан дар гуноҳ [73, с.128]. Таълимот тасдиқ мекард, ки фиристодагони дониш камбудӣ надоранд ва Исои Масеҳро ситоиш мекарданд, ки ӯро яке аз се шахсияти муайянкунанда (баробар бо Зардушт ва Буддо) медонист, ки шороаҳои нурро аз маҳбусони олами моддӣ дар «Салиби нур» ҷамъоварӣ мекард. Ҳамин тариқ, ба монанди ибодатгоҳи масеҳӣ, ибодатгоҳи «рӯҳӣ» - и Монӣ таълимот, табақа, расму оин ва рисолати худро дошт. Пайравони ирфонии вай бояд ба муқаддасот пайравӣ кунанд, худро аз ҳар чизи нафсонӣ ва моддӣ озод кунанд, намоз гузоранд, рӯза гиранд, закот диҳанд ва ба аҳкоми адолат итоат кунанд (ҳақиқат, ботамкинӣ, хоксорӣ, безӯроварӣ, гиёҳхорӣ).

Монӣ қатъиян муъҷизаҳои анбиёро инкор намуда, комилан мухолифи фиребу найранг, тамаъ, куштор, дуздӣ, ҷиноят, мунофиқӣ ва дудилагӣ дар дину зиндагӣ, зидди бепарвоӣ ва беэътиноӣ баромад, ки эътиқоди баланди

ахлоқӣ мебошанд. Дар пояи ҷаҳон чаҳор унсурро медид – Худо, хирад, нур ва неруи созанда [22, с.217].

Ин муқаррароти монавия дар ақидаҳои фалсафии Абурайҳони Берунӣ инъикос ёфтаанд. Аммо Берунӣ дар бораи баъзе кирдори мониён низ ихтилофҳо дошт; «Таълимоти ӯ байни мардум васеъ паҳн шуд ва ... як самти махсусе гардид, ки ҳамчун таълимоти ислом пешниҳод мешуд - Худои бузург аз чуинин таълимот нигоҳ дорад! Ва касе, ки мухолифати ин роҳ мекард ва ба эътиқоди ҳақиқӣ, ки комилан мувофиқи Қуръон аст, пойбанд буд, кофир ва бидъаткор номида шуд, ки рехтани хуни ӯ бе шунидани суханаш иҷозат дода шуд» [11, с.246].

То ин вақт дар давлати Сосониён хоҷагиҳои калон пайдо шуданд, ки ин ногузир боиси бунбасти иқтисодии минтақаҳои алоҳида ва ғайримарказонии сиёсӣ гардид. Истисмори деҳқонони ҷамоъатӣ, ки аз тарафи ашрофзодагони феодалӣ торафт пурзӯр мешуд, тезу тунд гашт. Ин мубориза синфиро боз ҳам тез кард, ҷунбиши оммавии бо номи Маздак (491-531) ба вуҷуд омад [183, с.5-6].

Берунӣ таълимоти даврии файласуфони ҳиндро пазируфтааст: «Онҳое, ки ба ҷовидон будани ҷаҳон эътиқод доранд ва офариниши онро инкор мекунанд, мегӯянд, ки ҳар гоҳ одамон дар рӯи замин зиёд шаванд, ногаҳон онҳо ғарқ мешаванд ва аз паи он (аз нав) зуҳури (ҷаҳон)» [3, с.205]. Ӯ ин фикрҳоро бо мушоҳидаҳо аз ҳаёт тасдиқ мекунад. Албатта, чунин назарияи диалектикӣ, монанди назарияи даврӣ яктарафа буд: вай мояи пешрафтро ба назар намегирифт, аммо дар асрҳои миёна аҳаммияти он хеле бузург буд, вай абадият ва табиати ноофаринандаи ҷаҳонро исбот кард.

Ҳисси диалектикии Берунӣ ба ӯ имкон дод, ки мулоҳизаҳои Арастуро дар бораи «боло» ва «поён», «тарафи рост» ва «тарафи чап»-и коинот ва ғайра бо киноя танқид кунад. Аз ҷумла, Арасту боварӣ дошт, ки тарафи рост онест, ки ҳаракат аз он ҷо оғоз меёбад. Берунӣ таъкид мекард, ки онҳоро мутлақ, шахшуда ҳисоб кардан мумкин нест, зеро ҳамеша яке ба дигаре мубаддал мешавад.

Берунӣ ҳиссиётро асоси дониши инсонӣ медонист. Дар асари худ «Маъданшиносӣ» вай тамоми узвҳои ҳисро амиқ тавсиф карда, ангезаҳои моддӣ ва фарқи сифатии онҳоро нишон додааст.

Берунӣ аз тамоми ҳиссиёти инсон ду хислат - шунавоӣ ва биноиро ҷудо муайян мекунад. Вай онҳоро қадамҳои гузариш «аз дарки ҳиссиётӣ ба хулосаҳо» [12, с.9] мешуморад. Ба ақидаи Берунӣ дар раванди дарки олам хиради инсон аҳаммияти калон дорад. Берунӣ ҳанӯз масъалаи пайдоиши ақлро ба миён нагузошта, онро қобилияти фитрии инсон медонад. Берунӣ дар раванди дониш ба таҷриба ва таҳқиқот аҳаммияти калон медод. Вай

шубҳаҳои худро бо таҷрибаҳои табиат ислоҳ кард «Дар ин бора шубҳа дорам, ки онро бо таҷриба ва озмоиши такрорӣ бартараф кардан мумкин аст, вале вақт ба ман имконият надод, ки ин корро кунам». [12, с.9]. Берунӣ дар ҷараёни дониш обрӯмандиро эътироф намекард.

Нигоҳ ба ҷомеа. Берунӣ Коинот, Замин ва табиатро таҳқиқ намуда, инсон ва ҷамъияти инсониро дар маркази диққат мегузорад. Мавқеъи Қуръониро риоя мекунад, ки инсон ноиби Худо дар рӯи замин аст. Вай кушиш мекунад, ки дар тавсифи маданияти ҳар як халқ ҳаққони бошад, дар баҳо додани саҳми онҳо ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ одилона бошад. Вай аз ҳамаи олимон ҳаминро талаб мекунад - қоидаю одоби таҳқиқоти илмӣ риоя карда шавад. Ӯ менависад, ки: «... бояд нафси худро аз сифатҳои (бад), ки бештари мардумро вайрон мекунанд ва аз сабабҳое, ки инсонро барои ҳақиқат кӯр мекунанд, яъне аз одатҳои бад, рӯйбинӣ, рақобат, таслим ба ҳавас, мубориза барои қудрат ва монанди инҳо тоза кард» [3, с.11].

Берунӣ аксар вақт аз доираи ҷаҳонбинии феодалӣ берун баромада, дониши илмиро дар madди аввал мегузошт ва кӯр-кӯрона итоат кардан ба ҳар як обрӯмандро бад медид. Дар баробари ин, ӯ ҳамеша ақлгароии юнониҳоро мисол меовард. Берунӣ нисбат ба камбағалон, одамони меҳнат дилсузӣ мекард ва ба одамоне, ки хайрхоҳи камбағалон буданд, ба корҳои онҳо машғул буданд, баҳои баланд медод. «Шоҳони қадим ба кори худ бо инсоф машғул буданд, бештари ташвиши худро ба тақсимоти одамони табақаю рутбаҳои гуногун медоданд...» [11, с.123]. Вай муаррихи барҷаста буда, дар бораи ҳаракатҳои халқии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар бораи ҷунбиши Маздак, ки ба ҳама баробар тақсим кардани неъматҳои ҳаётро тарғиб мекард, дар бораи ҳаракати одамони «либоси сафедпӯш» ва дар бораи ҳаракати қарматиён навиштааст, ки «мояи ҳаракатҳои маҳаллии зиддифеодалӣ буд» [103, с.243]. Маълумоти ӯ дар бораи саркардаи шӯриши зиддифеодалии солҳои 70-уми асри VIII Муқанна хеле ҷолиби диққат аст. Берунӣ дар ҷустуҷӯи адолати иҷтимоии худ маздакия, ҷунбиши Муқаннаъ ва

қарматиёнро бо ибораи зерин ба ҳам мепайвандад: «мардум бояд муштарак ба (ҳама) моликият ва занҳо баробарҳуқуқ бошанд...» [3, с.213].

Маълумоти Берунӣ дар бораи солномаи давраи ҳукмронии сулолаҳои гуногун, тақвимҳои гуногун, этнография, таърихи кишвару халқҳои гуногун хеле пурқимат аст. Бахусус, дар заминаи васеи таърихии Шарқи Наздик ва Миёна дар бораи насабнома ва солшумории сулолаҳои эрониён, идҳо ва рӯзҳои фархунда, ахлоқ, расму оин, эътиқодоти юнониён, форсҳо, суғдиён, хоразмиҳо, туркҳо ва дигар халқҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Берунӣ барои асарҳои худ оид ба ҷомеаҳои қадим миқдори зиёди сарчашмаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, аз Инҷил то осори ҳамзамонони худ истифода кардааст. Аксари ин сарчашмаҳо то ба имрӯз танҳо дар ирсоли Берунӣ расидаанд. Ҳамин тавр, Берунӣ дар бораи этногенез ва солшумории хоразмиён сухан ронда, менависад: «Аммо сокинони Хоразм, гарчанде ки шохаи танаи форсҳо ва насли дарахти худанд, бо вуҷуди ин дар нисбати аввали сол ва ҷои илова кардани рузҳои зиёдатӣ ба суғдиён пайрави карданд» [3, с.62].

Ӯ офариниши одами аввалинро эътироф намуда, тафовути ранги пусти одамонро бо шароити табиии ҳаёти онҳо: фарқи хок, ҳаво ва ҷои истиқомат шарҳ медиҳад. «Охир, тафовути ранги бадан, намуди зоҳирӣ, хосиятҳои табиӣ ва сифатҳо на танҳо ба фарқияти пайдоиш, балки ба фарқияти хок, об, ҳаво ва ҷои истиқомат дар рӯи замин ва фарқияти забонҳо вобастааст, танҳо бо тақсимоти мардум ба миллатҳо ва аз якдигар дур мондани онҳо, (охир) ҳар як миллат ба мақолҳои маъмул эҳтиёҷ дорад, ки одамон бо ёрии онҳо хоҳишҳои гуногунро баён кунанд» [3, с.204].

Ҳамаи ин ва бисёр мисолҳои дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки Берунӣ нисбат ба инсон ва таърихи инсоният нигоҳи инсонпарварона дорад.

Нигоҳи Берунӣ ба ҷомеа, махсусан, аз он сабаб ҷолиб аст, ки вай саъй мекунад ба саволи муҳими асрҳои миёна ва барои ҳама давру замон, ба саволи ибтидои таърихи башар ҷавоб диҳад. Вай аллакай мутмаин буд, ки ҳама динҳо ва таълимотҳо дар бораи нубувват ба он ҷавоби қонеъкунанда

надоданд. Ҳар он чизе, ки бо шинохти ибтидои офариниш ва вазъи наслҳои гузашта алоқаманд аст, бо сохтакорӣ ва афсонаҳо омехта шудааст, зеро ин чизҳо кӯҳнаанд, «ва аз он замон муддати зиёде гузаштааст: онҳое, ки ин воқеаҳоро меомӯзанд, ба ёд оварда ва барпо карда наметавонанд» [3, с.23-24].

Берунӣ баръакси китобҳои илоҳӣ, ки ба забони истиора баён шудаанд, иқрор аст, ки ин саволи хеле печида аст ва то ҳол касе ба он ҷавоби дақиқ надодааст. «Аввалин ва маълумтарин ибтидои ибтидо дар замонҳои қадим ба мо ибтидои вуҷудияти инсоният мебошад. Дар назди аҳли китоб - яҳудиён, насрониён, ҷодугарон (зардуштиён) ва фирқаҳои онҳо, дар бораи чи хел рух додани ин воқеа ва чи гуна аз он ҳисоб кардани солнома, ихтилоф вуҷуд дорад, ки ин дар саволи даврон қобили қабул нест» [3, с.23].

Берунӣ ҳангоми таҳлили масъалаи пайдоиши ҷамъияти инсонӣ аз назарияи аллакай маълуми доираҳо истифода мебарад. «ҳар як доира (аз худ) Одаму ҳавво дорад ва давраи ин доира бо онҳо бино мешавад... Одам ва ҳавво дар ҳар як доира барои ҳар як кишвар алоҳида вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, намуди зоҳирӣ (одамони кишварҳои гуногун), табиат ва забонашон фарқ мекунад» [3, с.117].

Берунӣ аз ақидаи динии пайдоиши ҳамаи инсоният пурра розӣ нест: ҳар як кишвар Одаму ҳаввои худро дорад. Фарқи мардум ва халқҳоро Берунӣ на бо пайдоиши онҳо аз ниёгони гуногун, на бо созмони махсуси «ҷисмонӣ», балки бо омили ҷуғрофӣ, мефаҳмонад. Берунӣ мардумро даъват мекунад, ки тафовути халқҳои дигарро ба назар гирифта, расму оини онҳоро ҳурмат кунанд. «Ҳиндуҳо мӯи сарашонро умуман наметарошанд, то сарҳои урёнашон аз зарбаи офтоб осеб набинад, зеро онҳо аз гармии сахт бештар сарашонро кушода роҳ мераванд» [11, с.183].

Аммо Берунӣ ин хел намешуморад , ки танҳо омили ҷуғрофӣ ба ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад. Вай мисоли онро меоварад, ки чӣ тавр дар шароити якхела халқҳо гуногун зиндагӣ мекунанд. Берунӣ ин ҳодисаҳоро «...бо сохти иҷтимоӣ ва азхудкунии замин...» [3, с.100] мефаҳмонад.

Ин ақидаҳои Берунӣ бетараққиёт монданд, вале бо вуҷуди ин умумияти оличаноби замони худ гардиданд. Берунӣ дар бораи роҳҳои тағйир додани ҳаёти инсон фикрронӣ намуда, қайд мекунад, ки агар ҳайвонот ба шароити табиӣ мутобиқ шуда, ба душвориҳо тавассути қувваи ҷисмонӣ ва эҳсос тоб оваранд, инсон ба ҷои неруи ҷисмонӣ бо неруи тавоноӣ – хирад фарқ мекунад. Дар тараққиёти ҷомеаи башарӣ Берунӣ таваҷҷуҳи зиёд ба ниёзҳои инсон ва олоти меҳнат низ додааст, ки ин ниёзҳо бо онҳо қонеъ карда мешаванд.

«Инсон аз сабаби урёнӣ ва заифии худ, аз барои надоштани узвҳои дифоъ, дучори имтиҳон аз тарафи дигарон, ниёзи доимиро ба ои эҳсос мекунад, ки ниёзҳои ӯро қонеъ кунад» [12, с.11].

Чунин эҳтиёҷот мардумро ба ваҳдат, ҷомеа мебурд. Ва онҳо, яъне эҳтиёҷот асоси ташаккули шаҳрҳо мебошанд. «Эҳтиёҷот он қадар гуногунранг аст, ки худи шахс танҳо наметавонад онҳоро қонеъ кунад ва танҳо ҷомеаи иборат аз чанд нафар онҳоро қонеъ карда метавонад. Барои ин одамон ба асосгузории шаҳрҳо ниёз доранд» [12, с.11].

Ин ақидаҳои Берунӣ дар осори дигар мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёна, аз қабили; Форобӣ, Н.Тӯсӣ, З.Розӣ, Н.Хисрав, ибни Сино ва дигарон инъикос ёфтаанд. ҳамин ақидаро мутафаккирони асрҳои минбаъдаи тоҷику форс дастгирӣ кардаанд.

Берунӣ ба вуҷуд омадани забонҳо, илмҳои гуногун ва ғайраро низ бо эҳтиёҷоти муайяни моддӣ алоқаманд медонад. Донищманд зарурати зӯроварӣро дар ҳаёти ҷамъият рад карда, чунин мешуморад, ки асоси ҷамъият бояд аҳду паймони «ихтиёрии» байни одамон бошад. Берунӣ аз рӯи шартномаи «одилона» ба ивази подошпулӣ истифода бурдани як нафари дигарро иҷозат додааст» [12, с.12]. Ҳоким бояд барои риояи адолат дар ҷомеа ҷавобгу бошад. Берунӣ бар ин назар аст, ки ҷомеа набояд ба ҳоким хизмат кунад, балки баръакс, охирин бояд ба хотири оромии ҳукуматаш худро аз оромӣ маҳрум созад. Ба гуфти Берунӣ, матлуб он аст, ки ҳукумат дар «байни ашрофон» бо навбат дода шавад. Донишу маърифат барои инсон

хушбахтии олист,- мегуяд Берунӣ. - Аз ин рӯ, роҳ ба суи хушбахтӣ танҳо маърифат аст. Ва дар он аст «хушнудии ҳақиқӣ – яъне чунин ҳолати шахс, вақте аз худ мекунад чизеро, ки намедонист (пештар)» [12, с.17]. Ғояҳои баробарӣ ва инсонпарварӣ дар ҳама ҷо дар осори Берунӣ вомехӯранд.

Берунӣ ба таҳқиқи дин ва расму оини халқҳои гуногун аҳаммияти калон медод, ки онро ба неку бад, худӣ ва дигарон ҷудо намекард. Бархе муҳаққиқон менависанд, ки Берунӣ бештар ба Қуръон эътиқод дошт ва камтар ба ҳиндуҳо, ки ақидаҳои онҳоро қиссаву афсона номида [91, с.181].

Берунӣ дар китоби худ «Ёдгориҳои наслҳои гузашта» баръакс афродеро, ки ба ҳиндуҳо эътиқод надоранд, танқид мекунад: «Ва ин (шаккокон) дар бораи заъфи қонунҳои ҳиндуён дар робита ба имон ва дин, мукофоти баъди марг ва ғайра (муҳокима) мекунанд. Худованд дар бораи ин хел одамон фармуда, ки онҳо дурӯғ мебароранд он чиро, ки бо илм фаро нагирифтанд» [3, с.100]. Ба хулосае меоем, ки Берунӣ ҷонибдори касоне буд, ки мегуфтанд «ҳамаамон ба сӯи Худои ягона меравем».

Вобаста ба ин, бори дигар кайҳонпарастӣ ва кайҳоншиносии ҷаҳонбинии Беруниро қайд мекунем. Ин дафъа дар ҳалли масъалаи таърихи инсон ва инсоният. Ба ақидаи Берунӣ, дар замонҳои қадим Офтоб ва дигар ҷисмҳои осмонӣ ба тарзи дигар ҳаракат мекарданд, вақт дар Замин ва, умуман, дар ҷаҳон ба таври дигар мегузашт, аз ин ру, вақтҳое буданд, ки одамон хеле дуру дароз умр ба сар бурда, андоми ниҳоят калон доштанд ва умри одамон 215 сол буд. Илми муосир дар бораи ақидаи болотар зикршудаи Берунӣ шаҳодат медиҳад. Ӯ навиштааст: «... танҳо мушоҳида ва хулоса аз он бо ташбеҳи дарозии умр ва бузургии бадани пешиниён аз ҳадди имкон берун нест, ва, инчунин, аксари он чи, дар бораи онҳо ривоят шудааст», [3, с.95].

Ба фикрам, инчунин, тахминҳои Берунӣ ҳуқуқи ҳаёти доранд, зеро онҳо навёфт (эвристикӣ) мебошанд. «Ҳодисаҳое низ ҳастанд, ки ба ҳамин тариқ ба вуҷуд меоянд, аммо онҳоро «хатогиҳои табиат» меноманд, зеро онҳо аз тартиби муқаррарии ин гуна падидаҳо берун мебароянд» [3, с.96].

Дар ин масъала метавон бо С. Наср розӣ шуд, ки илми муосири Аврупоро дар он муттаҳам месозад, ки манзараи ҷаҳони худро дар бораи ҷаҳон ва давраҳои қадим паҳн мекунад. Мо аксар вақт диалектикаро нодида мегирем ва одат кардаем ҷаҳонро тавре бинем, ки дар пеши мо зоҳир мешавад, умуман, дар гузашта доимӣ ва дарояндаи наздик бетағйир.

Берунӣ ба «Пуранаҳо»-и қадимаи ҳиндӣ такя карда таълим медиҳанд, ки ҷаҳон ҳар лаҳза дигар мешавад [91, с.160]. Маҳз аз ин рӯ, барои Берунӣ ҳамчун олими табиатшинос, пайдоиши ҷаҳон ва офариниши он масъалаи аз нигоҳи донисташавандагӣ душворест, ки ҳалли он, яъне ҷаҳон ҳар лаҳза ба вуҷуд меояд. То кунун ба ин суол бо истинод ба ин, ё дигар манобеъ ба таври мухталиф посух медиҳанд.

Берунӣ ҳангоми таҳқиқи фарҳанг ва саҳми ҳар як аз қавми қадим ба илм, аз усули баробарҳуқуқӣ истифода намебарад, ки хоси замони муосир аст, дар ин ҷо кӯшиш мекунанд авлоди касеро «хафа» накунанд. Зиёда аз ин, вақте ки як қавмеро ноинсофона боло мекарданду дигареро хор мекарданд, хеле сахтгир буд. Ҳамин тавр, ӯ аз Абумуслим ибни Қутайба бо киноя интиқод мекунад, ки дар бораи бартарии арабҳо бар ғайри арабҳо ҳарф зада, арабҳоро донандаи ситораҳо ва ҷойҳои тулӯъ ва ғуруби онҳо меномад. Берунӣ менависад : « ҳиссаи дониши арабҳо дар ситорашиносӣ аз саҳми деҳқонони ҳар як деҳа беш набуд » [3, с.260].

Қутайба на танҳо арабҳоро аз форсҳо болотар гузошт, балки форсҳоро қавми ношоиста номид, ки Берунӣ дар посух ба ин гуфта буд: «...агар андаке андеша мекард ва ибтидои таърихи онҳоеро, ки аз форсҳо боло гузоштааст, ба ёд меовард, худаш аксари чизҳои дурӯғ гуфтаашро мефаҳмид, дар бораи ҳардуи ин халқҳо» [91, с.181].

Дар баробари ин Берунӣ ба дигар сифатҳои арабҳо ва халқҳои дигар, ки дар таърихи башарият, ақаллан донае аз ҳиссаи худ гузоштаанд, баҳои баланд медиҳад. Ӯ нишон медиҳад, ки то чи андоза ахлоқ, расму оин, урфу одат, ақидаҳо, фаҳмиш, идрок, хислат, мансубият ва маданияти халқҳои гуногун дар минтақаҳои гуногуни кураи замин гуногунанд.

Берунӣ дар бораи боигарии олами маънавии одамон, умуман, халқҳо сухан ронда, ин оламро бо олами ситораҳо то андозае ташбеҳ медиҳад ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ӯ пайрави мафҳуми макро ва микрокайҳон мегардад «... тарзу усулҳои солшуморие, ки халқҳо ба кор мебаранд, байни решаҳои онҳо, яъне санаҳои аввал ва шохаҳо, яъне моҳҳо ва солҳо чи фарқ дорад; кадом сабабҳо одамонро водор мекунанд, ки ин, ё он давраро муқаррар кунанд, чи гуна идҳои пурмазмун ва рӯзҳои фаромушнашаванда мавҷуданд, рӯзҳои ба давраҳо ва корҳои муайян бахшидашуда, инчунин, расму оинҳои дигаре, ки баъзе халқҳо бар хилофи дигарон ичро мекунанд» [3, с.8].

Ба иборaи дигар гуем, «...тамоми олам дар як одам ҷамъбаст шудааст». Ҳамин тариқ, тавре аз омӯзиш ва таҳлили шароитҳои таърихии асри IX-X бармеояд, ин замон марҳилаи ташаккули илмҳои фалсафӣ ва табиатшиносӣ буда, дар ташаккул ва шаклгирии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ таъсири худро гузоштааст. Хусусан, шароити сиёсии давр ва замони фаъолият дар дарбор барои инкишофи ақидаҳои фалсафии мутафаккир ва ба таълиф гардидани осори безаволи ӯ мусоидат намуданд. Фикру андешаҳои ахлоқӣ ва тавсифи категорияҳои ахлокро дар осори мутафаккир дар боби дуюми кор дида мебароем.

## § 2.2. Ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Абурайҳони Берунӣ

Абурайҳони Берунӣ ба таърихи афкори илми ҷаҳонӣ ҳамчун файласуф ва мутабаҳҳири бузурге дохил шудааст, ки барои ҳалли масъалаҳои гуногуни илмӣ ( ситорашиносӣ, заминшиносӣ, маъданшиносӣ, кимиё, кайҳоншиносӣ, фалсафа,) ва хосатан марбут ба илми ахлоқ услуби махсуси худро таҳия кардааст. Вай дониши чуқур ва ҳаматарафаи худро баҳри ободии ҷамъият ва одамон сарф карда, тарбия, физиология, одатҳои нек ва бади онҳоро ба назар мегирифт. Вай кӯшиш мекард, ки фаҳмиши фалсафии худро дар бораи ҷаҳон

ба ташаккули асосҳои маънавии башарият, ба ташаккули сифатҳои баланди ахлоқӣ дар шахс ва ҷамъият татбиқ намояд.

Дар андешаҳои фалсафии Абурайҳони Берунӣ як силсилаи ҷузъҳои назариявие ба назар мерасад, ки мавҷудияти панҷ унсури бунёдӣ — модда, фазо, замон, нафс ва маконро ҳамчун абадӣ муаррифӣ кардааст. Таълимоти ахлоқӣ – фалсафии ӯ дар пояи ин андешаҳо бунёд ёфта, дар асоси мантиқи дохилии хирад, воқеияти Худо ва рӯҳро ҳамчун унсурҳои болоии ҳастӣ ба тасвир меорад [36].

Гарчанде ки дар маркази назари фалсафии ӯ Худо қарор дорад, аммо мавқеи аввалро дар иерархияи ҳастӣ маҳз модда ишғол мекунад. Пас аз он замон ва фазо қарор доранд ва танҳо баъдтар нафс ва Худо ба сифати маншаи олии ҳама чиз зикр мегарданд.

Ин ҷудосозии марҳилавии ҳастӣ дар назарияи Берунӣ дар пояи равиши мантиқии фаҳмиши тафаккури инсонӣ асос ёфтааст. Ӯ ҷаҳони моддиро на танҳо ҳамчун муҳити зоҳирӣ, балки ҳамчун соҳаи фаҳмиш ва шинохти воқеият медонад. Дар осораш равшан ба назар мерасад, ки ӯ ба сарчашмаи пайдоиши олам ва низоми ҷаҳонӣ бовар дорад. Офаридгори ҷаҳониён бо иродаи олии худ на танҳо ҳудуди ҳастиро офарид, балки онро бо ҳикмату низом танзим кард. Ҳар як падида дар ҷаҳон дорои ҳадафи мушаххас буда, мавҷудияташ бо нақшаи илоҳӣ мувофиқат дорад.

Берунӣ дар баробари шинохти равияи материалистӣ ва мантиқӣ, Худоро ҷавҳари беназир ва яккаву ягона мешуморад. Дар тафсири ӯ, Худованд танҳо офаранда нест, балки низомдиҳандаи ҳамаи воқеиятҳост. Қудрати ӯ на танҳо фарогири тамоми ҳастӣ, балки нишонаи иродаи мутлақ ва хирадмандии беканор мебошад. Ба андешаи ӯ, инсон барои амалаш муҷозот, ё подош мебинад, ки ин худ далели адолати илоҳист. Ҳамзамон, ӯ таъкидан менависад, ки Худо ситамкор нест, балки раҳмдилу инсофпеша аст. Дар рисолаҳои ӯ таъкид мешавад, ки Худованд ҳеҷ гоҳ беасос ҷазо намедиҳад ва нисбат ба итоаткорон фазлу раҳматро раво медорад [126, с.155].

Ба андешаи Берунӣ, наметавон бар Худо айбҳои инсонӣ, аз қабили беадолатӣ ва хашмро нисбат дод, зеро Ӯ болотар аз ҳамаи сифатҳои инсонии маҳдуд қарор дорад. Дар яке аз матнҳои ӯ оварда мешавад: «Худо бандагонашро бо золимӣ малул намекунад» [3, с.131], ки ин нишонаи возеҳи нуфузи ахлоқи илоҳӣ ва башардӯстӣ дар андешаҳои ӯ мебошад.

Дар андешаи фалсафии Абурайҳони Берунӣ Худованд аз дидгоҳи динӣ, фалсафӣ ва илмии табиатшиносона мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ӯ тасвири илоҳиро, ки дар Қуръони карим баён ёфтааст, мепазирад, аммо дар ифодаи фалсафии худ аз тасаввуроти мутафаккирони Юнони бостон, бахусус, мактаби машшоиён, истифода мебарад. Аз ин ҷост, ки фаҳмиши ӯ аз Худо, бо вуҷуди мувофиқати зоҳирӣ бо омӯзаҳои исломӣ, ба тасвири Арастуӣ хеле наздик мешавад. Забони истилоҳии ӯ низ ба ҷойи вожаҳои динӣ бештар аз категорияҳои фалсафии юнонӣ таркиб ёфтааст. Танҳо дар ҳолатҳои маҳдуд, барои тақвияти далел, ё мутақоидсозии хонандаи мазҳабӣ, мафҳумҳои қуръонӣ ва шариатӣ ворид мегарданд.

Дар маркази системаи ҷаҳонбинии Берунӣ модда ё материя қарор дорад, ки ҳамчун ҷавҳари азалӣ ва ҷовидонӣ шинохта мешавад. Ба таъкиди ӯ, материя ибтидою интиҳо надорад, сабаби вуҷуди тамоми ашёст ва худ аз ҳеҷ зода нашудааст. Ба ин тартиб, ӯ материяро на ҳамчун офаридаи Худо, балки чун ҷавҳари мустақил ва муқаддам бар дигар падидаҳо аз ҷумла вақт, фазо ва рӯҳ мавриди тасдиқ қарор медиҳад. Ин шинохтро Берунӣ тавассути истинод ба андешаи Закариёи Розӣ таҳким мебахшад, ки дар осораш аз панҷ асли ҷовидонӣ ёд мекунад: Офаридгори мутлақ, рӯҳи кулл, моддаи ибтидоӣ, фазо ва замони абстрактӣ [11, с.288].

Аз ин ҷо бармеояд, ки Берунӣ, дар муҳокимаронихои фалсафии худ ба натиҷае мерасад, ки материя, ҳамчун маводи аввалия ва зербинои вуҷуди куллӣ, дар муқоиса бо ақл, замон ва рӯҳ, мақоми қадимтарро ишғол мекунад. Бар пояи мантиқи ӯ, ашёи моддӣ наметавонанд аз набудӣ ба вуҷуд оянд, вуҷуд доштани онҳо ҳатман ниёз ба заминаи моддии пешакии ҷовидон дорад.

Ба ин тартиб, дар ҷаҳонбинии Берунӣ ва пешгузаштагонаш, мисли Розӣ, модда ҳамчун унсури мутлақи воқеият шинохта мешавад, ки бо ҳамаи шаклҳояш ва тағйироти зоҳирияш моҳияташро нигоҳ медорад [11, с.288]. Аммо дар мувозӣ бо ин назариёт, Берунӣ ба ақидаи исломӣ низ арҷ мегузорад, ки тибқи он ҷаҳон бо иродаи Худо офарида шудааст ва ақл нахустин неъмати Ӯст, ки инсонро бо он сазовор гардонидааст. Аз нигоҳи Қуръон офариниши ҷаҳон аз набудӣ сурат гирифтааст ва ҳамаи чиз бо амри қудрати Худо падид омадааст.

Дар тафовути байни ин ду манзараи фалсафӣ, яке ҷаҳонбинии материалистии Берунӣ ва дигаре назари суннатии исломӣ бархӯрд ва ҳамзамон ҳамоҳангии назариявие мушоҳида мешавад. Берунӣ бо такя ба мантиқ ва таҷриба, моддаро маркази воқеият медонад, вале бо сабаби робитаи ахлоқӣ ва динӣ, нақши Худовандро дар таркиби умумии ҳастӣ инкор намекунад, балки онро ҳамчун қонуни танзимгару муҳаррик шиносоӣ мекунад.

Гузариш ба тафсири фалсафии масоили офариниш дар андешаи Абурайҳони Берунӣ нишон медиҳад, ки ӯ, дар муқоиса бо тафсири классикии исломӣ, ки офариниши кулли оламро аз ҳеҷ (ex nihilo) медонад, мавқеи дигарро ишғол мекунад. Бар хилофи омузаи қуръонӣ, ки ҳама мавҷудотро мавриди табдил, ҳаракат ва сукун қарор медиҳад, Берунӣ мавҷудият ва ҳаракатро дар як силсилаи қатъи сабабият мебинад. Ба назари ӯ, ҳаракат худ наметавонад ибтидои беасос дошта бошад, ҳар ҳаракате натиҷаи ҳаракати қаблист. Ин раванд, агар дар пояи вуҷуд надоштани ашёи ибтидоӣ тасаввур гардад, ногузир ба лағви мантиқ мебарад. Аз ин рӯ, дар ҷаҳонбинии ӯ модда (материя) мавқеи аввалинро ишғол мекунад, зеро бе он на сабаб, на натиҷа ва на тағйир имконпазир аст.

Берунӣ дар қолаби мулоҳизаҳои табиатшиносӣ ва фалсафии худ доираи мураккаби пайдоиш ва тартиби оламро баррасӣ намуда, хулоса мекунад, ки «мураттаб будани системаҳои зинда, комёбиҳои биологӣ ва низоми муназзами коинот шаҳодат аз вуҷуди зеҳни созанда ва ислоҳкунандаи комил

медиҳад. Ба ақидаи ӯ, вуҷуд доштани чунин мураттаби комил ғайриимкон аст, агар дар паси он хирад ва дониш қарор надошта бошад. Аз ин рӯ, файласуф нафйи мавҷудияти зоти огоҳ ва қудратманд, яъне Худо намекунад, балки ба он ҳамчун иллати комили тартиби ҷаҳонӣ менигарад» [11, с.288].

Бо ин ҳама, Берунӣ на танҳо тасвири фалсафии Худоро эътироф мекунад, балки муқаррароти исломиро дар бораи тавсифи Худованд низ рад намекунад. Вай исмҳои зебо ва сифоти камоли Илоҳиро, аз қабили Аҳад (Ягона), Ҳай (Зинда), Олим (Доно), Қодир (Қудратманд), Холиқ (Офаридгор), Басир (Бинанда) ва ғайра ҳамчун ҷузъи фаҳмиши мазҳабии мавҷудоти олии инсон шомил менамояд. Ин шинохт танҳо ифодаи ибодатӣ нест, балки шинохти фалсафии воҳид ва умумии тартиби кулли олам мебошад.

Ҳарчанд ки андешаи фалсафии ӯ дар баъзе ҷойҳо аз таълимоти шариатӣ фосила мегирад, Берунӣ ҳеҷ гоҳ ҷанбаи метафизикии қудрати илоҳиро дар равандҳои илмӣ рад намекунад. Ӯ бар ин назар аст, ки инсон тавассути ақл ва иродаи худ, ки аз ҷониби Худо вогузор шудааст, метавонад ба қуллаҳои шинохти илмӣ бирасад. Ӯ кӯшиш намекунад, ки ояти қуръонро дар бораи ҳафт қабат доштани осмон ва замин, ё ҳукмфармоии Худо бар тамоми офаридаҳо инкор кунад. Баръакс, инро ҳамчун ҷузъи эътиқоди умумии илмӣ-маънавӣ мепазирад.

Дар натиҷа, дар назарияи фалсафии Берунӣ Худованд ҳамчун неруи зирак, доно ва комилан огоҳ аз ҳама паҳлуҳои олам тасвир мешавад. Идроки ӯ тамоми замину осмонро фаро мегирад ва ҳеҷ заррае, ҳатто андешаи пинҳони инсон, берун аз илми ӯ нест. Бо чунин равиши мантиқию ахлоқӣ, мутафаккир дар шинохти пайвандҳои байни илм, дин ва ҳастӣ, манзараи мутавозин ва ҳамгироеро пешниҳод мекунад, ки дар он модда ва маънавият, ақл ва эътиқод ҳамзамон ҳузур доранд.

Абурайҳони Берунӣ бо такя ба принсипҳои мантиқӣ ва таҷрибаҳои ақлӣ радикалона ақидаи офариниши ҷаҳон аз нестиро рад мекунад. Ӯ дар мулоҳизаҳои худ таъкид менамояд, ки бе вуҷуд доштани моддаи ибтидоӣ,

равандҳои офариниш аз нигоҳи мантиқ имконнопазир мебошанд. Ба гуфтаи ӯ, наметавон аз нестӣ ягон мавҷудиятро ба вуҷуд овард, зеро офариниш ҳамеша ниёз ба заминаи моддӣ дорад. Ин мавқеи илмӣ дар робита ба омӯзиши материя, ки дар андешаи файласуфи тоҷику форс мустаҳкам ҷойгир шудааст, асоси дувуми тасдиқи абадият ва қадиммияти модда маҳсуб мешавад.

Дар тасвири назарияи худ, Берунӣ ба иқтибос аз Розӣ истинод мекунад, ки чунин навиштааст: «Ҳеҷ чиз аз ҳеҷ зоҳир намешавад, ҳар чизе, ки пайдо мешавад, бояд манбаи моддӣ дошта бошад. Аз ин бармеояд, ки офариниш на аз нестӣ, балки аз модда сурат мегирад ва ҳамин модда ҷовидон аст» [102, с.271].

Берунӣ дунёро ҳамчун маҷмӯи падидаҳои моддӣ тасвир мекунад, ки дар заминаи ҳаракати дохилии заррачаҳои бунёдӣ – атомҳо ташаккул ёфтаанд. Дар ин раванд, модда ҳамчун субстансияи бунёдии ҳар гуна ашё ва падидаҳо, аз қабили шакл, рангу рӯшноӣ, мазза, бӯй ва амсоли он маънидод мешавад. Ин муносибати фалсафӣ, ки ба равиши атомистӣ такя мекунад, нишон медиҳад, ки Берунӣ дарк ва шарҳи зуҳуроти табиатро дар пояи назарияи заррачаҳои тақсимнашаванда – атомҳо таҳия намудааст.

Ба андешаи ӯ, атомҳо шакл ва ҳаҷми мушаххас дошта, ба қисмҳои хурдтар тақсим намешаванд ва маҳз аз ҳамин зарраҳои бунёдӣ тамоми мавҷудоти коинот ташаккул ёфтаанд. Вақте ки ашё фано меёбанд, ин нестшавии модда нест, балки баргашт ба ҳолати аслии худ — атомҳо мебошад, ки худ табиати ҷовидона доранд. Дар ин ҷо марг ҳамчун гузариш аз шакли мураккаб ба шакли одии ибтидоӣ фаҳмида мешавад, на ҳамчун нестшавии куллӣ.

Ин нуқтаи назар дар китоби маъруфи Розӣ – «Баёни паидоиши афлок» низ мавриди таъйид қарор гирифтааст, ки дар он омадааст: «Модда як воқеияти бунёдист, ки бо зарраҳои тақсимнашавандаи абадӣ – атомҳо ташаккул меёбад» [16, с.220].

Аз ин рӯ, фалсафаи Берунӣ нишон медиҳад, ки ӯ қотеъона тарафдори назарияи қадимият ва ҷовидонии материя мебошад. Аз дидгоҳи ӯ, тағйироти мавҷудот табдилоти шаклӣ ва ҳолатии атомҳоянд, ки модда аз онҳо иборат аст. Яъне, ҳар гуна тағйирот дар ҷаҳони воқеӣ натиҷаи дигаргуниҳои сифатӣ ва миқдорӣ дар сохтори атомист. Бо ин мавқеъ, Берунӣ дар баробари файласуфони юнонӣ ва мутафаккирони ҳамасри худ мавқеи устувори илмиро мегирад. Аммо, бархе мутафаккирони асримиёнагӣ, ба монанди Абуҳомид Ғаззолӣ, шадидан ба ин ақида мухолиф буданд. Ғаззолӣ ба эътиқоди суннатии ислом такя намуда, бар ин назар буд, ки ҷаҳон танҳо бо ирода ва хости Худованд ба вуҷуд омадааст ва ҳангоми сурат гирифтани амри илоҳӣ, коинот офарида шудааст [38, с.66].

Дар муқоиса бо мавқеи догматикӣ, Берунӣ аз роҳи тафаккури таҷрибавӣ ва мантиқии табиатшиносона ворид шуда, ташаккули дунёро аз зовияи реалистӣ ва моддӣ шарҳ медиҳад. Дар доираи ин назария, модда ҳамеша вуҷуд дошт, дорад ва хоҳад дошт, новобаста аз шакл ва таркибаш.

Чунон ки дар таълимоти файласуфони классикии Шарқ ва Юнон мушоҳида мешавад, Абурайҳони Берунӣ ва Закариёи Розӣ низ ҳамандеши он буданд, ки тамоми олам аз панҷ унсури асосӣ таркиб ёфтааст: замин, об, оташ, ҳаво ва фазои осмонӣ [76, с.33–35].

Ин назария, ки реша дар андешаҳои қадимии оламиён дорад, барои таҳлили табиати моддӣ ва сохтори ҷаҳони физикӣ дар афкори ин ду мутафаккир заминаи фалсафӣ фароҳам оварда шудааст.

Абурайҳон яке аз аввалин мутафаккиронест, ки масъалаи фазоро ҳамчун мавзуи алоҳидаи фалсафӣ дар доираи баррасии гуногуншаклии ашё ва падидаҳои дунё матраҳ намудааст. Ӯ бар он аст, ки ҳар мавҷудоти моддӣ дорои ҳаҷм, андоза ва ченак буда, тағйири ҳар кадоми онҳо ба тағйири моҳияти он объект меанҷомад. Аз ин рӯ, фазо на танҳо муҳити ҷойгиршавии ашё, балки ҷузъи муҳими муайянкунандаи воқеияти моддӣ ба шумор меравад.

Тибқи усули атомистии Берунӣ, тамоми равандҳо ва зуҳуроти ҷаҳон натиҷаи тағйироти сифатӣ ва миқдории зарраҳои бунёдӣ — атомҳо мебошанд. Дар доираи ин таҳлил, фалсафаи Берунӣ ба мавқеи реалистии моддияти олам такя мекунад ва нақши Офаридгорро дар амали офариниш рад менамояд. Бо вуҷуди ин, ӯ баёнҳои динӣ ва қуръониро дар бораи пайдоиши олам комилан рад намекунад, балки онҳоро ҳамчун унсури тарбиятӣ ва фарҳангӣ қабул дорад.

Таълимоти фалсафии Берунӣ, асосан, бар пояи таъйини абадияти панҷ ҷавҳари аслӣ — модда, фазо, замон, ҷон ва Худо бино ёфтааст. Дар тафаккури ӯ, фазо, вақт ва ҳаракат на падидаҳои фавқултабиианд ва на муваққатӣ, балки шаклҳои доимии вуҷуд доштани модда ба шумор меравнд. Ба ин маънӣ, онҳо ҳамчунин мисли худи модда беоғоз ва бебоpанд.

Дар асари машҳури худ «Китоби панд дар бораи илми ситораҳо» Берунӣ хусусиятҳои ҷаҳони осмониро чунин баён менамояд: «Ҷисми осмонӣ шакли курра дошта, дар муҳити худ ба таври муназзам ҳаракат мекунад ва дар баробари он дигар ҷисмҳоеро низ дар бар мегирад, ки ҳаракати онҳо аз он фарқ мекунад. Замин дар маркази ин муҳит қарор дорад. Ин муҳитро “кура”척 меноманд, зеро ҳаракати он ба даврзании чарха шабоҳат дорад. Ба гуфте, ки файласуфон онро “эфир” ном мебаранд» [9, с.50].

Берунӣ таъкид мекунад, ки ҳар чизи берун аз ин ду ҷаҳон (осмонӣ ва заминӣ), ё ҷисм аст, ё ғайри ҷисм. Агар ҷисм бошад, пас фазо лозим аст, ки онро дар бар гирад. Агар ҷисм набошад, пас он худ фазо хоҳад буд. Аз ин ҷо ӯ ба натиҷае мерасад, ки фазо беинтиҳо ва бекарон аст. Ҳар нафаре, ки мегӯяд фазои куллӣ маҳдуд аст, нохост бояд эътироф намояд, ки пас аз он ҷисмеро тасаввур мекунад, ки худ низ дар фазо қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳатто охири ҳар ҷисм низ фазо мебошад. Ба ҳамин васила, дар мулоҳизаҳои Берунӣ фазо мавҷудияти худшинос ва мустақил дорад ва беохир эътироф мегардад.

Закариёи Розӣ низ ба чунин мавқеъ пайравӣ кардааст ва дар муҳокимаҳои худ таъкид намудааст, ки вуҷуд доштани моддаи ибтидоӣ дар фазо шарти зарурии ҳастии ҳар гуна моддаи шаклнаёфта аст. Берунӣ бо далелҳои мантиқии иловагӣ ин андешаро мустаҳкам карда, фазоро на ҳамчун муҳити тасодуфӣ, балки ҳамчун ҷавҳари аслӣ ва абадии олам арзёбӣ менамояд [3, с.56–57].

Дар баробари фазо мутафаккир қадимӣ, ҷовидонӣ ва ҳуввияти замонро низ эътироф мекунад. Мавҷудияти замонро эътироф карда, онро қадимӣ, ҷовидона ва гузаранда медонад:

а) оид ба масъалаи замон ҳамчун шакли мавҷудияти материя ва кадимӣ ва ҷовидонии материя менависад: «Чен кардани замон, муқаррар намудани воҳидҳои андоза, ... системаҳои тақвим, интихоби ибтидои шумурдани солҳо, давраҳо, ... ҷамъият, дар фосилаи амиқи асрҳо реша давондаанд. Онҳо ҳатто дар давраи зиндагии ибтидоӣ, бодиянишинии одамон нақши муҳим бозидаанд...» [3, с.23];

б) дар бораи гузашти замон сухан ронда, қайд мекунад, ки замони мутлақ давомнокӣ ва ҷовидонӣ аст. Ҷовидон дар ҳаракат аст ва таваққуфро намедонад. Вақти маҳдуд он чизест, ки тавассути ҳаракати осмон, ҷараёни офтоб ва ситораҳо ба вуҷуд меояд. Вақте ки шумо фарқияти ин ду навъи вақтро дарк мекунед ва ҳаракати абадиятро тасаввур мекунед, пас вақти мутлақро тасаввур мекунед, ки ҷовидони беохир аст. «Вақт ба маънои мутлақ танҳо ба Офаридгор тааллуқ дорад - ҳамду сано ба ӯ! - зеро синну соли ӯст, ки бо ибтидо ва интиҳо маҳдуд нест ва ба шарофати он ӯ абадӣ аст» [11, с.443].

Фахруддини Розӣ қайд мекунад, ки «вақт доимист ва агар дар даҳр «замони ҷовидона» ҳаракате ба амал ояд, ки ақаллан зарраҳои замон дар он иштирок кунанд, онро замон мехонанд» [15].

Даҳр (олам) худ ба худ бе ҳаракат аст. Аммо вақте ки материя ба вуҷуд меояд ва як ҷои муайянро ишгол мекунад, мавҷудияти он бо мурури замон зарур мешавад. Вақт ногузир бо ҳаракат алоқаманд аст.

Мувофиқи низоми фалсафии Абурайҳони Берунӣ Худо яке аз панҷ ҷавҳари қадимӣ ва ҷовидонӣ маҳсуб мешавад. Аммо, чунон ки қайд кардем, Худои фалсафӣ, ба ақидаи Берунӣ, аз ҷиҳати мақсад ва маънии худ аз Худое, ки дар Қуръон оварда шудааст ва Худое, ки ҷонибдорони мазҳаби ашъарияро бартарӣ медонанд, то андозае тафовут дорад. Ӯ Худои сирф фалсафист ва вазифаҳои тамоман дигарро иҷро мекунад, яъне:

Худои фалсафии Берунӣ асосгузори ҳастӣ ва вуҷуд нест, «ҳамаи ин андешаҳо аз ҳақиқат дуранд. ҳақиқат дар ин аст, ки амал комилан ба материя тааллуқ дорад.... Дар натиҷа, материя амалкунанда аст ва ҳама чиз... дар иҷрои амал ба вай ёрӣ мерасонад» [11, с.73-74].

Худои фалсафии Берунӣ қудратманд нест. Масалан, ӯ қобилияте надорад, ки нафсро аз ишқи модда ва мафтунии он боздорад.

Аз рӯйи таҳлили ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ, метавон ба чунин хулоса расид, ки тасаввури ӯ дар бораи Худо ба таври куллӣ аз тасвири илоҳии мутлақи динӣ фарқ мекунад. Мутафаккир на танҳо Худои беамалу мутлақро, ки бе ниёз ва бе замина офарида бошад, намепазирад, балки чунин Худоро аз доираи фаҳмиши хирад хориҷ медонад. Ба назари ӯ, офариниш худ амали дорои ангезаи дохилӣ аст, ки на аз иродаи тасодуфии Холиқ, балки аз робитаи табиӣ бо ҷавҳари абадии дигаре маншаъ мегирад. Ин ҷавҳари иловагӣ, ки сабаби асосии пайдоиши ҷаҳон гардидааст, аз нигоҳи фалсафии Берунӣ — рӯҳ аст.

Дар ин росто, ақидаи Берунӣ ба шакли решагирии офариниш аз ду қувваи абадӣ майл дорад: рӯҳи маънавии олӣ ва зоҳиргардии моддӣ. Худо, мувофиқи чунин мантиқ, бар асоси иродаи худ амал намекунад, балки таъсири ҷавҳари дигар — рӯҳ, ӯро ба амал роҳнамоӣ мекунад. Аз ин рӯ, офариниш ҳамчун раванди воҳид на амали яктарафа, балки натиҷаи таъсири мутақобилаи ду ҷавҳари абадӣ — Худо ва рӯҳ ба ҳисоб меравад.

Ба илова, Берунӣ таъкид мекунад, ки вуҷуд ва маърифати Худо аз шинохти инсон сарчашма мегирад. Худо, дар фаҳмиши ӯ, танҳо дар тафаккури одамӣ ҳаёт ва ҳузур пайдо мекунад. Маҳз шуури инсонӣ аст, ки

ба Офаридгори ягона шакл ва мазмун мебахшад. Аз нигоҳи мутафаккир, ақл олитарин неъмати илоҳӣ барои инсон буда, тавассути он фаҳмиши ҳақиқат ва дарки рӯҳи олам ба амал меояд.

Дар китоби маъруфи Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ — “Тибби рӯҳонӣ” чунин нукта ҷой дорад, ки комилан ба назарияи Берунӣ наздик аст: «Ба ростӣ, Худованд бар мо ақлро ато кард, ва тавассути он мо тавонистем ба асли худ ва муҳити маънавии худ сарфаҳм равем. Ин бузургтарин лутфу раҳматест, ки ӯ нисбат ба инсон анҷом додааст» [14, с.24].

Абурайҳони Берунӣ бар ин назар аст, ки рӯҳ низ яке аз ҷавҳари асосии ҷаҳон аст. Вай дар ин бора менависад: « Рӯҳ, азбаски дар хирад комил нест, ҳар он чиро, ки бояд донад, ба таври комил ва дарҳол, бидуни сарфи вақт фаро намегирад ва маҷбур аст, ки мавҷудоти алоҳидаро кашф кунад ва тамоми имконоти ҳастиро таҷриба кунад; гарчанде шумораи онҳо беохир нест, шумораи маҳдуди онҳо хеле зиёд аст ва ба рӯҳ барои таҳқиқи ин гуногунрангӣ вақти хеле зиёд лозим аст. Аз ин рӯ, нафс танҳо бо тафаккури мустақим дар бораи фардҳо ва намудҳо ва амалҳо ва ҳолати пайдарпай тағйирёбандаи онҳо дониш ҷамъ мекунад, то дар бораи ҳар яки онҳо таҷриба андӯзад ва тавассути ин дониши нав ба даст орад» [11, с.88].

Аз нигоҳи Абурайҳони Берунӣ, рӯҳ на танҳо ҷавҳари абадӣ, балки моддаи дорои ҳаёт ва фаъолият мебошад. Ба андешаи ӯ, рӯҳи инсон аз воқеияти баландтари мавҷудот сарчашма мегирад ва дар пайи омезиш бо олами моддӣ зери таъсири ҷозибаи он қарор гирифта, асли худро фаромӯш мекунад. Ин ҳолатро мутафаккир тавассути таъсири шавқ, хоҳиш ва эҳсоси лаззат шарҳ медиҳад, ки рӯҳро ба сохтани дунёи нав, мутобиқ ба орзую иродаи шахсӣ водор месозанд.

Берунӣ таъкид мекунад, ин ҷаҳони мутасаввира, ки аз ҷониби рӯҳ сохта мешавад, қобилияти расидан ба комилиятро надорад ва аз ин рӯ рӯҳ дар зери фишори ноумедӣ ва дарди маънавӣ қарор мегирад. Маҳз дар чунин вазъият, Худо ҳамчун иродаи мутлақ ва танзимгари низоми ҳастӣ вориди амал мегардад ва бо тақдири худ ҷаҳони мутавозин ва мураттабро ба вуҷуд

меорад. Ин ҷаҳони нав наметавонад маҳсули фаъолияти мустақили рӯҳ бошад, балки танҳо бо мудохилаи қудрати илоҳӣ шакл мегирад.

Берунӣ дар таҳлили низоми офариниш, ҷои рӯҳи башариро дар паҳлуи модда ва шаклҳои ҳастӣ барҷаста муайян намуда, равобити мутақобила миёни онҳо — яъне рӯҳ, модда ва ҳастиро бо риояи усулҳои мантиқӣ ва фалсафӣ баррасӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, рушди воқеияти олам натиҷаи муқовимат ва мутазоди ҳамешагии ақл ва рӯҳ мебошад.

Муфассалтар, файласуф рӯҳро ба се зинаи таркибӣ тақсим мекунад: рӯҳи наботӣ, рӯҳи ҳайвонӣ ва рӯҳи нотиқ, ки охирӣ олиитарин шакли рушдёфтаи шуур ва маърифат ба шумор меравад. Ӯ бар ин назар аст, ки ин се навъи рӯҳ, ҳар яке дар бадани инсон ҳузур дошта, дар ҳамоҳангӣ фаъолият мебаранд. Рӯҳи наботӣ, ба таъбири Берунӣ, аз моддаи мутаҳаллик ва номустаҳкам иборат буда, танҳо вазифаи таъмини фаъолияти физиологии инсонро бар дӯш дорад ва дар хидмати рӯҳи нотиқ қарор дорад.

Ба он далел, ки рӯҳи наботӣ дар заминаи моддаи фаношаванда пайдо шудааст, устувории ҷавҳарӣ надорад ва ҳар мавҷуде, ки чунин реша дорад, дар ниҳоят ба шакли дигар табдил меёбад. Ҳамин тавр, Берунӣ робитаи байни абадияти рӯҳ ва фаноиятпазирии моддаҳои поёнии ҷисмро бо забони фалсафии мутавозин дар низоми ҷаҳони худ муайян мекунад.

Аз дидгоҳи Абурайҳони Берунӣ, рӯҳи ҳайвонотӣ на танҳо нақши унсури фаъоли зиндагиро дар организми инсон мебозад, балки ҳамчун воситаи ҳавасҳо ва ангезаҳои ботинӣ хизмат карда, дар идора ва ҳидояти рӯҳи наботӣ нақши муҳим дорад. Маҳз рӯҳи ҳайвонотӣ вазифаи (функсия) муҳофизатии рӯҳи набототро иҷро намуда, ба фаъолияти он самт ва равия мебахшад. Мутобиқи ин назар, Берунӣ асли зуҳури камбудиҳои инсонро дар ирода ва ҳирси нафс мебинад, дар ҳоле ки мартаба ва камолоти инсонро танҳо дар сурати мутеъ будани нафс ба ақл имконпазир мешуморад.

Ин андешаҳо, ки дар таҳлилҳои фалсафии Берунӣ ба таври муназзам инъикос ёфтаанд, нишон медиҳанд, ки мутафаккир бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои онтологии классикӣ, ба суннатҳои фалсафии Юнон ва фалсафаи

ҳиндӣ, махсусан, равияи материалистии чорвокаҳо муносибати таҳлилӣ ва интиқодӣ пайдо кардааст. Ӯ бо вуҷуди арҷгузорӣ ба системаҳои бузурги ақлони фалсафа, аз қабили афкори Арасту, ба бархе аз ҷанбаҳои таълимоти ӯ назари интиқодӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, Берунӣ муқобилияти назаррасро нисбат ба идеяи холигии мутлақ дар назарияи физикии Арасту иброз доштааст. Аз дидгоҳи ӯ, ҳаракат хусусияти зотии ашё мебошад ва он аз унсурҳои ботинии мавҷудот сарчашма мегирад, на аз таъсири беруна [177, с.46], тавре ки Арасту пешниҳод карда буд.

Берунӣ дар баррасии ин масъалаҳо бо нигариши илмии воқеъгароёна амал намуда, кӯшидааст то аз сарчашмаҳои эътиқодӣ ва мазҳабӣ фосила гирифта, танҳо бо дастовардҳои илмии ҳамзамон ба таҳлили воқеият мурочиат кунад. Мавқеи фалсафии ӯ дар муқобили мавқеъҳои идеологҳои мазҳабӣ, ки асосан бар пояи афсона, нақлҳои суннатӣ ва иғроқи ирфонӣ бунёд ёфта буданд, қотеъона эълом мегардид. Ӯ бар он аст, ки фалсафа наметавонад дар чорчӯби афсонаҳо ва эътиқодоти хурофотӣ рушд ёбад ва мегӯяд: «Чӣ гуна метавон аз инсон интизори андешаи фалсафӣ дошт, дар ҳоле ки ӯ ба арзишҳои кухна, саршор аз якравӣ ва ҷаҳл, пойбанд мондааст» [182, с.82].

Маҳз ҳамин дидгоҳи мустақил ва ақлгароёна боис гардид, ки мутафаккир аз сӯи рӯҳониёни суннатгаро ба унвони шахси дур аз дин, аҳли бидъат ва ҳатто мушрик маҳкум гардад. Вале ӯ, бо нигоҳ доштани садоқат ба мантиқи илм ва мустақилияти фикрӣ, роҳи пажӯҳишро то охир идома дод ва ҷиҳатҳои решагии ҳастиро дар рӯшноии ақл ва таҷриба арзёбӣ кард.

Барои равшантар дарк кардани таълимоти ахлоқии Абурайҳони Берунӣ таҳқиқ ва махсусан таҳлили амиқи назарияи дониши ӯ зарур аст.

Дар назарияи дониши ин мутафаккир олам ҳамчун объекти комилан маълум эътироф шудааст. Гносеологияи ӯ бо назардошти ҳалли масъалаҳои мавҷудият, хислати ақлӣ ва муҳокимавӣ дорад. Ба акидаи ӯ, танҳо бо ёрии ақл амал ва эҷоди фаъол имконпазир аст. Мутафаккир ақлро неъмати Худо

медонад, на маҳсули мағзи инсон ва бар ин назар аст, ки инсон ба унвони волои худ танҳо ба воситаи ақл ва дониши оқилонааш мерасад.

Абурайҳони Берунӣ менависад, ки Худованди мутаъол, ки номаш пуршукуҳ бод, ба мо ақл додааст, «Ва нафсро ба роҳи рост – хирад ҳидоят мекунад, ки Худо бар он рехтааст - шарафманду пок ӯ! Ба воситаи ақл инсон ҳақиқати чизҳоро дарк мекунад ва он ба шинохти Худои таъоло ва чунин корҳое мебарад, ки ҳама онҳоро дӯст медоранд ва ҳама ситоиш мекунанд» [11, с.87].

Абурайҳони Берунӣ ба мақоми ақл дар низоми маърифатии инсонӣ ва дар таҳаввули илму фарҳанги ҷаҳонӣ аҳаммияти сарнавиштсоз медиҳад. Аз назари ӯ, маҳз қобилияти тафаккур ва неруи шинохт, инсонро аз ҳайвон ҷудо мекунад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки ҷаҳонро идрок ва танзим намояд. Дар навиштаҳояш, ӯ таъкид мекунад, ки бо шарофати ақл инсоният на танҳо ҳадафҳои амалӣ ва илмии худро амалӣ месозад, балки ба дониши амиқе дар бораи сохтори замин, низоми кайҳонӣ, табиати оташ, ҳаво ва об, ҳамчунин ҳаракати сайёраҳо, аз ҷумла, Офтобу Моҳ даст меёбад.

Берунӣ ақлро ҳамчун муҳаррики рушд ва комёбиҳои башарӣ мешуморад, ки бе он инсон дар ҳолати бетафовутии ҳайвонӣ қарор мегирифт. Ба гуфтаи ӯ, «инсон ба хотири он ки бо ақл муҷаҳҳаз гаштааст, сазовори рисолат ва ноибии илоҳӣ дар рӯи замин гардидааст» [12, с.9] ва маҳз бо ҳамин васила дигар махлуқот мехоҳад ихтиёрӣ ва мехоҳад маҷбурӣ дар хизмати инсон қарор гирифтаанд, то манфиатҳои ӯро таъмин кунанд.

Аз нигоҳи Берунӣ, ақл танҳо абзори мантиқӣ нест, балки ҷузъи хиради илоҳӣ ва мояи шарифи инсон аст, ки дар муқобили ҳиссиёт ва майлҳои физиологӣ ҷой дорад. Ӯ менависад, ки агар инсон тавонад нафси худро зери назорати ақл нигоҳ дорад, пас, ӯ ба мартабаи арзандаи инсонӣ мерасад. Ба ин васила, мутафаккир робитаи зичи маърифатро бо ахлоқ ва худшиносии инсон барҷаста менамояд.

Файласуф дар таҳлили худ ба равандҳои шинохт таваҷҷуҳ намуда, ду зинаи асосии донишро муайян месозад: дониш бар асоси эҳсос (ҳиссиёт) ва

дониш бар асоси ақл (маърифат). Дониши эҳсосӣ ҳамчун пояи донишҳои мураккабтар ва абстрактӣ баромад мекунад. Ӯ тавзеҳ медиҳад, ки инсон бо ёрии панҷ узви ҳисси худ (ламс, биноӣ, шунавоӣ, таъм ва бӯй) муҳити атрофро дарк мекунад ва дар зинаи оянда ин тасаввурот бо кумаки ақл ба маърифат табдил меёбад.

Дар баробари ин, Берунӣ ҳамзамон ба муҳиммияти ҳиссиёт дар ташаккули дониш арҷ мегузорад, вале бар он аст, ки танҳо бо такя ба ҳиссиёт маърифати комил имконнопазир аст. «Ӯ мегӯяд, ки ҳиссиёт ба модда бастагӣ доранд ва бештар ба табиати ҳайвонӣ хосанд, дар ҳоле ки ақл хусусияти инсонӣ дошта, ба маърифати аслӣ мерасонад. Бо вуҷуди ин, агар инсон ҳиссиётро тавассути ақл ва тафаккур идора намояд, онҳо низ метавонанд манбаи иттилооти муфид бошанд» [12, с.10].

Абурайҳони Берунӣ, ба монанди Абунасри Форобӣ ва Ибни Мискавайҳ, шинохти ҷаҳонро дар ду зина — таҷрибавӣ (ҳиссӣ) ва мантиқӣ (ақлонӣ) арзёбӣ менамояд. Дар баробари ин, ӯ шакли мантиқии донишро марҳилаи олитарини маърифат эътироф мекунад, ки ин нуқтаи назар ба андешаҳои Ибни Сино ва мактаби тасаввуф наздикӣ дорад. Ба андешаи мутафаккир, фаҳмиши инсонӣ тавассути ҳиссиёт оғоз меёбад, зеро маҳз тавассути панҷ ҳисси зоҳирӣ инсон дар бархӯрд бо муҳит донишҳои ибтидоӣ ва тасаввуроти нахустинро ба даст меорад. Азбаски дониши ҳиссӣ асоси устувор надорад ва ба таҳрифу хатогӣ осебпазир аст, барои расидан ба донишҳои амиқ ва устувор инсон ниёз ба шакли баланди шинохт — донишҳои мантиқию ақлонӣ дорад.

Ин навъи дониш дар андешаи Берунӣ аз ҳиссиёт ва неруи ботинӣ маншаъ мегирад ва бо амал ва таҷриба ба камол мерасад. Мутафаккир чунин мешуморад, ки ҳиссиёти ботинӣ, аз қабили хаёл ва идрок, дар ташаккули шинохти амиқ нақши калидӣ мебозанд ва шароити зарурииро барои зуҳур ва таҳкими маърифат фароҳам месозанд. Дар натиҷа, тавассути таҷрибаи муназзам ва такя ба тавонмандиҳои фикрии ботинӣ, инсон ба дониши илмӣ ва воқеии ҷаҳон даст меёбад. Тавассути ин раванд, инсон метавонад

«сохтори осмонҳо ва замин», «ҷанбаҳои ниҳонии ҳаракати Офтоб ва Моҳ» ва «пинҳонтарин нуқтаҳои олам»-ро идрок намояд, аммо на мустақим, балки тавассути илм, таҷриба ва маърифати мантиқие, ки бо ақл роҳнамоӣ мешавад.

Берунӣ бар ин назар аст, ки танҳо бо пайванд додани таҷриба ва таҳлили мантиқӣ метавон ба донишҳои воқеӣ ноил шуд. Вай таъкид мекунад, ки ҳар гуна дониш, ки бо озмоиш ва мушоҳидаҳои илмӣ тасдиқ нашуда бошад, қобили эътимод нест. Барои тасдиқи ин назария, мутафаккир аз маҷмуаи мисолҳои рамзии омӯзанда истифода мекунад. Масалан, дар яке аз қиссаҳои рамзӣ, шахси фалаҷ бо шахси нобино дар биёбон рӯ ба рӯ мешавад — яке роҳро медонад, вале ҳаракат карда наметавонад, дигаре қудрати ҳаракат дорад, вале самти дурустро намешиносад. Онҳо бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд: фалаҷ роҳ нишон медиҳад, нобино мебарад — ва дар натиҷа наҷот меёбанд [11, с.85-86].

Ин мисол муодили робитаи илм (ақл) ва таҷриба (ҳаракат) дар раванди маърифат аст.

Дар мисоли дигар, Берунӣ ба шифоёбии табиӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ӯ мегӯяд, шахсе донаи растании килкилро ба гардани зани ҳомила овехта, бо ин васила эҳсоси амният ва эминӣ мебахшад. Ё мисоли дигари табииву таҷрибавӣ — мори хаста аз хоби зимистона, ки пас аз бедорӣ норасоии биниш дорад ва чашмони худро бо сабзаи гиёҳи арғувон пок мекунад ва бинишашро барқарор месозад. Аз ҳамин таҷрибаи табиӣ инсон низ меомӯзад ва оби ин гиёҳро барои беҳсозии чашмонаш истифода мебарад.

Гуфта ва мисолҳои Беруниро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба ақидаи ӯ инсон тадриҷан аз донишу мушоҳидаҳои одӣ ба донишҳои мураккаб, ки бо таҷриба ва амалия озмуда шудааст, мегузарад ва ба донишҳои нави амиқ ва ҳақиқӣ роҳ мекушояд.

Абурайҳони Берунӣ, ки дорои диди интиқодӣ ва тафаккури рационалистӣ буд, ба таври қатъӣ ҳар гуна шаклҳои ирфонӣ ва эътиқоди кӯр-кӯрона ба муъҷизаҳоро рад мекард. Дар осори ӯ мавқеи равшани

интиқод аз афсонаҳои мазҳабӣ ва шахсиятҳои «муъҷизаофар» мавҷуд аст. Аз нигоҳи ӯ, Худованд тамоми бандагони худро бо тавоноии яксон офарида, ба ягон нафар бартарии илоҳӣ надодааст. Агар Худо ният медошт, ки барои ҳидояти инсонҳо касеро баргузинад, пас бо адолати худ онҳоро баробар огоҳ месохт, на ин ки якеро болотар аз дигарон гузорад ва сабаби ихтилоф гардад. Ба назари Берунӣ, тафовут гузоштан миёни инсонҳо ва барҷастасозии ашхос ба унвони имомону пешвоён, ки ҳар гурӯҳ онҳоро моли худ мешуморад, сабаби низоъ, тафриқа ва фалаҷи иҷтимоӣ дар ҷаҳони ислом шудааст.

Мутафаккир дар навиштаҳояш муъҷизаҳои бофта ва дурӯғини паёмбарони қалбакӣ, чун Будософро мисол меорад, ки ба гуфтаи ӯ баъди фурӯпошии ҳукумати Таҳмурас дар Ҳиндустон зуҳур кард, бо хати форсӣ баромад кард ва мардумро ба мазҳаби собиён даъват намуд. Ба гуфтаи ӯ, ин гурӯҳи динӣ то имрӯз дар шаҳри Ҳаррон мавҷуданд, ки бо макони истиқоматашон шинохта мешаванд [3, с.201] .

Дар арзёбии равандҳои мазҳабӣ, Берунӣ бар зидди таълимоти ҷараёнҳои исломии он давр – муътазила, хориҷия, мурҷия, шиъа ва суннатгароён мавқеъ гирифта, бар он аст, ки манофеъ ва ҷанҷолҳои сиёсӣ дар атрофи масъалаи имомат ва пешвои муътабар ба ҷойи ҳамбастагӣ, ихтилоф ва даргириҳои хунинро ба вуҷуд ов863анд. Ба гуфти ӯ, инсон бояд на ба пайравии кӯр-кӯрона аз шахсиятҳои мазҳабӣ, балки ба рушду парвариши қобилияти ақлониаш такя кунад. Аз ҳама неъмати бузург, ба андешаи Берунӣ, барои башарият ақл аст. Танҳо тавассути донишомӯзӣ, таҳлил ва муқоисаи мантиқии ақидаҳо инсон метавонад аз гирдоби ҷаҳолат раҳо ёбад.

Файласуф зимни таҳлили манобеи ахлоқӣ ва фалсафӣ ва баррасии асосҳои шариати исломӣ мекӯшад, ки иллатҳои низоъ миёни мазҳабҳои мухталифро шарҳ диҳад. Ба ақидаи ӯ, манбаъ ва усулҳои динӣ, ки аз якдигар фарқ мекунанд, сабаби ихтилофи доимӣ миёни равияҳо ва афрод шудаанд. Ӯ бо далели возеҳ менависад, ки маҳз ҳамин тафовутҳо хати ҷудоиро миёни ақл ва эътиқод, миёни таҳқиқ ва тақлид кашида, ҷомеаро ба ихтилоф

бурдаанд. Дар ин замина, Берунӣ арзиши китобҳои муқаддасро зери шубҳа мегузорад ва бар ин назар аст, ки осори олимону файласуфони бостонӣ — ба мисли Афлотун, Арасту, Гален ва Гиппократ — дар пешрафти воқеии тамаддуни инсонӣ саҳми азимтаре гузоштаанд [106, с.176], аз он чи ки анъанаҳои мазҳабӣ додаанд.

Мутафаккир дар бораи аҳаммият ва нақши илм дар асарҳои худ чунин мегӯяд: «Соҳаҳои дониш бисёранд, ва боз зиёд мешаванд ҳангоме, ки тафаккури мардуми даврони тараққиёт боэътимод ба онҳо пайваста рӯ меоранд; нишонаи охирин майли мардум ба илм, эҳтироми онҳо ба онҳо ва намояндагони онҳост. Ин, пеш аз ҳама, вазифаи онҳоест, ки ба одамон роҳбарӣ мекунанд, зеро кори онҳост, ки дилҳоро аз ғам дар бораи ҳар як чизи барои ҳаёти заминӣ зарурӣ озод кардан ва руҳе бедор кардан аст, то ки ҳарчи бештар таърифу писанд ояд...» [11, с.161].

Омӯхтани муфассали таълимоти фалсафӣ ва ахлоқии Абурайҳони Берунӣ моро ба хулосае мерасонад, ки ҷаҳонбинии ӯ дар мавриди маърифати дунё бархе таноқузҳои ботиниро дар бар мегирад. Аз як тараф, ӯ ҳамчун тафаккуркунандаи реалист ва ҷонибдори усули маърифати таҷрибавӣ, шинохтро бар асоси эҳсос ва ақл тартиб медиҳад ва онҳоро ду зинаи пайдарпай ва асосӣ дар роҳи дарки воқеият меҳисобад. Аз тарафи дигар, вақте ки фалсафаи маърифатро бо таълимоти илоҳӣ мепайвандад ва эълом медорад, ки ақл атои бевоситаи Худованд аст, диди у ранги динӣ касб мекунад. Ин тавъамии равшан байни ақлу ваҳй ва ҳамзамон моддӣ ва ғайримоддӣ, ҷаҳонбинии Бeруниро дар чорчӯбаи назарияи дуалистӣ, яъне андешаи дуасосии ҳастӣ қарор медиҳад. Дар ин маврид, назару равиши ӯ бо тафаккури Ибни Сино шабоҳати равшан пайдо мекунад.

Яке аз ҷиҳатҳои амиқи системаи фалсафии Берунӣ равияи инсонмеҳваронаи андешаҳои ӯ мебошад. Тамоми муҳокимаҳои ахлоқии ӯ дар доираи арзишҳои инсонгароёна ҷойгир мешаванд. Аз нигоҳи ӯ, инсон новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, маншаи табақавӣ, миллат ва дини худ волотарин намунаи офариниши табиат ба шумор меравад. Ӯ инсонро ҳамчун

маркази системаи ахлоқӣ ва объекти ниҳоии таҳқиқи фалсафа мешиносад. Мақому мақсаднокии инсон дар низоми ҳастӣ, ба ақидаи мутафаккир, аз он иборат аст, ки инсон тавассути ақл ва дониш метавонад ҷаҳонро дарк намояд, онро ба тартиб дарорад ва аз неруи худ дар роҳи рушду такомули маънавии башар истифода барад.

Дар тамоми андешаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии худ, Берунӣ ҳамчун ҳомии аслии инсонпарварӣ баромад мекунад. Ӯ пайваста ба масъалаҳои иҷтимоии бенавоён ва табақаҳои камбизоат таваҷҷуҳ зоҳир намуда, инсонро на аз рӯи мансубияти нажодӣ, табақавӣ, динӣ ва қавмӣ, балки бар асоси арзишҳои умумибашарӣ баҳогузорӣ мекунад. Инсонгароии ӯ натанҳо дар андешаи фалсафӣ, балки дар шеваи амалии зиндагии ӯ ифода ёфтааст. Барои Берунӣ тамоми инсонҳо баробарҳуқуқанд ва адолат, шаъну шараф ва хирад меъёри аслии арзёбии шахсият мебошад. Ба истилоҳи адабӣ, аслан тамоми мардум метавонистанд дар оғӯши меҳрубони ӯ оромиш пайдо кунанд. «Худованди бузурги азза ва ҷалла- ниёзҳои офаридаҳояшро ба василаи абзорҳои меҳнат қонеъ мекунад ва ба воситаи ақл одамро ба роҳи рост мебарад, ки нишонаҳоро дарк кардааст ва, сипас, ба воситаи паёмбарон – саломи Худо бар онҳо бод – мардумро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, баъд аз ин ба воситаи подшоҳон, ноиби онҳо дар байни насли башар; дар баробари ин ҳамаро дар тамоми корҳои дунё ба адолат даъват мекунад. Ҳамин тавр, Худованд ба хотири раҳмат нисбат ба офаридаҳояш ва ғамхории ошкоро дар нисбати онҳо, ҳанӯз пеш аз офариниши онҳо ҳама чизҳои муҳимро дар қаъри замин, зери кӯҳҳои баланд барояшон ҷамъ кардааст, то аз он истифода кунанд ва лозимаро бихаранд барои муҳофизат. Суханони Худованди мутаъол дар ин бора мефармоянд: «Ва бар он кӯҳҳои баланд афкананд ва ҳар чизеро ба вазн бар он руёнданд». Пас Ӯ аз нуқра ва тилло ҳама мубодилаи шартиро муайян кард, ки мардум дар бораи онҳо ба мувофиқа расидаанд, то ба нархи ҳама ашёи зарурӣ монанд шаванд. Вай роҳи ин корро нишон дода, аз конҳое, ки дар давоми асрҳо дар он пинҳон шуда буданд, чи тавр кандани онҳоро ёд дод. Ӯ ба ҳокимон дастур дод, ки онҳоро аз

фиребгарони ба қаллобӣ машғулбуда, ҳифз кунанд. ...Чунин вазъиятҳо водор месозад, ки ҳокимони арзанда ... адолатро дар байни боло ва паст ва баробарӣ байни қавӣ ва нотавонони офаридаҳои худ муқаррар кунанд. Аллоҳ ба ҳар касе, ки аз ӯ мадад металабад, ба хайр ёрӣ кунад!» [12, с.12].

Мутафаккир Худоро авлотар медонад, агар дар дили бандагонаш меҳру муҳаббати инсониро зинда гардонад ва ҳамдардиро дар сурате ки тамоми кирдораш ба нафъи мардум бошад, на ба зиёни мардум. Абурайҳони Берунӣ моҳият ва мазмуни равандҳои сиёсию иҷтимоии дар ҷомеаи замони худ ба амал омадаро комилан дуруст дарк кардааст. Ӯ иқрор мешавад, ки нобаробарии сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ ва иқтисодӣ ҳамеша сабаби ҷанг, зиддият ва бартарии як халқ аз дигар халқҳо шуда, онҳоро беасос мешуморад. Худоро вобаста ба дину мазҳаби худ тасаввур намудани миллату халқиятҳои мухталиф боис ба пайдо шудани нобаробарии байни онҳо мегардад: «Дигар як силсилаи сабабҳо ин аст, ки ҳиндуҳо дар дин аз мо комилан фарқ мекунанд: мо ҳеҷ чизро эътироф намекунем, ки онҳо ба он бовар мекунанд ва аз он чӣ мо имон овардаем, онҳо ҳеҷ чизро эътироф намекунанд» [11, с.65].

Аз дидгоҳи ҷаҳонбинии инсондӯстӣ ва меҳру муҳаббат ба инсоният бар ин назар аст, ки набояд ин тавр бошад, ки Худованд ҳамаро нобаробар офарид ва мардуми яҳудӣ, ё арабро барои ҳукмронии онҳо баргузид. Ба ақидаи Берунӣ, Худованд дар байни тамоми махлуқот инсонро баргузидааст, то ба онҳо хукмронӣ кунад, агар инсон дар рӯи замин фиристодаи Худо бошад, пас, чӣ зарурате дорад, ки як миллат худро баргузида эълон кунад?

Дар замоне, ки мақому манзалати инсонро аслу насаб, мансабу сарвати ӯ муайян мекард, Абурайҳони Берунӣ меъёри асосии бартарии инсониро дар хирад ва маҳорат, заковат ва хирад, меҳру шафқат, хайрхоҳӣ ва накукорӣ медид. «Ин монанди он аст, ки дар таърифи фалсафа гуфта мешавад; ин хоҳиши ба қадри имкон ба Худо монанд будан аст» [11, с.73].

Ба ибораи дигар, Берунӣ ҳамчун файласуф бар он назар аст, ки шахсе ки ақлу ҳунар дорад, сарватманд ҳисобида мешавад.

Мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоии мансабдоронро дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа баррасӣ намуда, навиштааст, ки агар мо ногаҳон имкон пайдо кунем, ки бидуни зӯроварӣ алайҳи рӯҳ ва гумроҳ кардани рӯҳ дар як давлати боз ҳам ободтаре бошем, беҳтар аст, ки аз гузаштан ба он даст кашем, зеро ҳамаи он бадбахтиҳо ва мусибатҳое, ки дар боло номбар карда будем, ҳатто баъд аз чунин таври бениҳоят осон ба даст овардани мавқеи дилхоҳ ҳам аз байн нахоханд рафт. Агар ба ин ҳолат гузарем, он гоҳ ҳеҷ зарурате нест, ки ҳатто хурдтарин чизеро, ки асоси фаъолияти ҳаётии ҷисми моро ташкил медод, дар мазмуни ғизо, нӯшидан, либос ва ҳама сифатҳои дигар, ки ҳолати аввалия ва одатҳои моро ҳамроҳӣ мекарданд, тағйир диҳем, то нафси мо тамоюли зиёдаравӣ пайдо накунад ва ба он шароите, ки дар сурати аз байн рафтани онҳо пайваста аз мо талаб карда мешавад, одат накунад ва, инчунин, бо аз байн рафтани онҳо ғамгинӣ ба сари мо наояд. «Чизе монанди покии либос аст, агар маънии он покии қалб бошад ва агар ба итоати нек даъват кунад, қаноатмандии комил бо андаке ва интихоби дурусттарини роҳи кор дар корҳои имрӯзу баъд...» [12, с.25].

Ба ақидаи Абурайҳони Берунӣ, инсон аз ҳайвони беақл ва безабон бо ақли худ фарқ мекунад, бузургӣ ва ҷалоли инсон низ ба ақли ӯ вобаста аст ва «... иззат дорад - бо қудрати ақл, пас ки вайро ҳамчун ҳавзаи ин қудрат эҳтиром мекунанд ва таъйин шудааст, ки ноиби Худо дар рӯйи замин бошад...» [12, с.9].

Ғайр аз ин вазифаро «мо бояд бо хирад ва фазилати инсонӣ аз худ кунем ва ба ақли худ такя кунем, на ба машғулиятҳо ва хоҳишҳо». Зимнан, «машғулият ва хоҳиши амалдорон» дар низоми ҳукумати хилофати Аббосиён ва давлатдории асрҳои миёна худро маълум карданд, ки бори сангинро бар дӯши мардуми фақир гузошт.

Дар ақидаҳои ахлоқӣ ва фалсафии худ мутафаккир бори дигар тазаккур менамояд, ки инсон волотарин маҳсули офариниши Худо ва табиат аст, дар ҳоле ки инсондустӣ нишонаи боэътимоди комёбӣ ва сарват аст. Нишонаи дигари комёбиву сарват ин аст, ки нафси инсон бояд аз кинаву нияти бад ва

адоват пок бошад, нисбат ба дӯстон эҳтиром ва ҳурмат дошта бошад ва бидонад, ки онҳо беҳтарин офаридаҳои табиат ҳастанд.

«Ба инсон нафси худ наздиктар аст ва аз ҳама он сазовортар аст, ки аввал ба ӯ некиро ҷӯяд ва пас аз он чизе, ки ӯро аз ҳама наздиктар иҳота кардааст» [12, с.21].

Берунӣ инсонро ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ мешиносад, ӯро берун аз ҷомеа ва ёрии ҳамдигарӣ тасаввур намекунад. Ин нуқтаи назарро дигар файласуфони бузурги илми тоҷику форс низ ҳамчунин мешуморанд. Ба ақидаи мутафаккир, ҷомеаи инсонӣ, касбу кор ва ҳунар ба инсон мақоми баланди иҷтимоӣ мебахшад. Ҳамин гуна андешаро мо дар фалсафаи Чин мебинем. Берунӣ дар идомаи андешаҳои худ пешниҳод мекунад, ки одамон метавонанд танҳо якҷоя бо роҳи ёрии ҳамдигарӣ ҷомеа бунёд кунанд. На ҳамаи аъзоёни ҷамъияти башарӣ ба як касб машғул шуда метавонанд, зеро одамон ба шуғлу маҳсулоти гуногун – дуредгарӣ, дузандагӣ, бофандагӣ, тиббӣ, мактабӣ ва ғайра эҳтиёҷ доранд, бинобар ин, одамон бояд касбу кори гуногун дошта бошанд. Фақат якҷоя онҳо ба тамоми душвориҳо тоб оварда, давлати дорои маданияти баланд, бо ҳақиқат устувор сохта метавонанд.

Абурайҳони Берунӣ ҳамчун файласуф ва омӯзгор дар инсон тарбия намудани рӯҳияи ҳамбастагӣ, баробарии иҷтимоӣ, покизагӣ ва рафтори некро вазифаи худ медонист. Умуман, мутафаккир дар осори худ менависад: «Охир, дин касро ба адолат, баробарӣ, торумор кардани беадолатӣ, ки барои худ матлуб аст ва, инчунин, ба мазлумон ёрӣ расонданро вазифадор мекунад. Аз ин дур нест, ки таърифи он чунин аст: пинҳон коре накунед, ки ошкоро нангин бошад» [12, с.25].

Абурайҳони Берунӣ вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷаи инсонро дар таълиму тарбияи насли наврас медонист, ки дар андешаҳои фалсафии худ дар ин бора менависад. Дар ин ҷо ӯ муқаррар мекунад, ки барои омӯзгори асил, шахсият шудан ва тарбияи насли наврас бисёр хондан ва омӯхтан, аввал ба хислатҳои характери худ назар афкандан ва аз одатҳои бад, рафтори ношоиста даст кашидан, ҳавас ва васвасаҳоро тарк кардан лозим аст, бо

чашми беғаразона ба хислату рафтор назар андозед, пас, сифатҳои зишту маломаткунанда дар пеши назари мо равшан пайдо мешаванд. «Ин мақсад тадриҷан, ё дар як қабат, ё дар як чанд қабат тавассути пешбурди доимии тарзи ҳаёти комил ва ба он одат кардани нафс ба даст меояд...» [11, с.105].

Дар баробари ин мутафаккир талаб мекунад, ки инсон бояд тамоми камбудию нуқсонхои худро дар худ ошкор намояд, зеро агар ошкор накунад, ҳеҷ гоҳ аз онҳо халос шуда наметавонад, агар эҳсос накунад, метавонад камбудиҳоро нашиносад ва барои бартараф кардани онҳо кӯшиш накунад. Дар ин сурат он одам якҷоя бо каси дигар, хоҳ муаллим ва хоҳ тарбиятгар бошад, иштироки ӯ хеле муҳим, дар кору эҷоди ӯ такя карда пайравӣ кардан хеле муҳим аст. Ҳамчунин, бояд бипурсад ва илтимос кунад, агар лозим бошад ҳатто аз ӯ талаб кунад, ки тамоми хислатҳои манфиашро ошкор кунад. Одами хирадманд низ бояд ба ӯ таълим диҳад, то дастуру тарбияаш барои ӯ аз ҳама зарур ва поянда бошад. Олим дар вақти таълим бояд тамоми қувва, дониш ва маҳорати худро сарф намояд, то ки ба мақсади худ расад. «Олим, – ба гуфтаи Берунӣ, – вазифадор аст, ки амалияи тадқиқотиро бо асосҳои дониши назариявии ҳама илмҳои муҳимтарин пайваст намояд: «Одам, – менависад ӯ, – метавонад ба худ иҷозат диҳад, ки ҳар як соҳаи илмро танҳо дар ҳолате баҳо диҳад, ки агар ӯ машғул бошад дар амалия ва дар таҳқиқот дақиқ» [5, с.43] .

Бар асоси ин ҳама гуфтаҳои боло метавон гуфт: Абурайҳони Берунӣ ҳамчун мутафаккири инсонпарвар инсонро шоистатарин мавҷуди тамоми офаридаҳои Худованд эътироф кардааст.

Мутабаҳҳири донишманд заминаи тарбия ва таълими инсони оқилро дар тарбияи фарзанд, яъне насли наврас дида, асоси инсонпарвариро дар ғамхорӣ дар бораи мардуми камбағалу бадбахт, ҳифзи онҳо аз бадбахтиҳо ва дар тарбияи дуруст, таълим ва ислоҳи рӯҳи инсон мешуморид. Мақсади дар пеш гузошташуда бо меҳнат ва саъю кӯшиши ғайрати илмӣ ба даст меояд.

Худи дониш гирифтанро ӯ меҳнати бисьёри амалӣ мешуморад, ки қувват, вакт ва сабру токатро талаб мекунад. Ва баъд дар идома мегӯяд, ки

мардум неъмати қувваи ҳофизаро ба таври гуногун доранд, «ба баъзе одамон аз он ато шудааст, баъзеи дигар маҳруманд, аз ин рӯ, охиринҳо шояд танҳо бо саъю кӯшиши шахси ва омӯзиши пуршиддат ба ҳадди ин базӯр расида тавонанд. Дониш, ба кавли Берунӣ, одамро оличаноб мегардонад, ӯро меҳрубон ва бомулоҳиза мегардонад. Барои Берунӣ «ғайр аз покии дониш» чизе нест.

Намояндагони бузурги фалсафаи тоҷик асоси тарбия ва инсонпарвариро дар заминаи маорифу илм қайд мекунанд. Берунӣ инсонро ба парвариши хислатҳои баланди ахлоқӣ ташвиқ намуда, боварӣ дорад, ки бо илм, паҳн намудани дониш дар ҷомеа ва меҳнат аз ҷаҳолат ва бенавоӣ халос шудан мумкин аст.

## БОБИ 3. Нақши ақидаҳои фалсафӣ – ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон

### § 3.1. Фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии мутафаккир

Омӯзиш ва пажӯҳиши осори Берунӣ нишон медиҳад, ки мутафаккир сарчашмаи ҳама аъмоли наҷиб ва ҳама зиштиҳои нафрати инсонро дар муборизаи оштинопазири нафс ( лаззатҳо ва ҳавасҳо) ва ақл дидааст. Аз ин лиҳоз, категорияҳои асосии ахлоқ дар таълимоти ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

Категорияи якум: – мафҳуми умумии рафтори шоиста аст; мурувват, саховатмандӣ, баробарӣ, ростқавлӣ, меҳрубонӣ, некӣ, адолат, покдоманӣ, боодобӣ, бегуноҳӣ, саховатмандӣ, хайрхоҳӣ, раҳмдилӣ, адолат, сабру таҳаммул, хоксорӣ ва ғ.;

Категорияи дуюм: – мафҳуми умумии рафтори манфӣ аст; бадӣ, хиёнат, зӯроварӣ, азоб, зулм, ситам, майпарастӣ, ғурур, ҳасад, бухл, адоват, душманӣ, хашм, кина, дурӯғ, тамаъ, пурхӯрӣ, қасди бад, нияти бад ва ғ. Категорияи некӣ дар низоми ахлоқии Берунӣ аз ақл, фаросат ва ҷаҳони маънавии рушдёфтаи инсон вобаста аст. Мутафаккир кӯшиш мекунад, ки масъалаҳои иҷтимоию сиёсии замони худро аз мавқеи талаботи зарурии моҳияти берунию ботинии инсон бо истифода аз рафтори нек ва наҷиби одамон ҳал намояд. Ба андешаи Абурайҳони Берунӣ, бо чунин рафтор ҷомеа метавонад обод, сарватманд ва адолатпарвар гардад.

Ҳақиқат, ба ақидаи мутафаккир, ин аст, ки танҳо мардони хирад ахлоқи нек доранд ва аз дигар одамон низ ҳамин ахлоқро талаб мекунанд. Ҳакимон чун донишмандони комил мардумро ба саъю кӯшиш ба манфиати умум даъват мекунанд, аммо кам нестанд онҳое, ки роҳи зӯроварӣ, зулму ситам ва сиёсати ифлосро пеш гирифтаанд, ба панду насиҳати хирадмандон гӯш намедиҳанд ва беэътиноӣ мекунанд.

Берунӣ тасдиқ мекунад, ки танҳо бо некӣ ва фазилат инсон метавонад дар худ наҷибият пайдо кунад, худро аз нерӯҳои гуногуни бад ва зарари одамон ҳифз намояд.

«Кӯшиши некӣ ба ҳамон дараҷае меафзояд, ки мурувват. Ва хайрхоҳӣ аз он иборат аст, ки ба ҳама мардум ва, бахусус, хешу табор хоҳон, дар ҳолати нотавонӣ орзуи нек ва ҳангоми имкон бошад – амале» [12, с.21].

Мутафаккир чунин мешуморад, ки агар мардум, аз он ҷумла, хирадмандону муъминон рафтору ахлоқи хешро такмил диҳанд, барои ислоҳ ва поксозии нафс талош кунанд, илму донишро аз худ кунанд, метавонанд аз азобу ғазаби иҷтимоӣ ва ахлоқӣ раҳоӣ ёфта, ба дигарон бади нахоҳанд кард, одамони обруманду боэҳтиром мешаванд ва ҳокимияти онҳо мустаҳкаму аминтар мегардад. «Моҳияти парҳез аз бадӣ он аст, ки бар ду неру, – ҳавас ва хашм ҳукмронӣ кунад, ... ва дар он, ки бартарӣ диҳад бар неруҳои ақл ва фикр...» [11, с.104].

Берунӣ мисли Афлотун ва Арасту бар ин назар аст, ки тағйирот дар ҷомеа аз фаъолияти шахсиятҳои алоҳида вобастагӣ дорад. Чунин ҳалли масъала ба хусусиятҳои давлати феодалӣ вобаста буд, ки дар он ҳалли тамоми масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ба шоҳ (монарх) – ҳо, ки ҳокимияти номаҳдуд доштанд, вобаста буд. Ҳамин нуқтаи назарро дар асари Фомаи Аквини дидан мумкин аст.

Абурайҳони Берунӣ ҷонибдори покии ботинии инсон буд ва мехост ҷомеаро дар ҳамин рӯҳия тарбия намояд. Ороиши беруна аҳаммият надорад, пеш аз ҳама, шумо бояд барои равшании ботинӣ кӯшиш кунед. «Ва бо назардошти макони баланде, ки ба тозагии сару либос дода мешавад, тозагии либосу шиму курта аз покии нафс ва дил гувоҳӣ медиҳанд. Яке аз муфассирони Қуръон гуфта буд: Ва либосҳоятро пок кун, ки маънои он: Дили ту ва андешаи ту» [12, с.23].

Мутафаккир муътақид аст, ки бегуноҳӣ ва зебоии зоҳирӣ ва ботиниро тавассути рушди илму фарҳанг ба даст овардан мумкин аст. Агар инсонро торикӣ ва аблаҳӣ ҳукмронӣ кунад, пас ин гуна шахс нопок ва зишт аст. Охирин, ба андешаи ӯ, нишонаи таъсири рӯҳи нопок ва бад аст. Ӯ менависад: «Беақлӣ бемориест, ки доруворӣ (табобат) надорад: вай дар табиати хислат решадор аст, гап дар он аст, ки ҳиндуҳо мутмаинанд, ки

замин замини онҳост, мардум танҳо намояндаи халқи онҳост, подшоҳон танҳо ҳокимони онҳо мебошанд, дин танҳо имони онҳост, илм танҳо он чизест, ки онҳо доранд. Онҳо мутакаббир, ботил, худбин ва нодонанд. Аз хислати табиати онҳост бо дониши худ бахилӣ кардан ва ниҳоят ҳасудона онро ҳифз кунанд аз ҳиндуҳое, ки ба илм машғул нестанд, ва дар бораи дигарон чӣ гӯем, ... агар дар бораи ягон илм, ё олим аз Хуросону Форс онҳоро хабар диҳанд, пас, касеро, ки ин хабарро додааст, нодон медонанд ва ба далели заъфи дар боло зикршуда ба ӯ бовар намекунанд» [11, с.67-68].

Берунӣ, ин гуфтаҳоро муҳокима намуда, васила ва роҳи асосии расидан ба бегуноҳӣ ва покизагиро, дар ба даст овардани дониш ва ташкили зиндагӣ аз рӯи ин донишҳо донистааст. Илова бар ин, ба андешаи мутафаккир, инсон дар рафтори худ ба покии комил ва тартиботи нек дар он сурат ноил мегардад, ки агар иродаи устувор дошта бошад, ки бо ёрии он рафтор ва нафси худро идора карда метавонад.

Аз таърихи фалсафаи тоҷику– форс маълум аст, ки дар мавриди ҳалли масъалаҳои озодии ирода, озодии инсон, озодии амал ва сарнавишт файласуфон ва диншиносон андешаҳои мухталиф, гоҳо ба ҳам зид доштаанд. Берунӣ бар хилофи дигарон муътақид аст, ки инсон дорои озодии ирода ва дар рафтор мустаъқил аст, ки барои он танҳо ӯ масъул асту на каси дигар. Ба андешаи мутафаккир, озодии инсон ба табиати худи шахс вобаста аст. Тарбияи ахлоқи нек ба иродаи шахс низ вобастагӣ дорад, ки ҳатто ҳангоми ҳаваси қавӣ тавонист, бозистад ва бар ақл ғалаба накунад. «Мо панҷ ҳиссиётро медонем, баъд ирода меояд, ки эҳсосотро дар зуҳуроти гуногуни онҳо идора мекунад ва дар дил ҷойгир аст» [11, с.82]. Тарбияи иродаи қавӣ, аз диди Берунӣ, ба инсон мурочиат мекунад, ки тадриҷан ҳама мушкилот ва одатҳои нопокро паси сар кунад ва ба ҷои онҳо одатҳои оқилона пайдо кунад.

Категорияи адолат бо ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Абурайҳони Берунӣ сахт алоқаманд аст, ӯ адолатро яке аз аломатҳои асосии муваффақият ва сарват мешуморад. Устуворӣ ва субот дар як давлат ба қонунҳои адолати он,

аз ҷумла, канорагирӣ аз бесуботӣ, мухолифону душманон ва эҳтиром нисбат ба онҳо вобаста аст. «Чунон ки адолат бо табиати худ писанд меояд, бо моҳияти худ ишқро ба даст меорад, бо зебоии хоси худ ҷалб мекунад, ҳақиқат низ ҳамин тавр аст» [11, с.58].

Дар ҳузури мутафаккири бузург категорияи адолат аҳаммияти ахлоқӣ ва сиёсӣ пайдо мекунад. Берунӣ чунин мешуморад, ки бо меъёрҳои адолат на танҳо муносибатҳои байни одамон муайян карда мешаванд, балки муваффақият ва бартариҳои тартиботи иҷтимоӣ, хусусан, аз он, ки чӣ тавр адолат дар давлат ва амали мансабдорону одамони бой риоя мешавад, ҳамчунин, рушди тамоми ҷомеа ва ҳар як шахс дар алоҳидагӣ вобаста аст.

Дар андешаҳои ахлоқии Берунӣ ахлоқи нек бо рафтори нопок равшан муқобил гузошта мешаванд. Дар ахлоқи нек адолат ҳукмрон аст ва дар ахлоқи нопок беадолатӣ ҳукмфармост. Адолат аз ҳама ниятҳои нек беҳтарин ва беадолатӣ бадтарин ахлоқи нопок аст. Адолат нишонаи асосии пойдории давлат буда, беадолативу бадкорӣ унсурҳои асосии харобии давлат аст. Устувории давлат ба қонунҳои одилонаи ҳокимон ва рафтори неки мансабдорони сарватманд, яъне аз дараҷаи адолати онҳо вобаста аст.

Аз ин рӯ, Берунӣ ба ҳокимон чунин пешниҳод менамояд:

а) дар қудрати давлатӣ аз заъифӣ ҳазар кунед;

б) аз нобудшавӣ ҳазар кунед;

в) аз рақибон ва душманон ҳазар кунед;

г) нисбат ба рақибон ва душманон эҳтиром зоҳир намоед;

д) «Дастур ба ҳокимон» («Роҳнамои адолат»), ки олимон барои истифода дар тиҷорат навиштаанд.

Ба ақидаи Берунӣ мавҷудияти қонунҳои одилона дар давлат, майли афроди дигарро ба сиёсат ва мавқеи ҳокимони одил таваҷҷуҳ намуда, ҳамзамон сабаби таҳкими қудрати давлатӣ мегардад. Асари «Дастур ба адл» («Насиҳат ба ҳокимон») мардум ва ҳокимонро ба некиву накукорӣ, хайрхоҳиву эҳтиром, марҳамату шафқат даъват мекунад. Ба ақидаи Берунӣ танҳо адолат ба пойдор гардидани тартибот дар ҷомеа мусоидат мекунад,

дӯстию ваҳдати байни одамонро мустаҳкам менамояд. Ҳамин тавр, адолат барои Берунӣ на танҳо категорияи ахлоқӣ, балки категорияи сиёсиву иҷтимоӣ низ мебошад, зеро бо ёрии он ҳаёти иҷтимоӣ баҳо дода мешавад. Берунӣ дар асоси гуфтаҳои боло ба аҳаммияти иҷтимоии категорияи адолат таваҷҷуҳи хоса медиҳад, зеро ба андешаи ӯ адолат муносибатҳои инсониро дар ҷомеа ба тартибу низом медарорад. Ҷомеа, ба ақидаи Берунӣ, бидуни равобити мутақобилаи байни одамон вуҷуд дошта наметавонад ва танҳо бо ёрии адолат дар ҷомеа муттаҳидӣ ва устуворӣ ба даст меояд.

Ба эътиқоди қатъии Берунӣ, давлате, ки дар он адолат риоя мешавад, пойдортар аст, мардум дар он хушбахтона ва осуда зиндагӣ мекунанд. Дар баробари ин, хирадмандӣ ва адолат бояд бо ҳам дар алоқамандӣ вуҷуд дошта, якдигарро мукаммал созанд. Хирад ва адолат ҳамеша ҳамдигарро меҷӯянд, муттаҳид шуда, қаҳру ғазаб, дилхарошӣ ва зӯроварӣ, маҷбурӣ, зулм ва беадолатиро фурӯ мешинонанд. Ин аст, ки одами оқилу одил гаравгони хашму ғазаб нахоҳад шуд, балки баръакс, тамоми кору фаъолияташ зери таъсир ва раҳнамоии ақл сурат мегирад. Чунин одам, хоҳ шаҳрванди одӣ, ҳоким ва хоҳ шоҳи мамлакат бошад, ба мақсади худ мерасад ва орзуяш ҷомаи амал мепӯшад.

Мутафаккир дар ҳалли масъалаи адолат ба ин васила, умуман, аз фаҳмиши умуми эътирофшудаи он дар ҷомеаи замони худ берун намеравад, балки ин мафҳумро бо як қатор мулоҳизаҳои инсондӯстона пурра мекунад. Берунӣ адолатро на танҳо муҳимтарин назарияи ахлоқӣ, балки асоси олами маънавие, ки одамонро муттаҳид месозад, эътироф мекунад. Ин андешаҳои Берунӣ то имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд.

Таҳлил ва омӯзиши осори мутафаккир нишон медиҳад, ки ӯ адолатро ҳамчун категорияи ахлоқӣ бо чунин категорияҳо, аз қабили некиву накукорӣ, хайрхоҳӣ, раҳму шафқат, ҳамдардӣ ва раҳмдилӣ, хушмуомилагӣ ва ғайра мепайвандад.

Ба андешаи шахсии мутафаккир некиву амали нек яке аз нишонаҳои адолат мебошанд, адолат бошад, дар навбати худ ин самараи некист.

Амалҳои нек ҳар як ноадолатиро дар табиати одамон нобуд месозанд, бо адолат буданро меомӯзонанд. Некӣ ва амали нек имкон медиҳанд, ки одамон дар ҷомеа аз зарару бадӣ дурӣ ҷуянд, дар он обрӯю эътибор пайдо кунанд. Мубориза барои адолат ва тараққиёту гул-гулшукуфии ҷамъияту ва саодатмандии ҳар як одам мусоидат мекунад. Ба ақидаи Берунӣ сабаби нобаробарии иҷтимоӣ дар паст будани фарҳанги маънавии инсоният аст, ӯ одамонро даъват менамояд, ки дар худ ва насли худ тамоми хислатҳои неки инсониро тарбия ва инкишоф дода, хислатҳои ботинӣ, рафтору кирдори худро такмил диҳанд, аз зарар расондан ба халқ ҳазар кунанд, одаму шахсияти боэҳтиром бошанд. Мардумро ба корҳои нек даъват намуда, лутфу шафқат нишон диҳанд, он гоҳ дар ҷомеа нуфузу эътибори онҳо боло меравад. «... Пайваста бо роҳи мукаммали зиндагиро пеш бурдан ва нафсро ба он одат кунонидан, то ин ки роҳи комил, табиат ва хусусияти ҷудонашавандаи он гардад» [11, с.105].

Некӣ, аъмоли нек ва мурувватро Берунӣ нишонаи асосии саодат ва сарват медонад. Ӯ соҳибияти ин сифатҳоро бо неруе, ки бо рӯҳи инсон алоқаманд аст, иртибот медиҳад ва чунин аломат кӯшиши шахс аст ба дӯстон, ҳамсафарон ва рафиқони арзандае, ки ҳамеша ба назди ҳамдигар меоянд ва кӯшиш мекунанд, ки дар ҳама ҳолатҳо кумак кунанд. Илова бар ин, онҳо бояд ба ҳамдигар бовар кунанд. Барои иҷрои ин тақозо бояд он қудратеро дошта бошанд, ки метавонад дар идомаи сифатҳои наҷиб мусоидат кунад ва инсонро ба сӯи аъмоли наҷиб ҳидоят кунад. Ин қувва бо рӯҳи одам алоқаманд аст ва ҳаргиз ҷудоиро намешиносад ва ба шахсияташ бадӣ намекунад. Ва онҳо бе ҳамдигар зиндагӣ карда наметавонанд. «Хушбахтии ӯ дар дӯсти поквиҷдоне аст, ки хислати шоёни таҳсин дорад, тарзи ҳаёти шоиста дорад. Онҳо дар як ҷон буда танҳо, дар ҷисм фарқ мекунанд, мувофиқи мақол дар бораи дӯсти ҳақиқӣ: « Ӯ ту ҳаст, гарчанде ки ӯ ту нест». Ҳар яке дур мешавад аз он чизе, ки барои дӯсташ розӣ нест ва барои ӯ ҳамон чизеро мехоҳад, ки барои худаш» [12, с.21].

Ба ақидаи Берунӣ, хирад ин қувваест, ки ҳамеша бо нафс мухолифат мекунад ва бо хоҳишҳои он мубориза мебарад, инсонро ба некӣ, накукорӣ ва хайрхоҳӣ даъват мекунад. Мутафаккир муътақид аст, ки инсон дар корҳои нек ва хайрхоҳӣ, пеш аз ҳама, бояд ба хирад такя кунад, зеро ақл тамоми фаъолият ва рафтори инсон ва нафси нафсонии ӯро идора мекунад. Танҳо вакте ки нафс ба ақлу хирад итоат кунад, инсон метавонад ба нафсу ҳаваси худ ғалаба кунад ва тавре амал кунад, ки дар натиҷа ба натиҷаҳои нек ноил шавад.

Ҳамчунин, хушмуомилагӣ, шафқат ва эҳсонкорӣ баробари хосиятҳои дар боло зикршуда, аз сифат ва нишонаи адолат дониста мешаванд. Берунӣ майлу хоҳиши одамонро барои дар худ тарбия кардани ин хислатҳо ҳамчун мубориза барои адолат медонад. Файласуфон, аз ҷумла, пешгузаштаи Берунӣ, Розӣ аз аҳаммияти бузурги адолат, хушмуомилагӣ, шафқат, некӣ ва натиҷаҳои онҳо ҳушдор дода, менависад: «Агар ҳамаи рафтор ва сифатҳои ботиние, ки файласуфон ва олимон доранд, ба таври махсус баён кунем, пас маълум мешавад, ки аз доираи адолат берун намебароянд, ба тобеонашон бо шаъну шараф муносибат мекунанд. Аз мардум низ чунин рафтори некро талаб мекарданд ва мардумро ба чунин рафтор даъват мекарданд. Одамонро ба якдигар меҳрубонӣ меомӯзонданд.... Ва ҳушдор медиҳанд, ки агар шахс рафтори худро ислоҳ кунад ва рӯҳаш аз таҳқири инсонӣ раҳо шавад, дар миёни онҳо обрӯманд мегардад.... Инсон агар мардумро насиҳат кунад, ба некӣ даъват кунад ва ба онҳо меҳру шафқат ва меҳрубонӣ зоҳир кунад, бо иззату эҳтиром мешавад» [104, с.114].

Чунон ки мебинем, Берунӣ мардумро дар муошират бо ҳамдигар ба некӣ ва хушмуомилагӣ даъват мекунад, ки натиҷаи он ахлоқи наҷиб хоҳад буд. Берунӣ садақаро яке аз нишонаҳои адолату хайрхоҳӣ медонад ва чунин шахс файласуфи бузург ва инсонпарвари бузург, намояндаи дурахшони замони худ Абусулаймон Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Бобо ибни Баҳром ас-Сиҷистонӣ буд, ки дорои мактаби фалсафӣ ва доираи ҳамфикрони хоси

худро дошт. Муҳаққиқони муосир Сиҷистониро як навъ Абеляр ва Эразмус медонанд, ки дар заминаи (хоки) мусулмонӣ ба воя расидаанд [21, с.5].

Одамон сарфи назар аз ҳодисаҳои нохуши ҳаёти худ бояд ҳамеша ба ҳамдигар содиқ бошанд. Курси ва мансаб набояд сабаби даст кашидан аз адолат ва нияти наҷиб барои одамони ишғолкарда гардад. Дар ҳама шароиту мушкилиҳои зиндагӣ бояд аз амалу ниятҳои ношоиста худдорӣ намуда, хушмуомила ва меҳрубониро нисбат ба тобеон фаромӯш накунанд. Танҳо дар сурати аз худ кардани чунин хислату рафтор роҳбарон метавонанд хушбахту сарватманд бошанд.

Берунӣ ҳамчун мутафаккир ва инсонпарвар таваҷҷуҳ ва мавқеи хосса ба дӯстиву рафоқат дода, новобаста аз нажод, миллат ва мансаб, ба ваҳдат ва иттиҳод даъват мекард. Нишонаи дигари хушбахтӣ ва сарват аз хоҳиши наздик шудан ба дӯстон, ҳамсафарон ва дӯстони арзанда вобаста аст, ки ҳамеша дар тиҷорат кумак мекунанд ва ба кумаки онҳо умед мебанданд. Илова бар ин, онҳо бояд ҳамеша ба ҳамдигар содиқ бошанд. «Қабул аст, ки шумораи ин гуна дӯстону ошноҳо танҳо як нафар аст; ин рақам аз худи аввал маҳдуд аст; барои шумораи дӯстони дигар маҳдудияти дигаре нест...» [12, с.21].

Берунӣ ҳамчун аломати ҷамъияти синфии байни одамон, дӯстию бародариро бо бадӣ ва зиддият муқобил мегузорад. Тамоми инсониятро ба дӯстӣ ва сулҳ, дар зиндагӣ даъват мекунад.

Файласуф бо ёдоварӣ аз аҳаммияти дӯстӣ бар ин назар аст, ки касе ки дӯстӣ ва қадри дӯстиро намедонад, оҳиста-оҳиста дустонашро аз даст медиҳад ва дар ниҳоят бадбахттарин ва фақиртарин инсон мешавад.

Ӯ муътақид аст, ки ҳар як инсон пеш аз он, ки дигаронро дӯст дорад, ҳурмату эҳтиром кунад, пеш аз ҳама, хешро ҳурмату эҳтиром дошта бошад, набояд ба касе роҳ диҳад, ки ӯро паст занад, шаъну эътибори худро дар пеши назари дигарон ҳимоя намояд. Аслан, дар инсон бояд худшиносӣ, ҷасорат, олиҷанобӣ ва донишмандӣ бошад, танҳо бо ҳамин хислатҳо метавонад дар ҷомеа мавқеи худро пайдо кунад, ба эҳтироми дигарон ноил

шавад, дӯстони ҳақиқӣ пайдо кунад. Нишонаи навбатии саодат ва шаъну шараф ба рафтори нафс робита дорад, ки, асосан, ба дараҷаи камолоти сифатҳои саховатмандӣ, мардонагӣ, донишмандӣ, матонат ва тавоноӣ алоқаманд аст. «Шахси шариф ба ҷуз худ ва дороии худ чизе надорад, ки моликияташро касе баҳс намекунад, аммо вақте қарзи дигаронро бар дӯш мегирад, бахри оромии онҳо ба вазниниҳо сабр мекунад, медиҳад бе бахили он чиро, ки Худо ба ӯ ато кардааст ва дигарон аз он маҳруманд, вай марди шуҷоъ аст...» [12, с.14].

Дӯстон дар ҳама ҳолат ба назари Берунӣ лозим ва заруранд. Новобаста аз он ки дар ҷомеа кадом давлат аст, хар як инсон (аз одами одӣ сар карда, то ҳоким ва подшохон) ба дӯсти хуб, рафиқони фидокор ниёз дорад, зеро инсон танҳо бо кумаки дустони нек метавонад аз камбудиҳои худ раҳо ёбад. Ба одам дӯстони хирадманду фидокор лозим аст, ки камбудихои ӯро ба рӯяш гуянд, дар ислоҳи нафс ва мустаҳкам намудани ахлоқу рафтори некаш ёрии амалӣ расонанд.

Дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ, ба қавли Берунӣ, одамон бидуни дӯстӣ, рафоқат, пуштибонӣ ва ҳамкорӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Инсон аз ҳайвонҳо маҳз бо ҳамин ҳисси дӯстӣ фарқ мекунад. Ба шарофати ақли худ мо ба таври аъло зиндагӣ мекунем ва ақл моро ба дӯстӣ бо дигарон даъват мекунад. Аз ин рӯ, зебоии зиндагии мо дар аксари мавридҳо бо қоидаҳои муайяни дастгирӣ, рафоқат ва ҳамкорӣ алоқаманд аст. Агар ин гуна дастгирӣ ва ҳамкории байни одамон тобеи ақл намебуд, байни одаму ҳайвон фарқе намемонд. Маълум аст, кам ҳайвонҳое ҳастанд, ки дар байни онҳо дӯстӣ, меҳру муҳаббат ва ҳамдардӣ вуҷуд дорад. « Кӯшиш ба ҷомеа аз якрешагӣ бармеояд. Чуноне ки мегӯянд: Намуд барои намуди худ мекӯшад ва паранда бо паранда менишинад» [12, с.10].

Категорияи дӯстӣ бо категорияи эҳтиром сахт алоқаманд буда, аксар вақт онро дар силсилаи ақидаҳои ахлоқии мутафаккир пурра мекунад. Берунӣ дар эҳтиром ва ҳурмати якдигар вайроннашавандагии дӯстии байни одамонро мебинад. Ӯ бар ин боварӣ аст, ки агар рӯҳи инсон аз кинаву адоват

пок бошад ва агар инсон дӯстону рафиқонашро эҳтиром кунад, онҳоро иззату эҳтиром кунад, дӯст дорад, дар зиндагӣ метавонад ба комёбиҳои бузург ноил гардад. Берунӣ дар мавриди нишонаҳои иззат ва саодат бар ин назар аст, ки нишонаи дигари саодат ва иззат вобастааст аз он, ки нафси инсон то чӣ қадар пок аз бадбинӣ, бадниятӣ ва қасос аст, то кадом андоза ҳурмат ва эҳтиромро эҳсос мекунад ва онро беҳтарин офаридаҳои Худо меҳисобад. Инсон бояд дигаронро дӯст дорад, кӯшиш кунад, ки хатоҳои онҳоро ислоҳ кунад ва ҳеҷ гоҳ ба фасоди онҳо мусоидат накунад. «Рӯҳе, ки дар риштаҳои ҷоҳилӣ печида аст, яъне тозанашуда, ба биринҷи дар пӯст шабоҳат дорад. Дар пӯст он барои нашъунамо ва пухтан, аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан, ва тавлид шудан омода мемонад. Вақте, ки аз он пӯст бардоштанд, яъне тоза карда шуд, табдили он қатъ мешавад ва он дар як ҳолат мемонад» [11, с.91-92].

Дар осори Ғазолӣ чунин андешаҳоро метавон мушоҳида кард, аммо онҳо то андозае дигаранд. Файласуфи бузург Ғазолӣ низ дар осори ахлоқии худ сифатҳои мусбати инсонро, аз қабили некӣ, хирад, хоксорӣ, қаноатмандӣ, саховатмандӣ ва ростгӯро васф намуда, сифатҳои манфиро чун ҷаҳолат, такаббур, тамаъ, ҳасад, беадолатӣ ва дурӯғро маҳкум кардааст. Ӯ мегӯяд, ки «инсоф шахсияти инсонро муайян мекунад ва он дарвозаест, ки инсонро ба сӯи биҳишт ва Худо мебарад» [43, с.219].

Ғазолӣ мегӯяд, ки рафтори зишт инсонро аз Худо дур мекунад ва он шахс зери таъсири шайтон аст. Беҳтарин хислатҳои инсон меҳрубонӣ ва табиати нек аст. Ғазолӣ бар хилофи Берунӣ, ки ин сифатҳоро ба тафаккури худи шахс нисбат медиҳад, муътақид аст, ки чунин сифатҳои мусбӣ фақат фитрӣ (аз ҷониби Худо) буда метавонанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили категорияҳои мусбати ахлоқӣ дар низоми ҷаҳонбинии Берунӣ нишон медиҳад, ки:

а) аввал; категорияҳои ахлоқии манфӣ ва мусбат ҳамеша ба ҳам зид мебошанд (нек – бад, беадолатӣ – адолат, қатъӣ – сустирода, эҳтиром – беэҳтиромӣ, ҳурмат – беҳурматӣ, хасисӣ – саховатмандӣ ва ғ.);

б) Берунӣ категорияҳои мусбати ахлоқиро нишонаи асосии соҳибхирадӣ, фитрати рушдёфта, аъмоли нек ва бо маънои том сарват мешуморад;

в) Берунӣ бо ёрии категорияҳои мусбат мардумро ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ даъват намуда, саодат ва бахти шахсии инсонро бо ҷанбаҳои мусбати ҳаёт мепайвандад.

Берунӣ мақсади асосиро дар гуфтаҳои ахлоқию фалсафии худ дар ислоҳи нафс ва рафтори инсонӣ медид. Ӯ боварӣ дошт, ки рӯҳи саркаш нафратангезии инсонро муайян мекунад.

Категорияҳои манфии ахлоқӣ дар низоми ҷаҳонбинии Берунӣ инҳо мебошанд ; худситоӣ, худризоӣ, ҳасад, хасисӣ, тамаъкорӣ, бадхоҳӣ, душманӣ, ғазаб, такаббур, бадбинӣ, кина, қасос, дурӯғ, бахилӣ, бесабрӣ, пурхӯрӣ, майпарастӣ, тамаъкорӣ, мансабпарастӣ, исрофкорӣ, тарсончакӣ, зӯроварӣ, зулм ва ғайра ҳамчун хислатҳои манфӣ маҳкум карда мешаванд. Ба ақидаи ӯ, чунин хислатҳои ношоиста қадру қимати одамро коста гардонда, нуфузи ӯро байни дигарон паст ва аз эҳтироми умум маҳрум месозад.

Худписандӣ яке аз хислатҳои манфии инсон аст, – мегӯяд Берунӣ ва тасдиқ мекунад, ки дар натиҷаи муҳаббати аз ҳад зиёд нисбат ба шахсияти худи фард зоҳир мешавад. Инсон дар натиҷаи ин ишқи зиёдатӣ, зиштии нафс ва аъмоли нопоки худро эҳсос намекунад. Вай зиштию норасоиҳои худро ҳис намекунад, аммо рафтори дигаронро муҳокима ва сарзаниш мекунад. Чунин одамон ҳатто бо чизҳои хурд фахр карданро дӯст медоранд. Агар одамоне бошанд, ки онҳоро ҳатто каме таъриф кунанд, пас, охирин хислатҳои боз ҳам нафратовар – такаббур ва ғурурро нишон медиҳанд.

Пеш аз ҳама, аломати худписандӣ, – ба қавли Берунӣ, – дар он зуҳур меёбад, ки одамони худписанд ҳамеша дар тамоми кору рафтори одамони дигар нуқсонро ҷустуҷӯ ва пайдо мекунанд. Ба шахси худбин ҳеҷ гоҳ андешаҳои пешқадам қобили қабул нест ва вай муваффақияту дастовардҳои

дигаронро эътироф намекунад. Дар назари одами худписанд ҳеҷ чиз аз ақида ва нигоҳ, рафтору кирдори худ беҳтар нест.

Агар ин гуна одамон дар иҳотаи одамони ба чунин сифатҳо бегона қарор гиранд, оҳиста-оҳиста шифо меёбанд, ба ибораи дигар, худписандӣ дар онҳо тадриҷан аз байн меравад. Агар одамони гирифтори ин бемори роҳи ислоҳи худро пеш нагиранд, аз атрофиён дур мешаванд. Мутафаккири бузург роҳи халос шудан аз худписандиро дар он мебинад, ки инсон хислатҳои хубу бади худро аз лабони дигарон шунида, бояд ба камбудӣ ва иллатҳои худ таваҷҷуҳ кунад ва барои ислоҳи онҳо кӯшиш намояд. Инсон бояд нафси худро аз худписандӣ ва такаббур ҳифз кунад ва ҳаргиз нагузорад, ки нафс зери таъсири такаббурӣ қарор гирад.

Берунӣ ҳасад ва ҳасадхуриро низ ба сифатҳои манфии ахлоқии инсон дохил кардааст. Дар бораи ин гурӯҳи одамон, чунин фикр баён мекунад: ин гуна одамон аз он лаззат мебаранд, ки одамони дигар ба мусибатҳои гуногун дучор мешаванд, гарчанде ки ин одамон ба онҳо ягон зарару зиён нарасондаанд. Аз ҷамъ шудани бахилӣ, тамаъ ва ҳасадхурӣ дар ботини инсон чунин камбудӣ ба вуҷуд меояд, чун ҳасад. «Табиатан ҳиндуҳо ба дониши худ бахилӣ мекунанд ва онро аз ҳиндуҳое, ки ба илмҳо машғул нестанд, хеле ҳасудона ҳифз мекунанд...» [11, с.68].

Мутафаккир нишонаи асосии ҳасадро бухл ва хасисӣ мешуморад. Бахилӣ яке аз паҳлӯҳои категорияи ҳасад аст. Шахси бахил намехоҳад, ки он чизеро, ки дорад, дигарон низ дошта бошанд. Шахси бахил дар бораи дастоварду комёбиҳои дигарон чизе шунидан намехоҳад, ҳатто агар худи ӯ ба ин гуна комёбиҳо ноил шуда бошад ҳам. Бахил аз бадбахтии дигарон шод мешавад. Аслан, ҳасад бемории рӯҳ аст, ки ба худи шахси ҳасадхӯр зарари зиёд мерасонад:

1) одами ҳасуд дар аввал ба атрофиён ва наздикон ҳасад мебарад, аз дастовардҳои онҳо ғамгин мешавад, рӯҳаш хафа мешавад;

2) одами ҳасуд ҳатто фикран ба одамони дур ҳасад мебарад, ғамгин мешавад, рӯҳан азоб мекашад;

3) одами ҳасуд ба фиребу найранг хеле моил аст. Шахси ҳасуд муваффақияти дигаронро шунида, ба ташвишу хашм меояд, азоб мекашад ва мекӯшад бо макр ба он кас зарар расонад. Дар натиҷа макр, бадӣ ва ҳасад дар нафси инсон боиси кинаву адоват мегардад. Дар ниҳояти кор шаъну шарафи ин гуна афрод дар ҷомеа осеб мебинад, онҳо беобрӯ ва шарманда мешаванд.

Берунӣ сабаби пайдо шудани ҳасадро дар нафси инсон дар он мебинад, ки шахси ҳасуд ҳамеша ва беасос орзуи бартарӣ ва афзалият доштанро дорад. Аз сабаби ишқи аз ҳад зиёд ба нафси худ чунин шахс дар ниҳоят асири ҳасад мешавад. Чунин одамон ҳамеша мехоҳанд, ки ба мақоми баланд ноил шаванд. Агар касе вазифаи баландтарро ишғол кунад, шахси ҳасуд ғамгин ва асабонӣ мешавад. Агар як нафари дигаре, ки мансаби баланд дораду ба ҳалқааш тааллуқ дошта бошад, пас, бо эҳтиром ва хушмуомилагӣ бо ӯ муносибат мекунад, аммо ботинан аз ӯ норозӣ мемонад. Одами ҳасуд кӯшиш мекунад, ки худ ин вазифа, ё мансаби баландро соҳиб шавад. Бо сабаби ба ӯ надодани ин вазифаю мансаб вай аз оромӣ маҳрум мешавад.

Ҳасад ва ҳасудӣ ба инсон таъсири бад мерасонанд ва ба ақидаи мутафаккир, ба ӯ осеби ҷисмонӣ ва руҳӣ мерасонад. Зарари равонӣ он аст, ки рӯҳ ба ташвишу изтироб меафтад, бо мушкилоти мавҷуднабуда сарукор дорад ва аз тафаккури солим дур мешавад. Баъзан ба ҷое мерасад, ки рӯҳ ба ҳисси ҳасад гирифтор шуда, саломатии ҷисми худро фаромӯш мекунад, зуҳури чизҳои бад ва зарароварро дар худ эҳсос намекунад. Дар натиҷа, вай дар худ чунин амалҳоро, ба монанди зарар ва харобшавӣ пайхас намекунад. Дар натиҷаи ҳамаи ин инсон ба таъсири дуру дарози афсурдаҳолӣ, ғаму андӯҳ гирифтор мешавад. Берунӣ бар ин назар аст, ки зарари ҷисмии ҳасад дар он зоҳир мешавад, ки дар нафс тағйиротҳое оғоз мешавад, ки боиси бехобӣ мегардад, одам аз иштиҳо маҳрум мешавад, дар натиҷа бадан заиф мешавад, намуди зоҳирӣ ва табъи ин гуна одамон бадтар мешавад ва мегӯянд: «Аммо ахлоқ ва кирдорашон гуногун аст, зеро ҷисмҳое, ки бо онҳо муттаҳид шудаанд, гуногун аст. ... ки бартарии ҳамдигарро ба чолиш

меоранд ва мувозинати баданҳоро бо ҳасад ва кина ба ҳамдигар вайрон мекунанд» [11, с.85] .

Ҳасадро ба ҳар ҳол бартараф кардан мумкин аст, – мегӯяд Берунӣ. Ба ин савол мутафаккир чунин ҷавоб медиҳад: одам бояд дар бораи беҳбудӣ ва беҳтаршавии рузгор фикр кунад, устувору мустаҳкам бошад. «Инсон табиатан ҷисми мураккаб дорад, ки аз маҷмӯи қисмҳои ба ҳам муқобил иборат аст, ки онҳоро танҳо қувваи тобеъкунанда муттаҳид мекунад. Ва рӯҳ дар аксари ҳолатҳои худ мутеи табъи бадан аст, бинобар ин, ҳолатҳо аз рӯи хислат гуногунанд» [12, с.11].

Яке аз сифатҳои ношоистаи инсон, ба таърифи Берунӣ, ҳасад мебошад ва ҳолатҳои мухталиферо нишон медиҳад, ки инсон ба он даст мезанад ва роҳҳои раҳоӣ аз ҳасадро нишон медиҳад. Ӯ бо мисолҳои равшан мефаҳмонад, ки ҳасад ҳама лаззатро фатҳ мекунад, ҳар ҳолатро аз ҳама олитарин ва олиҷаноб шуморида, инсон барои он саъй мекунад ва барои расидан ба он, бешубҳа, талош мекунад, ки мардуми ба ин ҳолат расида хурсандию фараҳи ногуфтанӣ доранд. Худ ба ин ҳолат расида ва соҳиби чунин мақом гардида, дар муддати хеле кӯтоҳ, то одат накунад ва мавқеъаш ба мардум маълум шавад, шодию қаноатмандӣ мебинад. Дар ин муддати кӯтоҳ ба назараш чунин менамояд, ки ӯ аз он шоду хуррам аст. Аммо вақте мавқеи дилхоҳ, ки орзуяш буд, ба даст омад ва мавҷудияташ дар он устувор, қудрат қавӣ ва шуҳрат дар миёни мардум паҳн гардид, ҷонаш боз ҳам баландӣ мехоҳад ва аллакай орзуҳояшро бо боз ҳам баландтар аз ин соҳаҳо, мепайвандад. Одам ҳолат ва мавқеи имрӯзиашро, ки то чанде пеш барои ӯ ҳадди орзуву умед буд, ночиз ва майда шуморида, боз ба чанголи андӯҳу тарс меафтад. Ӯро тарси фуромадан аз қуллаҳои бадастоварда фаро гирифта, роҳ ва воситаҳои аз мансаб дур нашудан ва ҳатто аз ин ҳам боло баромаданҳоро фикр мекунад ва дар ҷустуҷӯи ҳиллаю найрангҳои нав меафтад. Вай ба ноумедӣ меафтад, ҳастияшро заҳролуд мекунад, барои ин шаъну шарафро аз даст медиҳад, ақлу танашро бо макр олуда мекунад, ки то мавқеъашро дигар кунад ва боз ҳам баландтар шавад. «Ва азбаски ба ин,

монанди ҳама чизҳои шабеҳ, танҳо як муддати кӯтоҳ дода шудааст, пас аз гузаштани вақт парокандашавӣ ба амал меояд ва он чи сабз буд, зард мешавад, ва он чи болаззат буд, талх мешавад ва ба пояҳои хушке, ки аз ҷониби шамолҳо пароканда мешаванд, тӯфонҳо ба чанг мубаддал гашта, дарёҳо ахлот мебаранд, ва ба ҷои ҳамаи ин дар соҳилҳо таҳшин пайдо мешавад. Дар дили одамон бошад танҳо хотира мемонад,…» [12, с.45].

Ба ақидаи Берунӣ, инсон бояд ба он чизе, ки барои зиндагӣ зарур аст, қаноатманд бошад, набояд кӯшиш кунад, ки сарвати зиёдатӣ ҷамъ кунад ва барои расидан ба мақоми баланд талош кунад. Ӯ бояд худро аз ҳасад дур ва пок нигоҳ дорад. Инсон бо иҷрои гуфтаҳои боло метавонад оромона зиндагӣ ва эҷод карда, дар ҷомеа ҷой ва мақоми арзандаи худро пайдо карда, шахси муътабар ва обрӯманд гардад.

Дар бораи сабабҳои пайдоиши категорияи ҳасад, Розӣ қайд мекунад, ки «ба сабаби ишқи инсон ба нафси худ рух медиҳад ва Мискавайҳ сабабҳои пайдоиши ҳасадро дар заъфи ақл ва табиати инсон мебинад» [140, с.46-56].

Категорияи хашм – категорияи навбатии манфии ахлоқист, ки мо дар таълимоти Берунӣ дучор меоем. Аз нигоҳи Берунӣ – ғазаб яке аз падидаҳои равонӣ ва паҳлӯҳои манфии ҷасорат аст. Ба қавли Берунӣ, ғазаб ба ҳайвонҳо барои интиқом аз азобдиҳандаи онҳо пайдо мешавад. Ин барои одам ғайритабиист ва зиёдатии он касро аз ақл дур мекунад. Шахси хашмгин бештар ба ранҷу азоб дучор мешавад, аз касе, ки бар ӯ хашм мегирад: «Оё касе метавонад ба боло боло равад, магар касе, ки ҳавас ва хашми худро ром карда, онҳоро беқувват кардааст» [11, с.105].

Ғазаб одамро ба девона табдил медиҳад. Берунӣ қайд мекунад, ки агар шахс дар шароити ором сабабашро донад ва оқибати хашмро дарк намояд, пас, дар ҳолати хашм, инро ба ёд оварда, метавонад худро ба даст гирад: Шахсе, ки дар ҳолати ғазаб аст, вақти амали шудани интиқом набояд чор камбудии зерин – такаббур, бадбинӣ ва муқобили онҳоро дошта бошад.

Ақидаи Берунӣ дар бораи андӯхтани сарват чунин аст: «Тарки андӯхтани ганҷ, даст кашидан аз меҳнати дилгиркунанда ва дастёбӣ ба саодат дур шудан аз хории ғуломиро дар бар мегирад» [11, с.106].

Агар ҳар як одами боақл дар ин камбудиҳо даст дошта бошад, хашму интиқом ба андозааш сурат мегирад. Мағрурӣ ва бадбинӣ мувофиқи ҷинояти содиршуда ҷазоро тақозо мекунад, баръакси онҳо қасос ва ҷазои камтарро талаб мекунад. Дар бораи моҳияти хашм бисёр мутафаккирон навиштаанд, вале танҳо Мискавайҳ (тақрибан 936-1030), муаррих, филолог, шоир, файласуф, табиб ва кимиёгар бар хилофи дигарон омилҳои барангезанда ва хашмро ба вуҷуд орандаро нишон медиҳад, инчунин равандро дар бораи пайдоиши он низ нишон медиҳад ва чунин мешуморад, ки «хашм як иллати равонӣ аст. Ин амали нафс аст, ки хун дар дил ба мақсади интиқом меҷушад. Агар амалҳо пуршиддат бошанд, хашм ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷа фишори хун аз ҳад зиёд баланд мешавад ва дуди сиёҳи ҳаяҷонбахш рагҳо ва майнаи одамро фаро мегирад. Дар зери таъсири ғазаб ақли инсон халалдор мешавад» [61, с.193]. Сабабҳои пайдоиши хашм, ба гуфтаи Мискавайҳ, метавонад ғурур, шубҳа, худхоҳӣ, шӯхӣ, ҳаҷв ва ғайра бошад: «Аксари одамон бидуни надонистани ҳадду ҳаҷм ба шӯхӣ шурӯъ карда, шӯхиро идома медиҳанд ва ҳамсӯҳбатро ба ҳолати хашм меоранд» [61, с.197].

Берунӣ ду шакли ҷамъоварии сарватро аз ҷониби мардум ёдовар мешавад ва ба ақидаи ӯ, агар дар ҷамъоварии сарват муътадилӣ риоя нашавад, инсон гирифтори азобу хастагии доимӣ мегардад; баъзеҳо маҷбуран ин корро мекунанд, зеро он вақт дар бораи он фикр мекунанд, ки бо сабабҳои гуногун бе кор монданашон мумкин аст; дигарон бештар аз эҳтиёҷот ҷамъ мекунанд ва мехоҳанд боз ҳам зиёдтар ҷамъ кунанд. Дар ин сурат одам ғуломи сарват мешавад, дар ҳаёташ ба беҳбудӣ намерасад, аз зиндагӣ лаззат намебарад ва зиндагиро ғаму андӯҳ фаро мегирад. Ин гуна одам ҳамеша дар бораи зиёд кардани сарвати худ фикр мекунад. Ба мақсади худ зуд нарасида, ҳамеша андӯҳгину ғамгин мешавад, аз ҳама норозӣ

мешавад, ба ашхоси бойтар аз худ ҳасад мебарад ва ин барои ӯ оқибатҳои манфии бештар дорад.

Берунӣ дар бораи ҷиҳатҳои манфии ҷамъоварии сарват, ба хулосае меояд, ки барои инсон беҳтарин сарват, мавқеъ ва мартаба ҳунар, дониш, ақлу хирад аст. Сарвате, ки инсон дар тӯли умри худ ҷамъ мекунад, метавонад дар як лаҳза аз даст диҳад ва онҳо эҳсоси лаззати ҳақиқӣ намедиҳанд, аммо ҳунар ва, ҳамчунин, илму ақлро аз даст додан душвор аст ва файласуфон касеро сарватманд намешуморанд, ба ҷуз шахсе, ки дониш дорад. Яъне, инсон бояд пайваста талош кунад, то касбу донишро ба даст орад, ки касе онро аз ӯ гирифта наметавонад.

Айнан ҳамин тавр, ҳиссиёти дигар барои аз худкунии дониш офарида шудаанд. Донишманд лаззат мебарад аз ба даст овардани донишҳои гуногун, ва мақсади асосии худ раванди умр медонад. Эҳсосоти ҳиссӣ вобаста ба вақт гуногун мешавад. Ҳисе, ки ба дил хидмат мекунад, танҳо ҳозираро дарк мекунад, дар ҳоле ки дар бораи ҳозира тафаккур мекунад ва гузаштаро низ ба ёд меорад. Табиат замони ҳозираро соҳиб шуда, даъво мекунад, ки он дар гузашта аз они худ аст ва дар оянда ба тасарруфи он омода мешавад, дар ҳоле ки хирад моҳияти ашёро бидуни иртибот бо замон дарк мекунад, зеро гузашта ва оянда дар назди он баробаранд» [11, с.103-104].

Берунӣ саъю кӯшиши зиёдатии бемақсади мардумро низ яке аз сифатҳои манфӣ медонад, шахсе ки ҳаваси нафс ба молу сарват, шуҳрат ва дигар даъвоҳои манфии дунявӣ дорад, зери таъсири нафс қарор мегирад,дар оянда аз кардаи худ пушаймон мешавад. Мутафаккир назаре дорад, ки андешаи дури бемақсаду бефоида зарурат надорад. Ҳолати нав барои одам ба куҳнаи аввала мубаддал мешавад ва бо ӯ тамоми вазнинии ғаму андӯҳ, сахтию кулфат мемонад. Аз ин ру, ӯ боз кӯшиш мекунад, ки то ба ҳолати боз ҳам болотар аз ҳоли мавҷуда бирасад, вале баъд аз расидан ба мақсадаш ва дар ҳолати нав қарор гирифтан ҳам чизе нахоҳад шуд, ки нафс аз он сер шавад. «... материя камолотро меҷӯяд ва ҳамеша беҳтаринро авлотар

медонад, яъне саъй мекунад, ки аз ҳолати будааш баромада, ба амал шурӯъ кунад. Ба шарофати ғурури фахр ва ташнагии бартарӣ, ки дар материя амиқан реша гирифтааст, ба рӯҳи талошкунандаи дарёфти дониш, тамоми имконоти мавҷударо нишон медиҳад ва рӯҳро саргардон мекунад» [11, с.85].

Ба ақидаи Берунӣ шахсе, ки ба хоҳишҳои нафс мутеъ аст, майли мансаб аз ҳама кайфиятҳои ӯ болотар аст, хоҳиши нафсонӣ соҳиби худро ба душворӣ ва азобу машаққат дучор месозад. Барои аз ин беморӣ раҳоӣ ёфтан одамон бояд нафсро ба ақли худ тобеъ гардонанд ва сабр кунанд.

Бисьёр одамон вақте ки рутбаю мансаб мегиранд, рафтори худро дигар мекунанд, такаббур мешаванд. Берунӣ ба чунин хислатҳо, монанди такаббур ва ғурур, дурӯғгӯйи, бадбинӣ, ниятҳои бад муқобил мебарояд. Берунӣ таълим медиҳад, ки мансабдорон мағрур нашаванд, рафтору хислаташон ҳамон гуна то ба мансаб гирифтан монад, баръакс, рафтору хислаташон ба ҷониби  беҳтар тағйир ёбад, некиву фазилат шиори эшон бошад, онҳо боз ҳам беҳтар ба халқ хизмат кунанд, то ки сазовори иззату эҳтироми халқ гарданд.

Мансабдорон бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки мартаба ва мансаб барои умр нест, рӯзе аз онҳо дур мешаванд, аз ин рӯ, бояд фаъолияти худро бо корҳои наҷиб ороиш диҳанд. Чуноне, ки мутафаккир тақвият медиҳад ; « … Ӯ дар Қобус ибни Вашмгир фазилатҳои покизагии авлодиро бо зебоии хислатҳои наҷиб ва ифтихори рӯҳро бо тамоми хислатҳои писандида,  ба ҳам пайваста кардааст...» [3, с.8].

Онҳо бояд кибру ғурур ва дуруғро гузоранд. Охирин яке аз хислатҳои қабулнашавандаи шахс аст. Он аз ҳавасҳои ғайри муқаррарии рух тавлид мешавад. Берунӣ дар китоби Ҳиндустон дар бораи 5 навъи дурӯғ менависад: Дуруғ аз майл, маъкул ё нописандӣ, буздилӣ ва тарсу ҳарос, майли фитрӣ ва ҷоҳилӣ аст. Мутафаккир мутмаин аст, ки умри дурӯғ кӯтоҳ аст, фиреб маразест, ки соҳибашро ба мушкилоти гуногун мебарад. Шахсе, ки ба дуруғгӯӣ одат кардааст, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат омода аст, ки боз як кори зишт кунад.

Шахси дурӯғгӯй метавонад дар бораи як чиз бо тарзҳои гуногун, аз фаромушӣ, тасодуфӣ ё қасдан ҳарф занад. Илова бар ин, одами дурӯғгӯй на ҳама вақт аз натиҷаи фиреби худ эҳтиёткор аст, аммо бо мурури замон дурӯғаш фош мешавад ва чунин шахс шармсор мешавад. Дар ҳамин ҳол, мушкилот маҳз дар натиҷаи дурӯғ ва фиреби ӯ ба миён меояд. Фиреб ҳамеша боиси шарм ва хиҷолат аст ва ҳатто агар дар тамоми умри инсон як бор дурӯғ ошкор шавад, ин барои ӯ басанда хоҳад буд, ки ҳамеша беэҳтиром ва расво боқӣ монад.

Берунӣ қайд мекунад, ки дурӯғе муддати дароз фош намешавад, дуруғгӯй аз ин хеле шод мешавад, фахр мекунад, ки фиреби ӯро касе ошкор накардааст, вале ин ҳама муваққатист. Мардум ба чунин шахс беҳурматона ва беэҳтиром муносибат мекунад, дар ҷомеа вазн ва обрӯяшро аз даст медиҳад. Дар дунё чизе беҳтар аз ҳақиқат ва ростӣ нест: «Танҳо касе, ки аз дурӯғ канорагири мекунад ва ба ҳақ пойбанд аст, сазовори таърифу ситоиш аст, ҳатто ба назари дурӯғгӯён, дар бораи дигарон хамушем» [11, с.58].

Одами боақл ба ин намепечад, аз он метарсад, ки шармрӯ мешавад, аз ин рӯ худдорӣ мекунад ва амали қатъӣ мекунад. Одами оқил ҳамеша дар гуфтор ва дар амали иродааш одилу ростгӯ зоҳир мешавад. Мутафаккир ростӣ ва дурӯғро муқоиса намуда, ба чунин хулоса меояд:

а) дурӯғ умри кӯтоҳ дорад;

б) ҳама кас аз зарари дурӯғ ҳазар кунад;

в) ба ғайри фиребгарони аз ноумедӣ, аз дигар дурӯғгӯён ҳазар кардан лозим аст.

Берунӣ дар баробари дигар хислатҳои манфӣ, бадбинӣ, бадқасдӣ ва интиқомро низ нишонаи нохушии рӯҳи инсон мешуморад. Ӯ дар ғоя ва ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии худ менависад, ки агар шахс, бахусус, мансабдор, хоҳад дар ҷомеа ба иззату ҳурмат ноил шавад, бояд аз кинаву бадбинӣ раҳо шавад, нафси худро аз кинаву ҳасад пок созад ва хайрхоҳ шавад. Дӯстон ва шарикони худро бояд эҳтиром кунад, вақте ки онҳо хато

мекунанд, ё камбудӣ доранд, бояд ба ислоҳи онҳо кумак кунад, то онҳоро ҳеҷ гоҳ хор накунанд ва нисбат ба онҳо дасиса накунанд.

Берунӣ қайд мекунад, ки барои дар ҷомеа ҷойгоҳи шоиста ва устувор пайдо кардан ва шахси муътабар, бошараф, хушбахту сарватманд шудан ба инсон ахлоқи нек кумак мерасонад. Аз нигоҳи ӯ рафтори бад ва ахлоқи мардум, аз ҷумла нафрат, кина ва бадбинӣ бештар инъикоси воқеиятест, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад ва вобаста аст ба муносибатҳои байни мардум. Вай мавқеи табиӣ доштани ахлоқи бад ва неки одамонро ва гӯё бо ақлу моҳияти одам алоқаманд будани онҳоро инкор мекунад. Агар нафс ба ақл итоат кунад, дар рафтори инсон ҷой барои нафрат, бадбинӣ ва кина вуҷуд надорад. «...танҳо як қисми қоидаи умумӣ ин аз дард ва зарар расондан худдорӣ кардан аст. Ба он, инчунин, худдорӣ аз ғасби моли дигарон ва дурӯғ гуфтан дохил мешавад, илова бар ин, ки дурӯғ гуфтан нафратовар ва паст аст» [11, с.106].

Ба ақидаи Берунӣ пурхурии одамон дар натиҷаи он пайдо мешавад, ки нафси ақлӣ зери таъсир ва тобеъияти нафси дилчасп аст ва ин яке аз нишонаҳои бади нафс аст. Берунӣ пурхурӣ ва баднафсиро яке аз хислатҳои бади инсон мешуморад. Ӯ, ҳамчунин, иддао мекунад, ки пурхӯрӣ, баднафсӣ ва носерӣ баъдан боиси ранҷу зиён мегардад. Одам ба пурхӯрӣ одат мекунад, шарму ҳаёро фаромуш мекунад, таъми таом дар тасаввури одамони пурхӯр бениҳоят гуворо аст, онҳо тамоман дар бораи хатари зиёдхӯри фикр ва эҳсос намекунанд. «Дар мавриди лаззатҳои ҷисмонӣ бошад, касоне, ки онҳоро эҳсос мекунанд, баъд гирифтори ранҷу азоб ва беморӣ мешаванд. Ин лаззатҳо дилгиркунанда мешаванд, вақте ки муддати тӯлонӣ давом мекунанд, ва ҳангоми аз ҳадд гузаштан боиси ранҷу азоб мешаванд. Лаззат аз таом барои ту далели кофӣ аст» [12, с.18].

Ба фикри Берунӣ, ва дигар бузургон, инсон бояд ғизоро ба меъёр ва сари вақт бихӯрад, зеро кам хӯрдани ғизо ва ҳам истеъмоли аз ҳад зиёд ба бадани инсон зарар дорад. Инсон бояд барои зиндагӣ бихӯрад, на ба хотири он ки ҳама вақт бихӯрад. Саъдии бузург дар китоби худ «Гулистон», дар

боби «Дар бораи қаноатмандӣ» ҳамин нуқтаи назарро низ тарафдор аст. Берунӣ дар идома ва инкишоф додани афкори худ дар бораи нафси ақлӣ мегӯяд, ки ҳадаф шинохти дунёст ва мақсади ғизо ин имкони ҳастӣ аст, ки бидуни он намешавад ва нафси ҳассосро бозмедорад. «...Тавассути василаи ақл дарки ҳақиқати чизҳоро дарк мекунанд ва он ба шинохти Худои таъоло ва чунин корҳое мерасонад, ки ҳама онҳоро дӯст медоранд ва ҳама ситоиш мекунанд» [11, с.87].

Дар натиҷаи пурхӯрӣ одам вазни зиёдатӣ мегирад, ба бемориҳои меъда гирифтор мешавад, ин бемори ба дигар бемориҳо мубаддал мешавад, нафаскашӣ душвор мегардад, ҳамаи ин оқибатҳои вазнин дорад. Берунӣ дар бораи оқибатҳои пурхӯрӣ чунин менависад: Одам оқибат ба бемориҳои гуногуни ҷисмӣ ва рӯҳӣ гирифтор мешавад, азоби ӯ аз лаззати пурхӯрӣ ба маротиб бештар аст. Шахси пурхӯр нангу номусро фаромуш мекунад, арзишу иззати инсонии худро аз даст медиҳад. Берунӣ оқибатҳои пурхӯрӣ ва шикампарастиро баён карда, пурхӯронро даъват мекард, ки ғизоро ба меъёр истеъмол кунанд.

Берунӣ ҳамчун категорияҳои манфии ахлоқӣ, аз қабили ситам, зӯроварӣ, зулм ва кирдорҳои ношоистаро қайд мекунад. Ӯ ҳар касеро, ки ба зулм, ситам ва зӯроварӣ кӯшиш мекунад, одам намешуморад. Тарзи зиндагие, ки бузургтарин файласуфони мо ба он содиқ буданд, ба адолати умумӣ дар муносибат бо одамон, бо эҳтиром муносибат кардан бо онҳо, зоҳир кардани ҳисси некӣ ва хоксорӣ, дилсузӣ нисбат ба ҳама, кӯшиши фоидаовар будан ба ҳама одамонро дар бар мегирифт, равона буд. «Мардум роҳгумзадаанд дар нисбати он ки чӣ амр шудааст, ё наҳй ва барои фарқ кардани корҳои нек аз бад ба роҳи рост намераванд» [11, с.109].

Дар маркази таълимоти ахлоқии Берунӣ саволҳо дар бораи шахсияти инсон қарор доранд. Мо дар асоси андешаҳои мутафаккир, ки болотар зикр гардиданд ба чунин хулоса омадем. Ӯ одамонеро, ки барои зулму зӯроварӣ талош мекунанд, махлуқе медонад, ки дар бадани онҳо рӯҳи ҳайвони ҳукмфармост. Мутафаккир одамонро даъват мекунад, ки ба якдигар бомеҳру

муҳаббат, садоқат ва хушмуомилагӣ муносибат кунанд, якдигарро озор надиҳанд. Мардум кадом вазифаю мансаберо, ки ишғол накунанд, бояд ҳурмату эҳтироми ҳамдигар, решакан кардани кина, зулм, ситам ва беадолатиро фаромуш накунанд.

Абурайҳони Берунӣ майпарастӣ ва майзадагиро яке аз сабабҳои асосии зуҳури сифатҳои манфии ахлоқӣ ҳисоб мекард. Ба ақидаи мутафаккир, агар мастигарӣ муддати тӯлонӣ давом кунад, одам дучори бадбахтиҳои зиёд ва ҳатто марг мешавад. Масалан, ишқ ба май яке аз бузургтарин иллатҳои нафс ва бузургтарин бало барои ақл аст. Ин маънои онро дорад, ки одам ақлро гум мекунад ва ба ҳолати ҳайвонӣ ворид мешавад. «... Эҳтимол дорад, ки ӯро ба ранҷу гуноҳ меандозанд; ба сабаби онҳо одам мисли ҳайвони ваҳшӣ ва чорпоён ва ҳатто мисли дев ва шайтон мегардад» [11, с.104].

Берунӣ дар бораи оқибатҳои зарари майпарастӣ сухан ронда, таъкид мекунад, ки одами майхӯр хислатҳои зерин дорад:

1) ҳама рӯйдодҳои ҳаётан муҳим (ғам, шодӣ), ё чизҳои зарурӣ эътибор надоранд, ё дуюмдараҷаанд;

2) тадриҷан нӯшидан барояш касб мешавад, аз ҳама лаззатҳои зиндагӣ болотар, лаззати май ба ӯ наздик мешавад;

3) дар лаҳзаҳои ҳушёрии худ майзада ба бемор монанд мешавад.

Мутафаккир маслиҳат медиҳад, ки тамоми воситаҳоро барои шикастан ва аз байн бурдани ҳаваси май истифода бурдан лозим аст. Вай дар бораи майзадагӣ ва оқибатҳои он сухан ронда, роҳҳои наҷотро аз он номбар мекунад:

а) тарбияи иродаи қавӣ одамро аз ишқи майнӯшӣ, эмин медорад;

б) роҳҳои ҳифзи ақл аз ҳамлаҳои ҳавову ва ҳавас;

в) дар лаҳзаҳои душвор нафсро бо мушкилиҳо нагузоштан;

г) махсусан, рӯҳи ҳассос ва хашмгинро ба ақл тобеъ сохтан.

Таҳлили моҳияти категорияҳои манфии ахлоқӣ дар таълимоти Берунӣ нишон медиҳад, ки мутафаккир на танҳо оқибатҳои ҳар як зуҳуроти манфии

рӯҳро амиқ ва муфассал таҳқиқ мекунад, балки роҳҳои пешгирии онҳоро низ пешниҳод мекунад.

Берунӣ зуҳуроти манфии рӯҳро муайян намуда, онҳоро бо хислатҳои мусбати маънавии инсонӣ муқобил мегузорад, ақидаҳои худро бо мисолҳои равшани ҳаётии дар боло овардашуда мустаҳкам менамояд.

Берунӣ, махсусан, дар бораи зуҳуроти манфии рӯҳ ва оқибатҳои нохуши он таъкид менамояд ва сухан меронад. Ҳамаи бадиҳое, ки дар зиндагӣ дар ҷомеа мебинем, лоиқи тақлид нест, баръакс, ба андешаи ӯ, мардум бояд бар зидди падидаҳои номатлуб баромад кунанд. Гузашта аз ин, аз нигоҳи мутафаккир, корҳои наҷиб сазовори ҳар гуна таҳсину офарин аст.

Дар эҷодиёти Берунӣ ақидаҳои ахлоқӣ-иҷтимоӣ ва фалсафӣ бо ҳам зич алоқамананданд. Дар ин бобат таваҷҷуҳи ӯ ба масъалаҳои зерин нигаронида шудааст: рафтори неки инсонӣ, дар одам тарбия кардани майлу хоҳиши кори нек, эҳтироми инсон ҳамчун офаридаи олии худованд, масъалаи озодии инсон. Берунӣ ҳамаи ин масъалаҳоро дар робита бо фалсафа, ҷомеа ва сиёсат баррасӣ мекунад.

Таълимоти инсони комил мағзи тиллоии таълимоти ахлоқии мутафаккирро ташкил медиҳад. Абурайҳони Берунӣ аз аввалин мутафаккирони Шарқ буд, ки масъалаи шахсиятро дар доираи таълимот ва пажӯҳишҳои илмию фалсафӣ баррасӣ кардааст. Вай таъкид мекард, ки омӯзиши ҷаҳони инсон барои баррасии масъалаҳои ахлоқӣ замина фароҳам меорад. Берунӣ дар ҳамин асосҳои илмӣ ҳамаи категорияҳои ахлоқи инсониро ба назар мегирад.

Неку бад, сафеду сиёҳ, адолату беадолатӣ, некиву бадӣ ва ғайра ба қавли Абурайҳони Берунӣ танҳо бо хиради инсони муайян карда мешаванд. Ба ибораи дигар, инсон офаридаи неку бад аст. Одам дар рафтор, дар кораш озод аст ва хислати кору фаъолияташ танҳо ба худи ӯ вобаста аст. Инсон ба шарофати хислатҳои неки худ аз ҳама ҳайвонҳо фарқ мекунад, аз онҳо болотар аст, худи ӯ офарандаи қоидаҳои рафтори шоиста ва дигар фазилатҳои мусбат мебошад. Ба эътиқод ва ақидаи Берунӣ, рафтори инсон

фитратӣ нест, вай дар ҳалли масъалаҳои мухталиф озод аст ва мувофиқи ақл ва ихтиёри худ амал мекунад. Агар нафс ба ақл итоат кунад, рафтори инсонӣ ба наҷибу судманд наздик мешавад, аммо агар нафс ақлро тобеъ гардонад, дар инсон хислатҳои манфии хулқ пайдо мешаванд, ки инсоният, давлат ва ҷомеаро хароб мекунанд.

Берунӣ боварии комил дорад, ки амали нек ба инсон эҳтироми доимӣ мебахшад. Ба ақидаи ӯ, инсон ҳатто ҳангоми кирдори бад ҳаловат мегирад, аммо ин ҳаловатбарӣ кутоҳмуддат аст. Одамоне, ки ба рӯҳи ҳайвонӣ итоат мекунанд, аз ақл бегона мешаванд ва дар ниҳоят аз кору рафтори худ пушаймон мешаванд. Берунӣ бо хислати хосу нотакрори худ ин масъаларо дар маҷмуъ дар осори худ бо таваҷҷуҳи хосса баррасӣ намуда, инчунин, аз номи файласуфон таъкид мекунад, ки файласуфон ба онҳое, ки ба ҳавасҳо печида, ба онҳо майл доранд, бо нафрат муносибат мекунанд ва маломат мекунанд. Файласуфон онҳоро ба сабаби пойбандӣ ҳавасҳо будан бо ҳайвонҳо дар як саф гузоштаанд, майли ҳаяҷоновар ба ишқ ва лаззатҳо, боварӣ доштан ба шодии ҳайвонӣ ва ба ин хислатҳои манфур монанд, ҳамаи онҳоро ба натиҷаҳои нохуш ва пушаймонӣ мебаранд. Лаззатҳои гузашта, бахусус, пас аз он, ки аз ҷисм берун мешаванд, азобу ранҷи он аз он зиёд мешавад ва то дер давом мекунад. «Дар мавриди лаззатҳои ҷисмонӣ бошад, касоне, ки онҳоро эҳсос мекунанд, баъд ранҷу азоб мебинанд ва гирифтори беморӣ мешаванд. Ин лаззатҳо дилгиркунанда мешаванд, вақте ки муддати тӯлонӣ давом мекунанд ва вақте ки аз меъёр мегузаранд, ранҷ меоранд» [12, с.18].

Ба ақидаи Берунӣ ҳеҷ як фаъолияти инсонӣ, ҳеҷ амале хусусияти пешакӣ муайяншуда надорад. Ҳеҷ гуна хислатҳои инсонӣ низ пешакӣ муайян карда нашудаанд, баръакс, тамоми кирдор ва хусусияти хислатҳои одам дар раванди амалияи ҳаёти ҷамъиятии ӯ ташаккул меёбанд, зеро вай дар ҷамъият зиндагӣ мекунад, ки дар он ҷо аз қадим ченакҳои рафтор вуҷуд доранд ва онҳое, ки меъёрҳои тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунанд, барои ҳар як кори кардаашон мукофоти дахлдор интизор аст. Шахс бояд

ҳамеша одоби хуб ва меъёрҳои муқарраршудаи ахлоқии рафтор ва тартиботи ҷамъиятиро риоя кунад. Ҳамчун мавҷуди бохирад рафтори дуруст дошта, аз дигар мавҷудоти рӯи замин бо расму одобу ахлоқи неки худ фарқ кунад. Иродаи худро ба худ тобеъ кунад ва дар ҳама чиз ақлро ҳидоятгар кунад.

Хулоса, ба ақидаи мо тамоми категорияҳои ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккир ба қадри зарурӣ ҳалли худро ёфтаанд ва дар атрофи се мафҳуми асосӣ – ақл, рӯҳ ва лаззат муттаҳид шудаанд. Тамоми сохтори ахлоқии ӯ ба ислоҳи меъёрҳои рафтори ахлоқии инсон тавассути тобеъияти рӯҳи наботӣ ва ҳайвонӣ ба хирад нигаронида шудааст. Ин хел рафтор, ба андешаи мутафаккир, ба он мусоидат мекунад, ки инсон байни маҳдудият, ё миёна роҳи воқеии худро интихоб кунад. Ба ақидаи Берунӣ ахлоқи ҳамида барои ҳар як фард шарти зарурӣ ва муҳим мансуб меёбад, зеро ҳар як фард дар зиндагӣ бе ахлоқи ҳамида доштан ба мақсад ноил шуда наметавонад. Ахлоқи нек дар зиндагии ҳар як фард асоси муваффақияту музафарият мегардад. Соҳибақлу хушахлоқ ҳамеша байни мардум сарфароз аст.

## §3.2. Аҳаммияти андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ барои замони муосир.

Назарияҳо ва қоидаҳои таълимоти ахлоқии файласуфони Шарқ аз таълимоти Ғарб дар бораи фазилат ва адолат, дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инкишофи он аз бисёр ҷиҳат пеш гузашта, пурратар гардиданд. Таълимот ва осори мутафаккирон, шоирону нависандагони Шарқ ба таърихи тамаддуни башар ҳамчун намунаи инсондӯстии ҳақиқӣ дар шароити зулми асримиёнагӣ нақши калон бозида, сарчашмаҳои ахлоқу одоби олӣ мебошанд. Инсондӯстӣ ҳамчун ҳаракати ҷамъиятӣ дар давраи Эҳё ба вуҷуд омад ва шиори худ, эҳтиром ба инсон ва ғамхорӣ дар бораи инкишофи ҳаматарафаи вайро эълон кард. Марбут ба мавзуи фавқ сухан дар бораи назарияҳои ташаккули шахсият, имконияти ҳақиқии инкишофи мутаносиби он, ташаккули эътиқоди ҷамъиятию сиёсӣ, мақсадҳои олии (идеали) ахлоқ ва зебопарастии ҷавонон меравад. Вақтҳои охир дар ҷомеа коста гардидани

ахлоқу одоб ва рафтори неки аҳли ҷомеа, алалхусус, ҷавонон ба таври ҷиддӣ мушоҳида карда мешавад. Дар маҷмӯъ ҷомеа бо мушкилоти шадиди тарбияи ахлоқии насли наврас, ҷустуҷӯи маънии зиндагӣ, бозгашт ба арзишҳои воқеии инсонӣ рубарӯ шудааст. Вобаста ба ин масъалаи ислоҳталаб ҳанӯз мутафаккирони асрҳои миёна дар бораи он ҳарф зада, кӯшиш мекарданд калиди масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва такмил додани хислатҳои неки шахсро ёбанд. Онҳо ин масъаларо чи аз ҷиҳати алоҳида ва чи аз нуқтаи назари таҳлил дар ягонагии синтетикии ҳамаи тарафҳои он бо ба назар гирифтани воқеияти қувваҳои ҳаракаткунандаи рӯҳи инсон пора-пора кушоданд. Дар ҷустуҷӯҳои маънавии маънии ҳаёт ва сарнавишти инсон, дарки ғояи камолоти ахлоқӣ ва роҳҳои ба он расидан шаффоф гардид.

Ҳамаи мутафаккирони бузурги асрҳои миёна ба монанди; Розӣ, Ибни Муқаффаъ, Форобӣ, Абуалӣ Сино, Марварудӣ, Ибни Мискавайҳ, Бағдодӣ, Насириддини Тусӣ, Садруддини Шерозӣ, Боқилонӣ, Муҳаммади Давонӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Унсурмаоли Кайковус ва бисёр дигарон дар осори худ оид ба ахлоқ, масъалаҳои ахлоқи баланд ва фазилати неки мақсади инсон ва роҳҳои ташаккул ва такмили ахлоқии вайро баррасӣ кардаанд.

Дар таълимоти фалсафии Аврупо мафҳуми ахлоқ, одоб ва хислатҳои он мафҳуми ягонаи «этика»-ро истифода мебаранд. Аксари муҳаққиқон, махсусан, О. Г. Дробнитский [59], А.А. Гусейнов [47] ва дигарон Арастуро асосгузори илми ахлоқ мешуморанд. Номи ахлоқро, ба ақидаи онҳо, маҳз Арасту пайдо кардааст. Онҳо роҳҳои пайдоиши (этимология) истилоҳи ахлоқӣ ва роҳҳои пайдоиши онро (ба истисноли фарҳанги форсӣ-арабӣ) ба забонҳои лотинӣ, чинӣ, ҳиндӣ, мисрӣ, итолиёӣ ва русӣ амиқ омӯхтаанд. Файласуфон ва забоншиносони донишманд роҳи тағйирёбии истилоҳоти ибтидоии ахлоқ ва маънии онҳоро дар замонҳои баъдӣ пайваста нишон додаанд. Мутаассифона, ба он эътибор дода нашуд, ки таълимоти ахлоқӣ аллакай дар тӯли ҳазорсолаҳо, аввал дар таърихи тамаддуни ориёӣ «расм, ойин, анъана» ва баъдан дар фарҳанги исломӣ «халақа, хулқ, ахлоқ», ки истилоҳоти хоси худро доштанд, вуҷуд дошт.

«Аҳлоқ» вожаи арабӣ буда, аз феъли замони гузашта, ҷинси мардона, шумораи танҳо «халақа» сохта шуда, маънои «чизе сохтан», «эҷод кардан», «тайёр кардан», «халқ кардан», «хаёл кардан», «фикр кардан» ва ғ.– ро дорад. Аз ҳамон феъли замони гузашта номи амал (масдар) «хулқ» сохта мешавад, ки ҳамчун истилоҳ дар илми ахлоқ истифода мешавад ва маънои «табиат», «одат», «табъ», «рафтор», «хислат», «сифатҳои равонӣ», «хусусиятҳо», «амал», «хусусиятҳо дар урфу одат», «фалсафаи ахлоқ» ва ғайраро ифода мекунад. Ҳамин тавр, дар илми ҳар як халқу миллат мафҳумҳои ахлоқии ба худ хос истифода мешаванд, вале дар маҷмӯъ вожаҳои – «этика», «этос», «ахлоқ» ва «оин» аз ҷиҳати моҳияту маъно хеле наздиканд ва, умуман, рафтор, хислат, завқ, одат, хислатҳои равонӣ, табиат, сифатҳо ва ғ.–ро мефаҳмонанд.

Бисёре аз мутафаккирони исломӣ ҳангоми таҳқиқи масоили ахлоқӣ дар осори худ ба Арасту ишора карда, ӯро «Муаллими аввал» номидаанд. Файласуфон ва мутафаккирони дигар самтҳои фалсафа барои ҳалли масъалаҳои асосии фалсафа кӯшиш намуда, масъалаҳои илми ахлоқро инкишоф дода, ба таълимоти юнониён мурочиат карданд ва, албатта, онҳоро асосан андешаҳои нав ва тозаи асарҳои ахлоқии файласуфони Юнон ба худ ҷалб карданд. Дар мавриди изҳори онҳо, истилоҳот ва мафҳумҳои онҳо бошад, ин ҷо дастгоҳи ахлоқӣ – илмии хуб инкишофёфтаи худро доштанд.

Агар на ҳама, пас, бисёре аз мутафаккирони тоҷику–форс осори худро ба масоили ахлоқӣ бахшидаанд, ки беҳтарини ин китобҳо инҳоянд: «Адаб ул-кабир» («Китоби бузурги ахлоқ») ва «ал Адаб ас-сағир» («Китоби хурди ахлоқ») аз Ибни Муқаффа, «Тибби рӯҳони»-и Абубакри Розӣ (а. IX - X), «Таълимоти саодат»-и Абунасри Фаробӣ (а. X), «Пирӯзнома» («Китоби хушбахтӣ ва пирузӣ»), «Монографияи ахлоқӣ» ва «Эҳтиёт дар зиндагӣ»-и Абуалӣ ибни Сино (а. X), «Ислоҳоти руҳ»-и Ибни Мискавайҳ (а. X - XI), «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус (а. XI), «Эҳё улум ад-дин», «Насиҳат-ул-мулук» ва «Кимёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ (а. XI), «Гулистон» («Боғи садбарг») ва «Бӯстон» («Боғи меваҷот»)-и Саъдии

Шерозӣ (а. XIII), «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тусӣ (а. XIII), «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ (а. XIII), «Захират-ул-мулук» («Хазинаи шоҳон»)-и Алии ҳамадонӣ (а. XIV), «Хористон» («Боғи хор»)-и Маҷдуддини Хофӣ (а. XIV), «Нигористон»-и Ҷувайнӣ (а. XIV), «Ахлоқи ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ (а. XV), «Баҳористон»-и Абдураҳмони ҷомӣ (а. XV), «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ғайра.

Асарҳои номбурда қуллаи афкору эҷодиёти мутафаккирони номбурда ва дигар намояндагони илму адаби точику форс мебошанд. Онҳо дар байни бузургтарин асарҳои ахлоқии ҷаҳон ҷой гирифтаанд.

Гуногунрангии фикрӣ ва доираи васеи шавқи илмии Абурайҳони Берунӣ дар соҳаҳои мухталифи илми асримиёнагӣ, ба таври равшан дар асари машҳури ӯ «Китоб ас-Сайдана фи-тиб» ва, бахусус, дар «Маъданшиносӣ» таҷассум ёфтааст. Дар ин асар, мутафаккир на танҳо иттилооти илмӣ, балки мушоҳидаҳо, хотироти шахсӣ, маълумоти этнографӣ ва муҳокимаҳои ахлоқӣ-ҷамъиятиро ҷамъоварӣ намуда, заминаи муҳимми маърифатӣ ва фалсафиро барои наслҳои минбаъда гузоштааст. Арзиши иҷтимоӣ ва ахлоқии ин матн танҳо ба илму маърифати замона маҳдуд намешавад, балки барои муаррихон, фалсафашиносон, фарҳангшиносон ва ҷомеашиносон низ манбаи бебаҳо ба шумор меравад.

Фарҳанги илмию маънавии асари «Маъданшиносӣ» на танҳо фазои илмии замони муаллифро инъикос мекунад, балки симои ботинии шахсияти худи Беруниро низ равшан менамояд. Ӯ донишро на ҳамчун ҳадафи яккаву ягонаи фаъолият, балки ҳамчун василаи таҳаввули маънавии инсон ва тарбияи ахлоқии ӯ мебинад. Дар партави ин назар, Берунӣ дар асараш нақши бунёдии тартиб ва пайдарпайии падидаҳоро ҳамчун категорияҳои марказии ахлоқ ва ҷаҳонбинӣ таъкид менамояд. Ин тартибу низом, ки аз сохти коинот то фаҳмиши рӯйдодҳои иҷтимоӣ тӯл мекашад, дар дидгоҳи ӯ ҳамзамон ҳам асолати мантиқӣ дорад ва ҳам заминаи илоҳӣ.

Дар муқаддимаи «Маъданшиносӣ», ки бо ҳамду ситоиши Худованд оғоз меёбад, таъсири равшани муҳити исломии он давра ва шеваи мазҳабии

таълифот эҳсос мешавад. Аммо он чи ки Берунирo аз дигар муосиронаш фарқ мекунонад, ин истифодаи мавқеиятшиносонаи ӯ аз истилоҳоти динӣ дар заминаи ахлоқӣ ва илмист. Ӯ таълимоти ахлоқиро бо мафҳумҳои илмии табиат, органҳои эҳсос, қонунҳои сохтори ҷаҳони моддӣ ва хосиятҳои он мепайвандад. Бар ин асос, боби аввали китоб, ки аз 32 саҳифа ва 15 фасли мазмунӣ иборат аст, масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии инсонро аз дидгоҳи хирад, ахлоқ ва таҷрибаи зиндагӣ ба риштаи таҳлил мекашад.

Мафҳумҳое чун хирад, адолат, покӣ, меҳнат, баробарӣ, шаъну шараф, рӯҳияи қаноатмандӣ, ваҳдат, хоҳиши некӣ ва ахлоқи олӣ, ки дар ин «исроҳатҳо» (қисмҳои ибратомӯзи китоб) зикр ёфтаанд, на танҳо масъалаҳои ахлоқии ҷудогона, балки қисмате аз системаи фалсафии Берунирo ташкил медиҳанд. Ба андешаи ӯ, меҳнат ва ҷидду ҷаҳд воситаи муҳими расидан ба камолот ва хирад аст ва танҳо тавассути кӯшиши муттасил инсон метавонад сазовори зиндагии маънавӣ гардад.

Инсонгароӣ ва ҳимояи арзишҳои умумибашарӣ дар ин асар бо устуворӣ зоҳир мешавад. Бар хилофи баъзе муосиронаш, ки ахлоқро бо аъмоли мазҳабӣ маҳдуд мекарданд, Берунӣ муносибати воқеан илмӣ ва фалсафӣ пеш мегирад. Ӯ ахлоқро чун тартиб ва низоми ботинии инсон дар иртибот бо ҷомеа ва табиат мебинад. Ҳамин равиш ба ӯ имкон медиҳад, ки масъалаҳои ахлоқиро бо таваҷҷуҳ ба қонунҳои табиат, рушди фарҳангӣ, таҷрибаи ҳаёт ва омӯзиши илмӣ дар алоқамандӣ дастраси умум гардонад.

Дар ҷаҳонибинии асримиёнагӣ ҳар гуна таълифот, хоса осори илмӣ ва ахлоқӣ, бо ҳамду ситоиши Худованди Беназир ва баёни низоми офариниш, замину осмон, ҳаёт ва шабу рӯз оғоз мегардид. Дар ҳамин замина, асари маъруфи Абурайҳони Берунӣ *«Маъданшиносӣ»* - низ дорои муқаддимаест, ки дар он на танҳо шукргузорӣ ба Худо, балки таърифу тавсифи ҳикмату қудрати Илоҳӣ ва рисолати Паёмбар (с) ҷой дода шудааст. Ин равиш, ки хоси фарҳанги китъаи исломии асрҳои миёна аст, муаллифонро водор месохт, ки фикру андешаҳои хешро бо оятҳо, ҳадисҳо ва пандҳои шахсиятҳои шинохтаи ислом тақвият бахшанд.

Он чӣ ки Беруниро аз муосиронаш фарқ мекунонад, ин равиши зираконаи ӯст ва мутафаккир бо истифода аз услуби ривоятӣ ва иқтибосҳои мазҳабӣ, идеяҳои ахлоқии хоси худро, ки аз фалсафаи гузаштаи мутафаккирон бармеоянд, таҳким мебахшад. Дар ин замина, ӯ пайваста тавассути далелҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои Паёмбар Муҳаммад (с) афкори ахлоқии хешро ифода мекунад, вале ҳамзамон ба тарзи возеҳ дар тафсири категорияҳои иҷтимоиву ахлоқӣ аз суханони шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла, халифаҳо ва донишмандон, ба вижа аз Умар ибни Хаттоб истифода мебарад. Чунин услуб ба Берунӣ имкон додааст, ки байни таълимоти ахлоқии динӣ ва муқаррароти таҷрибавии илмии хеш як тавозуни беназир барқарор намояд.

Мавқеи мутафаккир нисбат ба масоили ахлоқӣ танҳо дар қолаби таълимоти динӣ маҳдуд намешавад, балки ба таври васеъ ба масоили тарбияи ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ пайванд мехӯранд. Дар асар, ӯ мафҳумҳои ахлоқиро, ба монанди: неруи ақл ва арзиши он; лаззати маънавӣ ва таносуби он бо луқмаи ҷисмонӣ; қудрати ҳукумат ва масъулияти маънавии ҳоким; ҳасад, ки инсонро аз ростӣ дур мекунад; маломат ва бадбинӣ, ки пайванди инсонро бо ҷомеа мешикананд ва дигар мафҳумҳоро ба таври илмӣ ва ахлоқӣ ба таҳлил мегирад. Ҳар як ин мафҳумҳо бо мисолҳои таърихӣ, андешаҳои шахсиятҳои маъруф ва таҷрибаи шахсии муаллиф мустаҳкам карда шудаанд.

Дар таҳлили масъалаҳо, Берунӣ иртиботи қавии байни ахлоқ ва сиёсати адолатпарваронаро нишон медиҳад. Ӯ таъкиди ҷиддӣ бар хоксорӣ, қаноат, сабр, пешгирии зулм ва муомилаи хуби байни мардум дорад. Ба андешаи ӯ, наметавон ҷомеаи солим бунёд кард, агар инсони комил нахоҳад шудан. Ҳамин аст, ки хулосаҳои ахлоқии ӯ, ки зодаи таҷриба ва фаҳмиши фалсафии ҳаётанд, то имрӯз аҳаммияти бузурги таълимӣ ва тарбиявӣ доранд.

Берунӣ дар мавриди ахлоқи хонаводагӣ андешаҳояшро аз номи Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар, ҷияни халифа Алӣ ва Амир ибни Зариб ал-Адвонӣ, ҳакими тоисломии араб дар шакли таҳриру дастуроти ҳатмӣ хислатҳое, ки зан бояд дошта бошад ва дар назди шавҳар чи гуна рафтор кунад, баён

мекунад. Берунӣ аз номи занони араб ҳамон вожаҳо ва мулоҳизаҳоро чун тарбияи ахлоқии оила, вазифа ва масъулияти зан, нақш ва мавқеи ӯ дар ҷомеаи асримиёнагӣ аз рӯи ақида ва ҷаҳонбинии он замон, меъёрҳои пазируфташудаи он вақт, вобаста ба эътиқоди иҷтимоӣ ва динии ҷомеаи асримиёнагии исломӣ зикр мекунад. Берунӣ мисли дигар мутафаккирони Шарқи мусулмонӣ ноибии инсонро дар рӯи замин ва неъмати ақлро, ки инсоният бо он байни дигар махлуқоти офарида шуда, фарқ дорад, зикр намудааст.

Вақте ки инсон бо неъмати ақл дар миёни тамоми махлуқот иззату эҳтиром ва рисолати ба зиммааш гузошташуда гиромӣ шуд, пас, то ин ки неъмати ба даст овардаи ӯ мустаҳкам гардад, зеро дилхоҳ бо меҳнат ба даст меояд ва неъмат бо сарфи чизи гаронбаҳо, ду ҳиссиёти вай ҷудо шудааст: шунавоӣ ва биниш. Онҳо ҳамчун қадамҳо барои гузаштан аз дарки эҳсос ба хулосаҳо хизмат мекарданд. Биниш хидмат мекунад, ки аз осори ҳикмате, ки инсон дар офаридаҳо мебинад, обод кунад ва дар бораи офаридгор хулоса барорад. Дар мавриди шунавоӣ бошад, он барои шунидани каломи Худо, фармуда ва наҳйҳои ӯ, ба онҳо сахт пойбанд будан ва ба ин васила ба ӯ наздик шудан ва амнияти ҳақиқӣ ба даст овардан аст. Ва ҳамаи ин на аз ашроф ва на аз одами одӣ пинҳон нест. Ба ин далел мефаҳмонад, ки дониш бо ин ду ҳиссиёт ҳосил мешавад ва онро бо қалб мепайвандад, на бо майна, зеро ин назари маъруфи аксари мардум аст. Аллоҳи мутаъол фармудааст: «Шунавои, чашм ва қалб аз ин ҳама пурсида мешаванд» [81, с.17, о.38]. Мурувват ба души шахс танҳо нисбат ба худ, наздикони вай ва аҳволаш уҳдадориҳо мегузорад. Шуҷоат (футувват) аз ин болотар аст ва ба дигарон низ мерасад. Марди шариф ба ҷуз худ ва моли худ чизе надорад, ки дар ҳаққи он касе баҳс намекунад. Аммо чун қарзи дигаронро бар дӯш мегирад, ба хотири оромии онҳо ба душвориҳо таҳаммул мекунад ва он чиро, ки Худо ба ӯ додааст ва аз он чӣ дигарон маҳрум шудаанд, саховатмандона медиҳад, марди шуҷоъ аст, бо ин тавоноии худ ва машҳур аст бо хушмуомилагӣ, шафқат, устуворӣ, сабру тоқат, шаъну шараф, ҳамзамон хоксор аст; ба

мартабаи баланд ноил мегардад, гарчанде ки аз ҷиҳати асл ба ин гуна одамон тааллуқ надорад ва аз рӯи хизмат баланд мешавад, на бо қадимии оила. Одами оқил танҳо аз корҳои маънавӣ лаззат мебарад; беақл, ки арзиши аслии ашёҳои бо ҳиссиёт даркшаванда ва чи лаззат додани онҳоро намедонад, нигоҳашро ба ҷое равона мекунад, ки замин бо зебу зиннатҳои гуногун оро ёфтааст ва метавонад ҳатто ҳайвони безабонро шод гардонад, ки бо он вақтхуш аст ва лаззат мебарад, бӯи саховатмандии заминро нафас мекашад, ба ғайр аз мавҷудоти дорои неъмати сухан, ки қодиранд ба арзёбии моҳияти он.

Одами боақл он гоҳ лаззати маънавӣ эҳсос мекунад, ки ҳамаи инро бо нигоҳи ақлу заковат мебинад, он вақте ки бепарво танҳо лаззатҳои ҷисмонӣ мебинад. Ва азбаски ба ин, монанди ҳама чизи шабеҳ, танҳо як муддати кӯтоҳи вақт дода мешавад, пас аз гузаштани муҳлат парокандашавӣ ба амал меояд. Вақте ки онҳоро бо арзишҳои маънавӣ муқоиса мекунанд, он гоҳ шаъни ҳақиқии онҳо ошкор мегардад ва он чи, ки қаблан ситоиш мешуд, дар онҳо маҳкум мегардад. Лаззати ҳақиқӣ чизест, ки шахс соҳиби он мешавад ва хоҳишаш ҳамон қадар бештар мешавад. Ва чунин аст ҳолати рӯҳи инсон вақте ки чизеро омӯхтааст, ки қаблан намедонист. Ҷисм бар ҷон бартарӣ мегирад, пас аз хастагии саъю кӯшиш оромиро талаб мекунад ва онро аз коре, ки мекард, парешон мекунад, зеро ҳиссиёти лаззат номумкин аст, вақте ки ҳис аз фаъолият хаста мешавад ва дар хоб қувваи тахайюлот маҳдуд мешавад ба орзуҳо. Пас қутби он чи шоистаи ситоиш аст, мурувват аст ва меҳвари мурувват покӣ ва тозагӣ. Хушбахтии ӯ дар дӯсти самимии бо хислати шоёни таҳсин аст, ки тарзи зиндагии арзанда дорад. Онҳо, ки дар ҷон як ҳастанд, танҳо дар ҷисм фарқ мекунанд, мувофиқи мақол дар бораи дӯсти ҳақиқӣ: «Ӯ ту ҳаст, гарчанде ки ӯ ту нест». Ҳар яки онҳо аз он чизе, ки барои дӯсташ розӣ нест, дур мешавад ва ҳамон чизеро, ки барои худаш мехоҳад барои дусташ хоҳон аст. Чунин мешуморанд, ки шумораи ин гуна дӯстону ошноҳо танҳо як нафар аст; ин рақам аз худи аввал маҳдуд аст. Хоҳиши меҳрубонӣ ба ҳамон андоза меафзояд, ки мурувват. Ва хайрхоҳӣ дар

таманниёти некӣ аст ба кулли мардум ва, хусусан, ба хешу табор дар ҳолати нотавонӣ бо орзуи нек ва агар имкон бошад бо амале. Он чизе, ки ба инсон наздиктар аст, нафси худи ӯст ва шоистатар аз ҳама он аст, ки нахуст барои вай дар ҷустуҷӯи хайр боши ва пас аз он чизе, ки уро иҳота мекунад. Наздиктарин чиз либос аст, ки ба баданаш мерасад ва ба пӯсташ часпидааст. Асоси покизагӣ дар миёни мардум оби тоҳир (пок) аст, ки бӯи он нафаси ҳаворо сер мекунад ва маззаи худи зиндагӣ мебахшад. Ва ҳеҷ чиз шуморо аз он наҷосат, ки намуди зоҳирӣ, ё бӯи нафратовар доранд, беҳтар аз об, ё чизе, ки ба он монанд аст, пок намекунад. Умар ибни Хаттоб (р)-ро вақте ки пурсиданд, ки мурувват чист, ҷавоб дод: «Он тозагии либос аст» [12, с.45].

Як нафари дигар низ ба ин монанд гуфт: «Муруввати ошкоро дар либоси тоза аст». Ҳар кӣ дар бораи тозагии либос ғамхорӣ мекунад, аз баданаш оғоз мекунад ва назорат мекунад аз дарун бо чирк ва наҷисҳои бадан ифлос накунад ва он гоҳ хонаву маҷлисро низ ба ӯҳда мегирад, то олуда ва чанг накунад аз берун. Ҳадафи умумӣ тавассути либос ба даст меояд. Дар мавриди дарки категорияҳои футувват ва мурувват низ ҳамин гуна андешаҳоро яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти асри XV-и тоҷику форс Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ баён кардааст [77, с.27].

Дар мавриди зоҳири нафс ба маънии ахлоқ ва тарзи зиндагӣ, шахсе, ки бар ҳавасҳои худ қудрат дорад, қодир аст, ки ҷанбаҳои манфиро ба ҳамида табдил диҳад, мувофиқи он ки ӯ нафсро чи гуна тарбия мекунад, онро бо шифои руҳонӣ табобат кунад ва тадриҷан бемориҳояшро ба шеваҳои дар китобҳои ахлоқӣ зикршуда дафъ созад. Бо дарназардошти он ки ба тозагии либос ҷои баланд дода мешавад, тозагии либосу шиму курта покии рӯҳу дилро ифода мекунад. Яке аз муфассирони Қуръон марбут ба ин масъала гуфтааст: «Ва либосатро пок кун» [81, с.74, о.4]. Ки маънояш: «Дили шумо ва андешаҳои шумо». Дин моро ба адолат, баробарҳуқуқӣ, бархурди худ ба беадолатӣ, инчунин, ёрӣ расондан ба мазлумонро вазифадор мекунад. Аз ин дуртар таърифи дигари он аст: Пинҳонӣ накардан кореро, ки ошкоро кардан шармовар аст. Танҳо аз тарси Оллоҳи мутаъол дар оянда ва ҳоло тарси

Султон онҳоро боздоранд. Дар он ҷое, ки Султон суст аст, фармонаш қуввае надорад ва он ҷое ки ба ваъда ва таҳдиди худ вафо накунад, дар зери ҳукмронии ӯ тартиботи хубе вуҷуд нахоҳад дошт. Ва ҳар кадоме аз онҳо (раъиятҳо) мепиндоранд, ки худаш ҳам ҳамчун Султон аст ва дар мулку шоҳи ҳаққи бештар дорад. «Мардум ҳама фарзандони як падаранд ва дар симои худ ба ҳам монанданд, вале аз рақобат бо ҳамдигар ва ҳасад озод нестанд. Ин дар ғаризаҳои онҳо бо тафовути омехтагӣ, хислатҳо, хосиятҳои табии ва он чизе, ки дар он аз шайтони лаънатӣ иборат аст, аз замони ду фарзанди Одам, ки ҳар кадоме қурбонӣ карданд ва яке аз онҳо қабул шуд ва дигаре рад шуд [12, с.26-27].

Аз муҳтавои осор ва афкори фалсафии Берунӣ, маълум мешавад, ки ӯ сарчашмаи фазилатҳои ахлоқиро дар муқобилиятҳои оштинопазири байни ақл ва хоҳиш, шавқу ҳавас ва лаззат мебинад.

Аҳаммияти осори Берунӣ ва вазифаҳои ахлоқиро муайян намуда, дар маҷмуъ чунин гуфтан мумкин аст, ки аз ҷиҳати назарияҳои ибтидоии худ, услуб ва баёни онҳо дар осори Берунӣ ҳамто надоранд «аз ҷиҳати ҳақиқат ва поквиҷдонӣ дар таҳқиқоти илмӣ, давомдиҳандагони кори вай, ё тақлидкунандагони ӯ ёфт нашуд» [11, с.50].

Абурайҳони Берунӣ кушиш мекунад, ки хусусиятҳои гуногуни рӯҳи инсон ва мавқеи баланди онро дар ҳаёти инсон таҳқиқ намояд. Ӯ дар ин бора чунин далел меорад: «Баъзе одамон мегӯянд, ки нафс амалҳоро ба вуҷуд меорад ва материя мурдааст ва Худо... онҳоро муттаҳид месозад ва ҷудо мекунад, бинобар ин, ӯ амалро иҷро мекунад... Дигарон мегӯянд, ки иттиҳоди амал ва амалкунанда табиатан ба вуҷуд меояд... Гуруҳи дигаре мегӯянд, ки иҷрокунанда вақт аст. Ҳамаи ин фикрҳо аз ҳақиқат дуранд. Ҳақиқат ин аст, ки амал комилан ба материя тааллуқ дорад... Чун нафс аз қудратҳои гуногун маҳрум аст, вай иҷрокунанда нест» [11, с.28].

Берунӣ дар ҷои дигар суханони мутақаддами бузурги худ Розиро овардааст: «Беҳтарин ва муътамадтарин роҳи ҳалли ҳадаф, ки масъалаи китоби мост, аз нобуд кардани ормонҳои нафс ва рӯ ба рӯ шудан бо чизест,

ки дар бисёр мавридҳо ба худ ҷалб мекунад, хоҳиш ва саъю кӯшиши одам" [104, с.19]. Мехоҳад мутмаин бошад, ки гуфтаҳои ӯ то андозае барои пешгирӣ аз бадбинии инсонӣ ва тақвияти ахлоқи нек мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, Берунӣ бо далелу эътиқодаш мехост, ки иллату бемориҳои инсонро дармон кунад ва бо кумаки тарбияи ахлоқии худ сидқан кушиши беҳбудии хислат ва ахлоқи инсониро намуд.

Абурайҳони Берунӣ дар таҳлили руҳи инсон ва ақидаҳои ахлоқии худ, ҷойгоҳи ақлро чун унсури марказии инсоншиносӣ таъкид мекунад. Ба андешаи ӯ, маҳз ақл он неруест, ки инсонро аз ҳайвонот фарқ мекунад ва ӯро ба мартабаи баланди инсонӣ мерасонад. Мутафаккир ақлро неъмати азим ва ҳадяи Илоҳӣ медонад, ки ба воситаи он башар имкони дарки ҷаҳон, фаҳмиши қонунҳои табиат, офариниш ва шинохти арзишҳои маънавӣ ва ахлоқиро пайдо мекунад.

Берунӣ мегӯяд, ки насли инсон аз ҳамаи дигар мавҷудот бартарӣ дорад, зеро қудрати ақл ба ӯ ато шудааст ва маҳз ҳамин шарофати ақл ӯро сазовори мақоми намоёни ноибии Илоҳӣ гардонида, масъулияти беҳсозии ҳаёт ва танзими низомро бар дӯшаш гузоштааст. Инсон бо ақл тавонистааст саноат, илм, тиб, фанноварӣ ва дигар соҳаҳои муҳими зиндагиро эҷод ва рушд диҳад. Ҳар он чи ки башар имрӯз аз он баҳра мебарад, аз кашфиётҳои осмонӣ то дарки падидаҳои мураккаби табиат маҳз бо кумаки қудрати ақл имконпазир шудааст.

Ба назари Берунӣ, ақл на танҳо василаи донишандӯзист, балки меъёри арзёбии неку бад, ҳаққу ноҳақ ва росту дурӯғ низ мебошад. Маҳз тавассути ақл инсон метавонад на танҳо ҳақиқатро биҷӯяд, балки дар амал ба он пайравӣ кунад. Аз ин рӯ, файласуф ақлро дар маркази афкори фалсафи-ахлоқии худ қарор дода, онро василаи муҳими расидан ба камолоти маънавӣ ва иҷтимоӣ медонад. Тибқи фаҳмиши ӯ, ақл дар табиати инсон реша дошта, омили асосии шинохт, муқаррарсозии қонун ва ахлоқ, ташкилдиҳандаи низоми иҷтимоӣ ва роҳнамо ба тараққиёти ҷомеа маҳсуб мешавад.

Мо бо ақли худ шакли Замин ва Коинот, бузургии Офтоб, Моҳ ва дигар сайёраҳо, фосилаи то ба онҳо ва (доираи) ҳаракати онҳоро медонем. «Руҳ, агар ба ақл комил набошад, ҳар он чиро, ки бояд донад, фаро намегирад ба таври комил ва дарҳол, бидуни сарфи вақт дарк намекунад ва маҷбур аст, ки мавҷудоти ҷудогонаро кашф кунад ва тамоми имконоти ҳастиро таҷриба кунад; гарчанде ки шумораи онҳо беохир нест, аммо шумораи маҳдуди онҳо хеле зиёд аст ва рӯҳро барои таҳқиқи ин гуногунрангӣ, миқдори хеле назарраси вақт лозим аст» [11, с.88].

Дар афкори ахлоқии Берунӣ, умуман, чун дар ҷаҳонбинии Арасту ва машшоия (перипатетизм) - и Шарқ, аз қабили Ал-Киндӣ, Форобӣ, Розӣ, Сино, Насириддини Тусӣ, Давонӣ ва ғайра мафҳумҳои «ақл» ва «ақлгароӣ» (ратсионализм) мавқеи махсусро ишғол намуда, мазмуни муҳим доранд. Аз иқтибосҳои дар боло овардашуда, Берунӣ як мантиқшинос ва ақлгаро хеле хуб будааст. Берунӣ фаромуш намекунад, ки инсон офаридаи Худост, вале ҳамеша ба нақши хирад баҳои баланд дода, бартарии инсонро нисбат ба дигар офаридаҳои Худованди Мутаъол таъкид мекунад, дар бораи хирад, зарурати андӯхтани дониш ва рушди тафаккур менависад. Вай ақидаеро, ки хирад офариниши Худо ва натиҷаи фаъолияти инсон аст, қатъиян дифоъ мекунад. Ҳамин тавр, одам маҳз бо ёрии ақл моҳияти ашё ва ҳодисаҳоро мефаҳмад.

Берунӣ, ба хубӣ дарк карда буд, ки асбоби асосии дониш ақл аст ва бо ёрии он ҷаҳонбинии илмӣ дар чорчӯби ақлшиносию материалистӣ ташаккул меёбад. Инсон маҳз ба шарофати заковат ва хирадмандиаш болотар аз офаридаҳои дигар меистад ва бевафоии дониши ҳассосиро дарк мекунад. Одам бо тафаккури мантиқии худ ба донишҳои нав (куллаҳои ҳақиқат) меравад.

Агар ақл намебуд, аҳволи мо аз ҳайвону кудакон ва девонагон фарқ намекард, мо ба воситаи хирад амалҳои оқилонаи худро анҷом медиҳем, пеш аз зуҳури эҳсосот, мо гӯё онҳоро ҳамчун эҳсос мебинем, ва, сипас, нақшҳоро бо амали ҳиссӣ инъикос мекунем ва охир онҳо чи хеле ки мо фикр кардаем,

мувофиқи инъикоси он пайдо мешаванд. Ин аст эътиқоди бузурги Берунӣ ба зеҳни инсон ва хулосаи он, ки ақл воқеан чизест, ки инсонро бузург мекунад. Берунӣ дар идомаи ақидаҳои худ мӯътақид аст, ки ақл ҳамеша сарвар аст, на тобеъ, мо бояд дар ҳама амал ба он рӯ оварем. Модоме, ки қудрату шаъну эътибор, аҳаммият ва бузургии хирад чунин аст, мо бояд онро дар чунин мақоми баланд гузорем ва нигоҳ дорем ва дараҷаи аҳаммияти онро кам накунем ва ба ҳар ваҷҳ қозии айбдоркунии он нашавем. Мо набояд ӯро дар ҷилав нигоҳ дорем. Мақсади Берунӣ таҳияи таълимот, усулҳо ва назарияҳои махсуси ақлгароёна буд, ки вай онро на танҳо дар назарияи дониш (гносеология), балки дар ҳасти (онтология) ҳам ҷустуҷӯ мекард. Ба андешаи ӯ, хирад ибтидои мавҷудият ва офариниши ҷаҳон буд ва ин бесабаб набуд. Берунӣ фаҳмид, ки зуҳури ислом худ аз худ маънои ба вуҷуд омадани шакли нави ақлии дониш ва шинохтро дорад, ки муқобили буддоия ва бисёрхудои баромад. Ҳамаи ин донишҳои нави илоҳиётшиносӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва дигар донишҳо, ки ба забони нави динӣ оварда шуда буд, ба ақидаи пайравони ислом аз они Худованд, соҳиби донишҳои ибтидоӣ ва бепоён буд. Берунӣ бошад, чунин ҳақиқати бепоёну ибтидоиро дар хирад дида, онро мепарастид. Ӯ хирадро дар сари тамоми ҳаёт ва рафтори инсон мегузорад, вазифаҳои ақли ахлоқиро асоснок мекунад ва дар доираи ҷараёни мубоҳисаи мантиқӣ ақлу хирадро бо қувваи дигар - нафс, ки пайваста бар зидди ақл амал карда, ба он итоат намекунад, муқобил мегузорад. Берунӣ таъкид мекунад, ки агар мо хоҳем дониши хуб ва меъёрҳои рафторро ба даст орем, бояд нафсро ба ақли худ тобеъ гардонем ва ба ин васила онро тарбия кунем.

«Вақте ки ақлҳо ба кумак ниёз доранд ва рӯҳҳо дар ҷустуҷуӣ дастгирӣ, пас, ман бояд ҳама чизро аз кашфиёти нав дар ин соҳа, ё анҷоми кори норавшан, ки ба хотир меояд, баён кунам, то кори маро гузаронад печида, дар либосҳои воқеан зебои ба даст овардашуда ва ба воситаи илтифот ба ӯ, зебоии ҷовидонӣ ва доимӣ. - Охир, вай дорои бузургии ахлоқ гардида ва тафовутро ҳам дар шоистагии нисбӣ ва ҳам дар мутлақ мегирад» [5, с.81].

Анҷоми бархурди ақлу хоҳиши нафс, ба ақидаи Берунӣ, танҳо ҳамон вақт хоҳад расид, ки инсон бо ёрии ақли худ илми ҳақиқии камолоти комилро дарк мекунад ва маънии ботинии худро мефаҳмад ва хислатҳои асосии худро аз намуди зоҳирии худ дарк мекунад. Чи хеле ки Берунӣ тасдиқ мекунад, хислатҳои асосии ботинӣ ва зоҳирии инсон аз ҳамин гуна унсурҳо иборат аст, ки бадани ӯро ташкил медиҳанд ва ҳар кадоме ба таври худ онро ҳифз мекунад ва дар ҷамъият ба зиндагӣ ёрӣ мерасонад. Баъзе аз ин унсурҳо дар ҳаёти инсон аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, нестшавии онҳо ба марги инсон шароит муҳаё мекунад. Баъзеи дигар бо марги инсон намемиранд, баръакс марг онҳоро ба вазифаҳои аслии худ мебарад, ба ибораи дигар, зоҳир бо ботин омехта шуда, боиси аз байн рафтани эҳсос ва дарк мегардад.

Ҳузури рӯҳу ақл дар инсон табиати дугонаи ӯро баён мекунад ва ҳамзамон ақлу рӯҳи ӯ дар ихтилоф ва бархурди доимӣ қарор дорад. Нафси ҳайвонӣ ва наботии инсон ҳамеша дар муқобили нафси ақлӣ қарор дошта, нофармонӣ, худхоҳӣ, кибр ва такаббур, мансабпарастӣ, тамаъкорӣ ва дигар хислатҳои нопокро ба вуҷуд меоранд, ки дар навбати худ сабаби ҳама дигар амалҳои паст мебошад.

Ҳамаи ин хислатҳои феълии дар боло зикршуда, ба ақидаи мутафаккир оҳиста-оҳиста одамро аз роҳи ҳақиқӣ дур мекунанд. Дар натиҷа одам ба содир кардан ва эҷод кардани бадкориҳои гуногун шурӯъ мекунад ва дар охир ба ҳайвон табдил меёбад.

Берунӣ бар ин аст, ки агар ба хоҳиши нафси худ пайравӣ кунӣ, ин баъдан боиси пушаймонӣ мешавад ва касе, ки нафси худро идора карда метавонад, ором ва хушҳол зиндагӣ мекунад, «Наҷоти ҳифзи рӯҳро биҷӯй аз худи рӯҳ, зеро ки вай душман аст, агар ба ҳавасҳо машғул бошад ва дӯсти беҳтарин аст, агар покдоман бошад» [11, с.106-107].

Бо ёрии ақл рӯҳи саркашро дар зери назорат нигоҳ доштан мумкин аст, аммо онро комилан мутеъ кардан хеле душвор аст. Бо мурури замон ин боиси зиндагии хубу пуршараф мегардад.

Ғаму андӯҳ, лаззат ва хушҳолӣ, шодиву беҳбудӣ аз манъи нафс, ба ақидаи Берунӣ, дар охир пайдо мешаванд, аммо дар аввал ғаму азобро мебинанд. «Зеро ҳар он чизе, ки аз талаботи зарурии ғизо ва либос берун аст, инчунин, сарчашмаи лаззат аст, ки дар асл манбаи ранҷу азобҳои пинҳони аст. Ба онҳо ором шудан мумкин нест, зеро ин боиси азоби сахттарин мегардад. Лаззат насиби касе хоҳад буд, ки ду душмани тоқатфарсоро, яъне шавқу ғазаб дар назар аст, дар давоми умраш, вале на пеш аз маргаш ; оне, ки ба оромии ботинӣ, на берунӣ ноил мегардад ва аз ҳиссиёти худ раҳоӣ ёбад» [11, с.108].

Ғалаба бар ҳавасҳо, рафъи душвориҳо дар парҳез аз хоҳишҳои гуногун мувофиқи эътиқоди ахлоқии мутафаккир тадриҷан ба одати инсонӣ табдил меёбад. Ва ҳамин тавр рӯҳ ба чунин роҳбарӣ аз ҷониби одам одат мекунад.

Ба ақидаи Абурайҳони Берунӣ метавон итоат ба ақлро таъмин кард ва ин корро метавон чунин роҳандозӣ намуд:

1) Аз аввал нафсро аз даст задан ба ҳавову ҳавасҳои майда ва сода манъ кардан лозим аст;

2) Баъд аз он бояд аз талош барои он чизҳое, ки ба ақлу тафаккур таъсири манфӣ мерасонад, манъ карда шавад ва, сипас, ба мубориза бо чизҳои муҳимтар ҳаракат кунад. Ҳамаи ин мамнуъият ҷилавгирӣ аз ҳолати дилчаспонаи рӯҳӣ мешаванд.

Бо ин тартиб нафси ҳайвони ва наботи ба рӯҳи оқил итоат мекунанд ва оҳиста-оҳиста ба як одат табдил меёбад. Дар ниҳоят, рӯҳ ба ҳолати афсурдагӣ меафтад ва инсон он вақт метавонад ба осонӣ аз одатҳои бад ва чизҳои ҷолиб халос шавад, ки дар натиҷа хоҳиш ва ҳавасҳо ба ақл итоат мекунанд.

Бинобар ин метавон гуфт, ки Абурайҳони Берунӣ вазифаҳои ахлоқиро чунин медонад:

1. Боздошт, тарбия ва ислоҳи нафси саркаш.

2. Истифодаи мунтазами таълиму тарбия.

3. Роҳҳои такмили нафси ақлиро ноил шудан, рӯҳҳои наботиву ҳайвониро ба он тобеъ кардан.

4. Ҳамеша ҳавасҳои нафси саркашро ҷилавгирӣ кардан.

5. Нафсро дар ҳама ҷо ва дар ҳама чиз ба ақл тобеъ кардан.

6. Ҳама одат ва рафторҳои номатлубро ба сӯи беҳтар тағйир додан.

7. Дар ҳама кор барои муқаррар намудани меъёрҳои наҷиби рафтори инсонӣ саҳм гузоштан.

8. Ҳадафи одамоне, ки нафси худро ба ақл тобеъ карда метавонанд.

Бинобар ин, ақидаи Берунӣ ин аст, ки ӯ вазифаҳои асосии илми ахлоқро дар тарбияи дурусти руҳи насли наврас медонист. Танҳо дар сурати тарбияи нафс ва тобеияти он ба ақл, мардум метавонанд ба ахлоқи нек ноил шаванд ва он гоҳ фазилат, инсоф, адолат, покиву покдоманӣ, ҳақиқат ва ҳақиқатдӯстӣ, мардонагӣ ва наҷибият дар ҷомеъа ғолиб хоҳад шуд.

Сохти маъмурию фармонфармоие, ки дар давраи ҳокимияти Советӣ, аз ҷумла, дар ҷумҳурии мо вуҷуд дошт, боиси ба вуҷуд омадани чунин ғояи беназире гардид, ки танҳо шуури шаҳрвандии советиро тарбия мекард, «тозагии» синфӣ ваъда медод, тақдири интихобкунандагони таърихиро пешгуӣ мекард, ба инкори тамоми ғояҳои ҷамъиятӣ нигаронида шуда буд, ҳатто ба онҳое, ки бо таърихи ахлоқ ва расму оини ҳар як миллат алоқаманд буданд.

Истиқлолияти давлатии сиёсӣ ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он мусоидат кард, ки дар он ҳама тафаккури танги ғоявӣ фаъолона бартараф карда шаванд. Мардуми тоҷик бо мурури замон ба дастовардҳои маънавии умумибашарӣ ва таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҷаҳонбинӣ ва фарҳангҳои дигар таваҷҷуҳ кард. Ин таваҷҷуҳ ва таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҷаҳонбинӣ ва фарҳангҳои дигар, ба одамон таъсири мусбат ва ҳамзамон таъсири манфӣ низ расонидааст.

Тағйироти демократӣ дар Тоҷикистони пасошуравӣ ҳамчун хоҳиши хотима додан ба тасаввуроти иҷтимоӣ дар мафҳумҳое фаҳмида мешавад, ки кайҳо боз дар зеҳни бисёре аз файласуфон, сиёсатшиносон, муаррихон ва, ҳамчунин, раҳбарони сатҳҳои мухталифи ҷомеа ҷой доранд. Тафсири нави иҷтимоию фалсафӣ ва ахлоқии воқеияти Тоҷикистон маҳз дар он ифода ёфтааст, ки дар назарияи иҷтимоии он дурнамои умумии таърихӣ дар мафҳумҳои арзишӣ, аз нигоҳи ахлоқ шарҳ дода шудааст.

Дар солҳои аввали баъд аз Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр дар соли 1917 бисёр одамон боварӣ доштанд, ки ҷамъияти нав тамоман бе ахлоқ мебарояд. Солҳоии 30-50-уми асри XX ахлоқ мувофиқи нуқтаи назар ва меъёрҳои ҳизби Коммунистӣ ва ба мақсади сиёсӣ ва талаботи амалии давлати Советӣ муайян карда шуд. Дар солҳои 60-70-уми ҳамин аср ахлоқ ҳамчун соҳаи нисбатан мустақили ҳаёти ҷамъиятӣ ва падидаи маънавӣ ба ҳисоб мерафт, ки бо манфиатҳои иқтисодӣ ва мақсадҳои синфии меҳнаткашон пешакӣ муайян карда шуда буд.

Ҳамбастагии ахлоқии ҷомеа метавонад тағйир ёбад, ё тағйир дода шавад. Маҳз ҳамин дигаргуниест, ки мо дар айни замон аз сар мегузаронем. Ҳоло дар ҷомеаи тоҷик бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар соҳаҳои сиёсат, илм, иқтисод ва фарҳанг камбудиҳои ахлоқӣ, аз ҷумла, қаллобӣ, худхоҳӣ, бахилӣ, мумсикӣ, тамаъкорӣ, фиребгарӣ, беадолатӣ, маҳалгароӣ, мансабпарастӣ, хушомадгӯӣ ва ғ. ҷой доранд. Хусусан, дар байни ҷавонон ахлоқ паст шудааст, инро дар кӯча, мактаб, донишкада ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ дидан мумкин аст. Рафтори ғайриахлоқӣ дар байни мансабдорони баландпоя низ мушоҳида мешавад. Одоби муносибатҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, чи дар байни калонсолон ва чи дар байни ҷавонон бад шудааст. Дар ибтидои истиқлолият (солҳои 90) ҳатто баъзе унсурҳои миллатгароӣ пайдо шуданд. Ин ҳама камбудиҳо метавонад боиси ақиб мондани ҷомеаи Тоҷикистон гардад. Раиси ҷумҳури Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ин мушкилот дахл карда, гуфтанд: «Барои расидан ба ҳадафҳои олии мардуми тоҷик, пеш аз ҳама, мо бояд аз буҳрони маънавию ахлоқӣ раҳо шавем. Истифодаи осори ахлоқии

мутафаккирони пешин дар ҳалли ин масъала аҳаммияти муҳим дорад» [100, с.110].

Сохторҳои илмии фалсафӣ ва ахлоқии гузаштаи ғании мо дар қисмати меъёрии худ, пеш аз ҳама, бо он тавсиф мешаванд (ва аз ҳамдигар фарқ мекунанд), ки чӣ гуна барномаҳо ва усулҳои баргардонидани ахлоқро аз осмон ба шуури ҷамъиятии заминиён, ба амалияи мавҷудияти инсон чӣ гуна барномарезӣ кардаанд.

Одоби машшоияи (перипатетики) Шарқ, ахлоқи тасаввуф, ахлоқи калом, ахлоқи намояндагони аҳли «Ихвон-ус-сафо», ва инчунин, ахлоқи мутафаккирони асрҳои X-XI тоҷик, аз ҷумла Абу Райҳони Берунӣ ба як савол ҷавобҳои гуногун доштанд, ки чӣ тавр фарди кутоҳандеш дар ҳоли саҳлангор ва фард боқӣ мемонад, метавонад худро ба вуҷуди авлодӣ кушояд, ба як ҳолати комил ва матлуб баланд шавад, ки дар он некӣ ва ахлоқи ҳамида муттаҳид мешавад. Ҳар як низоми бузурги ахлоқии халқи тоҷикро, ки беҳтарин намояндагони он ба вуҷуд овардааст, роҳи бахту саодатро пешниҳод кардааст: ба воситаи дониш, ба воситаи покии ният, ахлоқи неку, заковати баланд ва амсол ба инҳо.

Бо вуҷуди ин, ахлоқ ҳамеша даъват карда мешуд, ки намунаи назариявие пешниҳод кунад, ки фарқи бунёдии байни эҳтиёткории амалӣ ва ҳавасмандии ахлоқиро фароҳам орад.

Бо вуҷуди амали нашудан, маҳдудиятҳои илмӣ ва камбудиҳои зиёди дигар, низоми ахлоқии Абурайҳони Берунӣ ба мо ҷанбаҳои мусбати зиёде медиҳад, ки дар шароити кунунии ҷомеъаи тоҷик басо мувофиқанд, гарчанде ки ин низоми ахлоқӣ ба амалияи сиёсии замони Берунӣ мувофиқат мекард, ба он нигоҳ накарда, тамоми назарияҳои онро дар ҳаёти имруза истифода бурдан аз манфиат холи нест.

Берунӣ дар бораи камбудиҳои рафтори одамони гуногун ва роҳҳои ислоҳи онҳо дар мероси ахлоқии худ мисолҳои зиёде овардааст, ки дар ҳаёти муосир қобили қабул аст. Масалан: Мағрурӣ ва ҳавобаландӣ аз сифатҳои манфии мардум, бахусус, мансабдорон аст. Берунӣ дар «Мо-лил-ҳинд» ба ин аҳаммияти

калон дода, чунин мегуяд: «Тарзи ҳукумати аввалин подшоҳони форсӣ ба ин матлаб гувоҳии равшан медиҳанд. Воқеан, онҳо низомномаҳои қавӣ доштанд, ки на аз тариқи хизматҳои расмӣ ва на бо ришва поймол кардан мумкин нест, аз ин рӯ, Ардашер писари Бобак ҳангоми барқарор кардани давлати Форс табақаҳоро барқарор кард...» [11, с.123].

Дар ҳама муносибатҳои иҷтимоӣ унсурҳои тамаъ, бухлу кина ва хушодмагӯию мансабхоҳи ва дигар хислатҳои пасти ба инҳо монанд дида мешаванд. Мутафаккир дар асарҳои худ ин падидаҳои номатлубро дар байни тамаъкорон, ки беохир молу мулк, сарватро барои ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва эҳтиёҷоти оянда бо амри нафс ҷамъ карда, захира мекунанд, фош менамояд. Берунӣ таъкид мекунад, ки ин гуна хосиятҳои нафсро бояд ислоҳ кард, нагузорад, ки нафс бар он ғолиб шавад, зеро бахилӣ ва тамаъ, хислатҳоеанд, ки нафсро дар имрӯз  хор мекунанд ва дар оянда заъиф, ва инсонро ба аъмолҳои зишт мебаранд. Андӯхтани амвол баъдан бахилро ба бадбахтӣ, кашмакаши, ҷанҷол ва фалокат мебаранд. «... Дили мардум аз ишқ ба филизҳо (тиллову нукра) пур шуд ва ҷонҳо ба сӯи онҳо майл карданд, айнан ба мисли ҳарду, ки даст ба даст иваз шуда мегузаранд. Ва шавқу ҳаваси ҷамъ кардану афзун гардондани онҳо авҷ гирифт, шаъну шараф ва мавқеи дурахшонашон афзуд. ... ҳар дуи онҳо сангҳое ҳастанд, ки табиатан қодир нестанд, ки сер кунанд ва ё ташнагиро шикананд, ё хушунатро дафъ кунанд ва ё аз бадӣ муҳофизат кунанд» [12, с.13].

Дар осори Берунӣ ба категорияи ахлоқии ҳасад низ дахл шудааст, ки муҳим мебошад. Ҳасад нафратовартарин зуҳуроти хислатҳои табиати инсонист, ки дар якҷоягӣ бо бухл ва тамаъ дар нафс ба вуҷуд меояд. Мутафаккир дар бораи зарари ҳасад чунин фикр баён мекунад: агар ба он зиён ва макр зам кунед, кинаю адоват пайдо мешавад. Мутафаккир иддао дорад, ки ҳасад вақте ки сухан аз қудрат ва соҳиб шудан ба мақом меравад, боиси хусумат миёни хешу табор, дустон ва ёрон мегардад, ҳарчанд дар ин ҳолат ҳасад нисбат ба каси дигар метавонад хеле камтар бошад. Ба далели худпарастии калон, – ба ақидаи Берунӣ, – ҳар яки онҳо мехоҳад, ки худаш ин вазифаро ишғол кунад. «Ва касе,

ки ба аҳдномаи иттифоқ ба ту содиқ мемонад, ба ту ҳасад мебарад, ки ту ғайр аз ӯ ин корро кардаӣ. Ва ҳангоми аз як қабила ба қабилаи дигар гузаронидани ҳокимият, туро ҷангҳои дуру дароз ногузир аст, ки боиси хашми ту мегардад ва ман сабабгори он хоҳам шуд. Ва он гоҳ ту ба ман бо чашмони нафрат ва кина менигарӣ, ва коре, ки кардаӣ, пушаймонӣ ва ғам меорад» [12, с.26].

Дар ҳама ҷомеаҳо як рафтори манфии одамон дида мешавад, ки он мансабпарастист. Абурайҳони Берунӣ дар асарҳои худ сабабҳои мансабпарастиро шарҳ дода, мансабпарастон ва оқибатҳои онро сахт маҳкум мекунад. Дар аввал бо расидан ба дараҷаи муайян шодӣ мекунанд, вале тадриҷан ин шодӣ кам мешавад, ба ғаму андӯҳ фурӯ меафтанд ва ба ҳолати бадтар аз аввала мерасанд, ин аз он сабаб мешавад, ки ин гуна одамон ҳамеша бо тамоми дилу ҷон дар бораи мансаб ва мақоми баланд фикр мекунанд. «Мардум ҳама фарзандони як падаранд ва аз рӯи хосият ба ҳамдигар шабоҳат доранд, вале аз рақобат бо ҳамдигар ва ҳасад озод нестанд. Ин дар ғаризаи онҳо аз тафовути омехтаҳо, хислат, хосиятҳои табиӣ ... ҷобаҷо шудааст» [12, с.26].

Яке аз падидаҳои равонии шахс ва паҳлӯҳои манфӣ хашм ба ҳисоб меравад. Ин яке аз категорияҳои манфии ахлоқ дар майдони назари ақидаҳои ахлоқии Берунӣ мебошад. Ин барои одам ғайри табиист ва хашми аз ҳад зиёд одамро аз ақл дур карда, анқариб ба девона табдил медиҳад. «Шохаҳои бадӣ бо вуҷуди шумораи зиёдашон ба тамаъ, хашм ва ҷоҳилӣ мебаранд ва агар решаҳо бурида шаванд, онгоҳ шохаҳо хушк мешаванд. ... ҳавас ва хашм, ду душмани пурқувват ва харобиовари инсонанд, ки ӯро бо лаззати ғизо ва қаноатмандии интиқом ба васваса меандозанд, дар ҳоле ки эҳтимоли зиёд ӯро ба ранҷу гуноҳ меоранд» [11, с.104].

Ҳарчанд Абурайҳони Берунӣ дар низоми ахлоқии худ нақши марказиро ба хирад ва инсонпарварӣ бахшидааст, дар баробари ин ҷиҳатҳои мусбати зикршуда, дар таълимоти ахлоқии ӯ баъзе муболиғаҳои назаррас низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, мутафаккир то ҳадде ба қудрати ахлоқӣ ҳамчун воситаи поксозии шахсият ва ислоҳи ҷомеа бовар дорад ва онро

воситаи асосии дигаргунсозии ахлоқи иҷтимоӣ мешуморад. Чунин эътиқод ба имкони худодод ва мутлақи таъсиргузории ахлоқ, дар муҳити мураккаби иҷтимоиву сиёсӣ, то ҷое содалавҳона ва хаёлпарастона ба назар мерасад.

Берунӣ бар ин ақида аст, ки бадрафтории инсон бештар натиҷаи надонистани меъёрҳои ахлоқӣ мебошад. Вай умедвор аст, ки тавассути ғолиб омадани донишу фарҳанг ва илму маърифат, инсон метавонад роҳи дурустро интихоб намояд ва ахлоқи худро ислоҳ кунад. Бо вуҷуди он ки чунин назариёт ҳамчун шиори тарбиявӣ ва манбаи илҳом метавонад таъсири мусбат расонад, дар воқеияти муосир чунин бардошт то андозае ба содагии фалсафӣ майл дорад, зеро, таҷриба нишон медиҳад, ки рафторҳои номатлуби инсон на танҳо аз камбудии дониш, балки аз ангезаҳои ирода, манфиат, муҳити иҷтимоӣ ва сохторҳои қудратӣ низ сарчашма мегиранд.

Бо вуҷуди ин, низоми ахлоқии Берунӣ дорои аҳаммияти таърихӣ ва методологӣ мебошад. Он дорои нерӯи танқидии иҷтимоиест, ки метавонад доираи муайяни шахсонро ба худ ҷалб намояд ва ба онҳо ангезаи маънавӣ бахшад. Аз ин рӯ, баҳогузории афкори ахлоқии ӯ бояд бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, фароҳаммияти иҷтимоӣ ва сатҳи шуури оммаи он давра сурат гирад.

Ҳарчанд маълум аст, ки рушди ҷомеаи демократӣ дар замони муосир аз рушди даврони қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад, бахусус, аз асрҳои миёна, ки насиҳатгарони мо он замон зиндагӣ мекарданд, вале бо вуҷуди ин дар давлати миллӣ, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори худро пурра амалӣ кардан мумкин аст, вале шояд дар айни замон бояд ба зиндатарин унсурҳои гузашта такя кунад.

Яке аз унсурҳои замони гузашта, ки мо интихоб мекунем, таҷрибаи бебаҳои ахлоқии маънавии он дарсҳои гузашта аст, ки ба мо имкони дарк кардани қолабҳои мураккаби ҷомеаро, дар дараҷаи озодӣ то рушди падидаҳои маънавӣ медиҳад. Дар ин самт мероси афкори ахлоқии пешқадами халқи тоҷик, аз ҷумла, таълимоти нотакрори бузургвор Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ, таҷрибаи ҷустуҷуи арзишҳои ахлоқӣ, анъанаҳо, иштибоҳ ва андешаҳои

онҳо як қабати таърихии ин самтро ифода мекунанд ва гузашта аз ин, давомнокии он ба шуури ахлоқии ҷамъиятии муосир, худшиносӣ, назарияи ахлоқии илмӣ ва амалияи ахлоқӣ имкон медиҳад, ки мазмун, пайдоиш, роҳ ва тамоюлҳои инкишофи минбаъдаи ахлоқии ҷомеаи худро, дар асос ва заминаи осору эътиқодҳои ахлоқию тарбиявӣ аз ҳамватанони бузурги мо муайян намоем, ки дар ибтидои асрҳои миёна ва асрҳои миёна зиндагӣ ва кор кардаанд.

## ХУЛОСА

Мутобиқи таҳлил ва баррасии андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ, метавон ба натиҷае омад, ки ӯ дар ташаккули таърихии афкори ахлоқии инсоният саҳми бузург гузоштааст. Дар таҳқиқи масъалаҳои асосии илми ахлоқ, вай берун аз чаҳорчӯби мазҳаби расмии ислом андешаронӣ намуда, талош кардааст як навъи «ахлоқи хирадгароёна»-ро таҳия намояд, ки ба воқеияти амалӣ ва зиндагии рӯзмарраи инсон асос ёфтааст. Таълимоти ахлоқии Берунӣ, пеш аз ҳама, илме дар бораи адолат, ростӣ, хирад, лаззат ва рӯҳ аст, ки онҳо ҳамчун арзишҳои олӣ ва асосии зиндагии инсонӣ пазируфта шудаанд. **[1-М]**

Ахлоқи Абурайҳони Берунӣ анъанаҳои фалсафаи ахлоқии замони қадимро идома дод. Мутафаккир ба таълимоти ахлоқии юнониёни қадим дар бораи инсон ҳамчун мавҷудоти оқил ва иҷтимоӣ такя мекард. **[5-М]**

Донишманд ва мутабаҳҳири бузурги Шарқ Абурайҳони Берунӣ бо эҷоди асарҳои фалсафӣ, ситорашиносӣ, кайҳоншиносӣ, ҳандаса, риёзӣ, ҷуғрофӣ, заминшиносӣ ва ғайра ҳануз дар асри XI шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд, ки осори ӯ ба забонҳои халқҳои Аврупо тарҷума карда шуда буданд ва онҳоро дар амал васеъ истифода мебурданд. **[2-М]**

Баъзе хусусиятҳои хоси фалсафа ва ахлоқи Абурайҳони Берунӣ то ҳол барои донишмандон пушида мондаанд, зеро афкори фалсафию ахлоқии ӯ то ҳол танҳо дар пораҳои ҷудогонаи баъзе осораш боқӣ монда асту халос.

Таҳлилу муқоисаи омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва фарҳангие, ки заминаи шаклгирии ҷаҳонбинии Абурайҳони Беруниро ташкил додаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ дар таълифи осораш аз тамоми манбаъҳои дастрас васеъ истифода бурдааст. Берунӣ дар давре умр ба сар бурда буд, ки илму фарҳанги исломӣ ба авҷи камол расида, муҳити мусоиди рушду густариши донишро фароҳам оварда буд. Дар ин давра осори зиёди илмӣ аз забонҳои юнонӣ, сурёнӣ, паҳлавӣ ва санскрит ба арабӣ ва форсӣ тарҷума шуда, муҳити илмиро бо маърифати гуногун бою ғанӣ гардонида буданд. **[4-М]**

Мутахассисон дар омӯзиши осори Берунӣ таъкид мекунанд, ки ӯ на танҳо бо андешаҳои файласуфону донишмандони асрҳои гузашта шинос буд, балки онҳоро аз нуқтаи назари танқидӣ ва ибрат омӯхта, ба хулосаҳои даркорӣ омада, баъзе нуқтаҳоро дар асарҳояш бо каме тағйирот корбаст намудааст. Тавре муҳаққиқи эронӣ Маҳдии Муҳаққиқ ишора мекунад, Берунӣ осору андешаҳои даҳҳо олимон, аз ҷумла Гален, Ҳиппократ, Ибни Саробиюн, Табарӣ, Руфас, Ибни Масавия, Шомун, Арибоис, Археҷон, Ҷорҷ, Булис, Фелгургус, Александр, Исҳоқ, Ибни Алҷалоҷа, Кинди, Ҳунайн, Темовс, Бадегурис, Салмавӣ, Ибни Батрик ва дигаронро ба таври муфассал шарҳ ва истифода намудааст.

Аз ин рӯ, равшан аст, ки дар раванди таълиф, ӯ на танҳо ба осори мутафаккирони исломӣ, балки ба мероси илмии дину мазҳабҳои гуногун – ислом, насрония, яҳудия, зардуштия ва ҳиндуия – мурожиат карда, ҷаҳонбинии мукаммали шахсии худро ба миён овардааст. Дар андешаҳои ӯ таъсири равияҳо ва мактабҳои фалсафие чун зардуштгароӣ, эпикургароӣ, монавия, мӯътазила, қадария, навафлотуния, маздакия, ашъария ва фалсафаи табиии Юнони қадим ба таври равшан эҳсос мешавад.

Ба шакли дигар, диди фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Берунӣ таҳти таъсири андешаҳои мутафаккирони пеш аз ӯ шакл гирифта, ҳамзамон бо нигариши танқидӣ ва ислоҳкорона такмил ёфтааст. Вай сарчашмаҳоро на танҳо истифода мекард, балки норасоиву ихтилофоти онҳоро бо биниши интиқодӣ арзёбӣ намуда, дар рӯйкарди худ таҷдиди назар менамуд. **[4-М]**

Яке аз сарчашмаҳои арзишманд барои дарки ҳаёт ва фаъолияти илмии Абурайҳони Берунӣ асари машҳури Ибни Надим – «Ал-Феҳраст» ба шумор меравад. Ҳамчунин, маълумоти муайян дар бораи воқеаҳои шахсии зиндагии ӯро метавон аз рисолаҳо ва навиштаҷоти худи мутафаккир ба даст овард, ки дар онҳо рӯйдодҳои муҳим ва ҳодисаҳои фавқулодаи рӯзгори хешро ба риштаи таҳрир кашидааст.

Таҳлили манобеи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки Берунӣ доираи васеи масъалаҳоро, аз ҷумла, фалсафа, тиб, маърифати илоҳӣ, ахлоқ,

ситорашиносӣ, физика ва кимиёро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар ин самтҳо осори зиёде офаридааст. Бо вуҷуди ин, танҳо бахши нисбатан хурди осори ӯ то имрӯз боқӣ монда, тибқи маълумоти манбаъҳои алоҳида, танҳо 26 номгӯй аз асарҳои ӯ дар даст аст, ки байни онҳо китобҳои «Ҳиндустон» ва «Ёдгории наслҳои гузашта» ба таври комил ҳифз шудаанд. Бисёре аз навиштаҳои дигари ӯ, ки дар замони худ баҳсбарангез буданд ва вокуниши шадиди мухолифони ақидатии ӯро ба бор оварда буданд, мавриди сӯзондан қарор гирифтаанд ва худи мутафаккир ба гунаҳгорӣ дар ширк муттаҳам гаштааст. **[2-М]**

Таҳлили диди фалсафӣ ва ахлоқии Берунӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ҳастӣ дар низоми тафаккури ӯ ҳамрадиф бо таълимоти фалсафии Юнони бостон баррасӣ шудааст. Дар масъалаи вуҷуд ва ҷаҳонбинии умумӣ, ӯ равиши возеҳан материалистӣ дорад. Аз ин ҷост, ки баъзе файласуфони рӯҳмеҳвар, ба монанди Абуҳотами Розӣ, Носири Хусрав, қозӣ Саъдии Андалусӣ, Алӣ ибни Муҳаммади Ҷурҷонӣ ва дигарон талош варзиданд, ки дидгоҳҳои ӯро рад намоянд. **[5-М]**

Аммо равшан аст, ки ҷаҳонбинии Берунӣ мутлақ набуда, дар худ баъзе ихтилофҳои ботиниро низ таҷассум мекунад. Аз ҷумла:

1. Файласуф дар баробари модда ва шаклҳои зуҳури он – вақт, фазо ва ҳаракат – рӯҳро низ ҷавҳари қадим ва ҷовид дониста, бар он таъкид мекунад, ки рӯҳ бо вуҷуди мавҷудияти мустақили назариявӣ, бидуни пайвастагӣ бо ҷисми инсон наметавонад вуҷуд дошта бошад.

2. Ӯ Худоро ҳамчун офаридгори мутлақи ҳама мавҷудот инкор мекунад, вале Ҳастиро ҳамчун як ҷавҳари беоғоз ва абадӣ мепазирад. Ба ақидаи ӯ, Худо бештар нақши кумаккунанда барои рӯҳ дар пайванди он бо моддаро мебозад ва дар мавридҳое Худоро бо қонуниятҳои табиат ҳамсон медонад.

3. Бо вуҷуди муносибати интиқодӣ нисбат ба дин, Берунӣ аз манобеи иҷтимоӣ ва идеологии динӣ дар таҳлили худ истифода мебарад. Ӯ бар ин назар аст, ки имони мардум ба дин ва итоат ба рӯҳониён як одати

решадор аст. Дар андешаи ӯ, пайдоиши дин на аз рӯи илҳом, балки натиҷаи фиреб, ҳила, нодонӣ ва камогоҳии омма мебошад. **[7-М]**

Он чи ки зикр шуд, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳаммияти таърихии андешаҳои ахлоқиву фалсафии Абурайҳони Беруниро коста намекунад, зеро ӯ дар ташаккули озодандешии илмӣ дар Шарқ ва ҳатто дар Аврупо саҳми бузург дорад. Гарчанде дар андешаҳои ӯ бархе ихтилофоти ботинӣ ба назар мерасанд, масалан, дар баъзе мавридҳо ақлу ҳисро зинаҳои муҳими шинохт дониста, назари материалистӣ иброз мекунад, вале дар мавқеи дигар ақлро атои Илоҳӣ хонда, ба равияи хаёлпарастӣ (идеалистӣ) мегарояд.

Берунӣ инсонро олитарин махлуқ ва ҷонишини Худо дар рӯи замин медонад. Мавқеи инсон ва инсонгароӣ, ки бо арзишҳои худ пайванд ёфтааст, дар маркази таълимоти ахлоқии ӯ қарор дорад. Ӯ инсонро болотар аз ҳама махлуқот мешуморад. **[8-М**]

Таҳлили осори ӯ нишон медиҳад, ки мутафаккир сарчашмаи рафторҳои нек ва бадро дар муборизаи нафс ва ақл мебинад. Ҳамаи мафҳумҳои ахлоқӣ дар андешаи ӯ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. хислатҳои неку писандида;
2. хислатҳои манфӣ ва зишт.

Маъмултарин асарҳои Берунӣ — «Осор ул боқия», «Китоб-ут-таҳдид» ва «Таҳқиқ ма лил-Ҳинд» — ба баррасии ҳамин масъала, махсусан, таҳлили сифатҳои манфии рӯҳ, бахшида шудаанд.

Файласуф таъкид мекунад, ки танҳо ахлоқи нек асоси хушбахтӣ ва камоли инсон аст. Ӯ пайваста инсонро ба риояи қоидаҳои ахлоқ ва ҳамзистии ҷамъиятӣ даъват менамояд. Ба ақидаи ӯ, ҳаёти шоиста ва эҳсоси хушбахтӣ танҳо натиҷаи ахлоқи шоиста ва амалҳои неки шахс аст.

Берунӣ бо таҳлили муҳтавиёни манфии шахсият, онҳоро бо арзишҳои ахлоқии инсонӣ муқоиса карда, бо мисолҳои воқеӣ хулосаҳои ахлоқии худро собит месозад.

Мутафаккир дар таҳлили хислатҳои манфии инсонӣ диққатро ба натиҷаҳои номатлуби онҳо равона месозад ва таъкид мекунад, ки афрод

набояд рафторҳои номатлуби ҷомеаро намуна қарор диҳанд. Баръакс, онҳо бояд аз таҷрибаи зиндагӣ ибрат гиранд ва рафторашонро бо хирад ва ақли солим танзим намоянд. **[4-М]**

Ҳамаи мафҳумҳои ахлоқӣ дар осори Берунӣ ба таври муфассал дар доираи се асоси калидӣ – ақл, рӯҳ ва нафс – таҳлил шудаанд. Ба ақидаи ӯ, вазифаи муҳими ахлоқ аз ислоҳи рафтори инсон ба самти некӣ иборат аст. Ин амр бо кумаки дониш ва маърифат сурат мегирад, ки бояд нафси саркашро тобеи ақл гардонад. Танҳо дар чунин ҳолат руҳи бохирад ташаккул меёбад ва сифатҳои нек дар инсон устувор мешаванд. **[9-М]**

Пандҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Таълимоти ӯ метавонад ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли нав ва тамоми ҷомеа истифода гардад. Гарчанде ки мо дар асри XXI зиндагӣ дорем ва аз муҳити асримиёнагӣ ба куллӣ фарқ мекунем, аммо масоили марбут ба нафси инсон ва идоракунии он тавассути ақл то ҳол муҳим боқӣ мондаанд. Омӯхтани усулҳое, ки Берунӣ барои тарбияи ахлоқӣ ва шаклгирии хислатҳои нек пешниҳод намудааст, имрӯз низ метавонад самаранок истифода шавад. **[9-М]; [10-М]**

## Тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Шоистаи зикр аст, ки дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза, раванди худшиносии миллӣ ва таҳкими мавқеи тоҷикон дар саҳни байналмилалӣ бе омӯзиши амиқу фарогири мероси ғании маънавӣ ва моддии мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёна ғайриимкон мегардад. Дар замоне ки таъсири манфии геополитикӣ ва густариши босуръати технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии инсон таҳдид менамоянд, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд рушди тафаккури солими ҷавононро таъмин намуда, аз таназзули арзишҳои маънавию ахлоқӣ ҷилавгирӣ кунад. Омӯзиши ҷиддии паҳлӯҳои амалии таърихи фалсафаи тоҷикон метавонад ба

ташаккули ботинии ахлоқӣ ва маънавии инсон мусоидат намояд, зеро дар он вижагиҳои арзишманди инсонӣ, мисли хирад, адолат, некуӣ ва таҳаммул таҷассум ёфтаанд. Ҳамзамон, зарур аст, ки чунин омӯзиш на танҳо ба арзёбии мероси гузашта, балки ба тарғиби анъанаҳои солими ахлоқии миллӣ равона гардад, ки барои худшиносии шахсӣ ва тарбияи маънавии насли ҷавон заминаи устувор мегузорад. Фалсафа ва ахлоқи инсонгароёна, ки дар осори мутафаккирони тоҷик ҷойгоҳи марказӣ доранд, ба ҷаҳони муосир имкони баррасии арзишҳои бунёдиро дар заминаи тафаккури миллӣ ва инсонӣ фароҳам меоранд. Дар чунин шароит, таҳқиқ ва таблиғи афкори ахлоқии анъанавии миллӣ метавонад ҳамчун ҷавоби босалоҳият ба чолишҳои фарҳангӣ ва маънавии ҷаҳонишавӣ хизмат намояд. Масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯзҳои мо махсусияти тезу тунд ва рӯзмарра гирифтаанд. Дар диссертатсия сухан дар бораи назарияҳои барпошавии шахсияти комил, имкониятҳои ҳақиқии тараққиёти ҳамбаста, ташаккули ақидаҳои сиёсӣ – иҷтимоӣ, мақсадҳои олии тарбияи ахлоқии ҷавонон меравад. Вобаста ба ин, муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои кори таҳқиқотӣ барои ташаккул ва шакл гирифтани сифатҳои ахлоқию фарҳангии ҷавонони тоҷик муфид буда, истифодаи онҳо дар таҳияи роҳнамо ва барномаҳои ахлоқӣ аз аҳаммият холӣ нест.

2. Масъалаи дигари барои ҳаёти илмии ҷумҳурӣ ба анҷом расондани таҳқиқоти илмӣ доир ба самтҳои афзалиятноки илм маҳсуб мешавад. Имконияти зеҳнии муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ собит месозад, ки ҳар кадом дар алоҳидагӣ имкони анҷом додани тадқиқоти муҳим ва мукаммалро надоранд. Бинобар ин, муттаҳид намудани иқтидори кадрии ин муассисаҳо роҳи оқилона ва самараноки ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад. Доир ба самтҳои афзалиятноки илм ва таъмини фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ дар ҷумҳурӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро мебояд дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати самтҳои афзалиятноки илмро таҳия ва ба ҳукумат пешниҳод намояд.

3. Яке аз шаклҳои муҳими ҳамкории илм ва маориф омодасозии кадрҳои илмии баландихтисос мебошад. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони илмии дараҷаи олӣ идома дорад. Вале натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки иҷрои самарабахши ин барнома дар сатҳи фақат муассисаҳои илмӣ ва кафедраҳои алоҳида ғайримумкин аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки Вазорати маориф ва илм якҷо бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас ва ҳамоҳангшудаеро роҳандозӣ намоянд.

4. Дар шароити муосир таҳкими ҳамгироии илмҳои бунёдӣ ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба як зарурати аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ Фонди президентии таҳқиқоти илмии асосӣ таъсис ёфтааст, ки фаъолияташ ба дастгирии ин раванд равона карда шудааст.

5. Дар даврони истиқлолият миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои хориҷӣ зиёда аз 80 созишномаи ҳамкорӣ дар бахшҳои илмӣ ва илмию техникӣ ба имзо расидааст. Ин санадҳо барои ташкили лоиҳаҳои муштарак ва таҳқиқоти байналмилалӣ, хусусан дар ҳалли масоили глобалӣ, бо иштироки олимони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овардаанд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## I. Монография, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ


1. Абдураззоков, А. А. Стеклоделение Средней Азии в древности и средневековье [Текст] / А. А. Абдураззоков, М. А. Безбородов, Ю. А. Заднепровский. – Ташкент: АН Уз. ССР, 1963. – 242 с.

2. Айни, С. Устод Рудаки [Текст]: Эпоха. Жизнь. Творчество / С. Айни; сост., примеч. и ред. И.С. Брагинский. – М.: Изд-во вост. лит., 1959. – 119 с.

3. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1957. – Т.1. – 527 с.

4. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1963. – Т.2. – 727 с.

5. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1966. – Т.3. – 363 с.

6. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1973. – Т.4. – 1120 с.

7. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1973. – Т.5. – Ч.1. – 648 с.

8. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1976. – Т.5. – Ч.2. – 634 с.

9. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1975. – Т.6. – 327 с.

10. аль-Беруни. Избранные произведения [Текст]: в 7 т. / аль-Беруни. – Ташкент, 1987. – Т.7. – 340 с.

11. аль-Беруни. Индия [Текст] / аль-Беруни; пер с араб. А. Халидов, Ю. Завадовский; Репринт с изд. 1963 г. – М.: Ладомир, 1995. – 727 с.

12. аль-Беруни. Собрание сведений для познания драгоценностей. Минералогия [Текст] / аль-Беруни. – Ленинград: Изд-во АН СССР, 1963. – 518 с.

13. Арбобзода, А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик [Матн] / А. Арбобзода. – Душанбе, 2003. – 266 с.

14. ар-Рази, А. Духовная медицина [Текст] / Абу Бакр Ар-Рази; пер. с араб. Т. Мардонова; вступ. ст. М. Диноршоева, М. Мирбобоева, с. 3-22. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 88 с.

15. ар-Рази, Фахруддин. Китоб ал-мабохис ал-машрикия [Матн] / Фахруддин ар-Рази. – Хайдарабад, 1343 х. – 453 с.

16. ар-Рози, Закария. Расоил-ал-фалсафи [Матн] / Закария ар-Рози. – Бейрут-Либия, 1980. – 384 с.

17. Архимед. Сочинения [Текст] / Архимед; пер. П. Н. Веселовского. – М., 1962. – 639 с.

18. Асмус, В. Ф. Античная философия [Текст] / В. Ф. Асмус. – 3-е изд. – М.: Высшая школа, 2005. – 400 с.

19. Ахмад, А. Тарихуу фикри-л‘арабий ал-ислами [Матн] / А. Ахмад. – Дамаск: Ар-рауда, 1997. – 268 с.

20. Ашуров, Г. Философские взгляды Носира Хисрава [Текст] / Г. Ашуров. – Душанбе, 1965. – 113 с.

21. Бадави, А. Предисловие к «Сиван ал-ҳикме» [Текст] / А. Бадави. – Теҳрон, 1974. – 242 с.

22. 9.Бартольд, В. В. Сочинения [Текст]: в 9 т. – М.: Изд-во вост. лит., 1963. – Т.2. – Ч.1. – 1020 с.

23. Бартольд, В. В. Сочинения [Текст]: в 9 т. – М.: Изд-во вост. лит., 1964. – Т.2. – Ч.2. – 657 с.

24. Бартольд, В. В. Сочинения [Текст]: в 9 т. – М.: Изд-во вост. лит., 1966. – Т.6. – 784 с.

25. Беляев, Е. Арабы, ислам и Арабский халифат в раннее средневековье [Текст] / Е. А. Беляев. – М., 1965. – 280 с.

26. Бернар, Дж. Наука в истории общества [Текст] / Дж. Бернар. – М.: ИИЛ, 1956. – 736 с.

27. Бертельс, А. Е. Насир-и Хосров и исмаилизм [Текст] / А. Е. Бертельс. – М., 1959. – 289 с.

28. Берунӣ, А. Китоб-ут-тафҳим ли авомили саноат-ит-танҷим [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Дониш, 1973. – 286 с.

29. Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

30. Берунӣ, А. Таҳдид ниҳоят ал-амокин. Т.3. Ташкент, 1966, – 363 с.

31. Бируни [Текст]: сборник статей к 1000-летию со дня рождения [Текст]. – Ташкент: Фан, 1973. – 203 с.

32. Бируни и гуманитарные науки [Текст]. – Ташкент, 1972. – 136 с.

33. Богоутдинов, А. М. Избранные произведения [Текст] / А. М. Богоутдинов. – Душанбе, 1980. – 418 с.

34. Богоутдинов, А. М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. – Сталинабад, 1961. – 332 с.

35. Булгаков, П. Г. Жизнь и труды Беруни [Текст] / П. Г. Булгаков. – Ташкент: Фан, 1972. – 428 с.

36. Булгаков, П. Г. Жизнь и труды Бируни [Текст] / П. Г. Булгаков. – Ташкент: Фан, 1972. – 428 с.

37. Вопросы истории физико-математических наук [Текст]. – М.: Высшая школа, 1963. – 523 с.

38. Ғазолӣ, М. Таҳофут-ул-фалосифа [Матн] / М. Ғазолӣ. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 362 с.

39. Гафуров, Б. Таджики [Текст]: древнейшая, древняя и средневековая история / Б. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1989. – Т.2. – 480 с.

40. Гафуров, Б. Таджики [Текст]: древнейшая, древняя и средневековая история / Б. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 1112 с.

41. Геюшева, З. Этические взгляды восточных мыслителей (перипатетиков) [Текст] / З. Геюшева. – Боку, 1982. – 180 с.

42. Григорян, С. Н. Великие мыслители Средней Азии [Текст] / С. Н. Григорян. – М.: Знание, 1958. – 32 с.

43. Григорян, С. Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. [Текст] / С. Н. Григорян. – М., 1960. – 330 с.

44. Григорян, С. Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока [Текст] / С.Н. Григорян. – М.: Наука, 1966. – 352 с.

45. Гулямов, Я. Г. История орошения Хорезма с древнейших времен до наших дней [Текст] / Я. Г. Гулямов. – Ташкент: Изд-во. АНУзССР, 1957. – 314 с.

46. Гулямов, Я. Г. История Узбекская ССР [Текст] / Я. Г. Гулямов. – Ташкент: Уз ФА издательство, 1958. – 497 с.

47. Гусейнов, А. А. Введение в этику [Текст] / А. А. Гусейнов. – М.: Изд-зо МГУ, 1985. – 208 с.

48. Гусейнов, А. А. Краткая история этики [Текст] / А. А. Гусейнов, Г. Иртлитц. – М. 1987. – 592 с.

49. Гусейнов, А. А. Этика [Текст] / А. А. Гусейнов, Р. Г. Апресян. – М.: Гардарики, 2000. – 470 с.

50. Деҳхудо, А. А. Шарҳи нобиғаи шаҳири Эрон Абурайҳон бинни Аҳмад Хоразмии Беруни [Матн] / Али Акбар Деҳхудо. – Теҳрон, 1324.

51. Джалалов, Г. Абу Рейхан Бируни [Текст] / Г. Джалалов. – Ташкент, 1950. – 64 с.

52. Джумабаев, Ю. Д. Этическая мысль в Средней Азии в IX-XV вв. [Текст] / Ю. Д. Джумабаев. – М.: Нашриёт, 1974. – 255 с.

53. Джумабаев, Ю. Д. Этическая мысль в Средней Азии в IX-XV вв. [Текст] / Ю. Д. Джумабаев, Ш. Ф. Мамедов. – М., 1974. – 255 с.

54. Диноршоев, М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 220 с.

55. Додихудоев, Х. Философия крестьянского бунта [Текст] / Х. Додихудоев. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 428 с.

56. Додихудоев, Х. Философский исмаилизм [Текст] / Х. Додихудоев. – Душанбе, 2014. – 495 с.

57. Доират-ул-маорифи ҷаҳони ислом [Матн]. – Теҳрон, 1379. – ҷ.5.

58. Донишномаи ҷаҳони исломӣ [Матн] / зери назари Гуламали Хаддада Адил. – Теҳрон, 2000. – 468 с.

59. Дробницкий, О. Г. Понятие морали [Текст] / О. Г. Дробницкий. – М.: Наука, 1974. – 386 с.

60. Захидов, В. Ю. Беруни как мыслитель [Текст] / В. Ю. Захидов // Беруни: сб. ст. – М., 1950. – С.30-54.

61. Ибн Мискавайх. Таҳзиб-ул-ахлоқ [Матн] / Ибн Мискавайх; тарҷ. Алӣ Асғар Халабӣ. – Теҳрон: Асотир, 1381. – 325 с.

62. Иванов, В. Г. История этики древнего мира [Текст] / В. Г. Иванов. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1980. – 224 с.

63. Иванов, В. Г. История этики средних веков [Текст] / В. Г. Иванов. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1984. – 279 с.

64. Идибеков, Н. Этикаи Насириддини Тусӣ дар партави назарияи озодии ирода [Матн] / Н. Идибеков. – Душанбе: Дониш, 1987. – 92 с.

65. Из истории социально-политических идей [Текст]. – М.: Изд-во АН СССР, 1955. – 752 с.

66. Из философского наследия народов Ближнего и Среднего Востока [Текст]. – Ташкент, 1972. – 264 с.

67. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIV вв. [Текст]. – М.: Сотсекгиз, 1961. – 629 с.

68. Историко-астрономические исследования [Текст]: сб. ст. – М.: Гостехиздат, 1960. – Вып.6. – 428 с.

69. Историко-астрономические исследования [Текст]: сб. ст. – М.: Гостехиздат, 1962. – Вып.8. – 388 с.

70. Историко-астрономические исследования [Текст]: сб. ст. – М.: Гостехиздат, 1969. – Вып.10. – 352 с.

71. Историко-астрономические исследования [Текст]: сб. ст. – М.: Гостехиздат, 1972. – Вып.11. – 360 с.

72. Историко-астрономические исследования [Текст]: сб. ст. – М.: Гостехиздат, 1975. – Вып.12. – 400 с.

73. История человечества [Текст]: в 8 томах / под ред. М. А. Аль-Бахита, Л. Базена, С. М. Сиссоко. – М.: ООО «Издательский Дом МАГИСТР-ПРЕСС», 2003. – Т.4. – 671 с.

74. Кант, И. Сочинения [Текст]: в 6 томах / Иммануил Кант; под общ. ред. В. Ф. Асмуса, А. В. Гулыги, Т. И. Ойзермана. - М.: Мысль, 1964. – Т.2. – 509 с.

75. Кант, И. Сочинения [Текст]: в 6 томах / Иммануил Кант; под общ. ред. В. Ф. Асмуса, А. В. Гулыги, Т. И. Ойзермана. – М.: Мысль, 1964.

76. Каримов, У. И. Неизвестное сочинение ар-Рази «Книга тайны тайн» [Текст] / У. И. Каримов. – Ташкент, 1957. – 192 с.

77. Кошифӣ, Х. В. Футувватномаи Султонӣ [Матн] / Х. В. Кошифӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.

78. Крачковский, И. Ю. Избранные сочинения [Текст]: в 6 томах / И.Ю. Крачковский. – М.; - Л.: Изд-во Акад. наук СССР, 1955. – Т.1. – 469 с.

79. Крачковский, И. Ю. Избранные сочинения [Текст]: в 6 томах / И.Ю. Крачковский. – М.; - Л.: Изд-во Акад. наук СССР, 1956. – Т.2. – 702 с.

80. Крачковский, И. Ю. Избранные сочинения [Текст]: в 6 томах / И.Ю. Крачковский. – М.; - Л.: Изд-во Акад. наук СССР, 1957. – Т.4. – 919 с.

81. Қуръони карим [Матн]: асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 640 с.

82. Логико – гносеологические идеи мыслителей Средней Азии [Текст] / под ред. М. М Хайруллаева. – Ташкент: Фан, 1981. – 200 с.

83. Матвиевская, Г. П. Абу Райхан Беруни и его математические труды [Текст] / Г. П. Матвиевская, С. Х. Сираджидинов. – М.: Знание, 1978. – 95 с.

84. Матвиевская, Г. П. Берунии естественные науки [Текст] / Г. П. Матвиевская. – Ташкент: изд-во АН УзССР, 1963. – 46 с.

85. Матвиевская, Г. П. Математики и астрономы мусульманского средневековья и их труды (VIII-XVII вв.) [Текст]: в 3 томах / Г. П. Матвиевская, Б. А. Розенфельд. – М.: Наука, 1983. – Т.2. – 650 с.

86. Матвиевская, Г. П. Математики и астрономы мусульманского средневековья и их труды (VIII-XVII вв.) [Текст]: в 3 томах / Г.П. Матвиевская, Б. А. Розенфельд. – М.: Наука, 1983. – Т.3. – 372 с.

87. Материалы всесоюзной научной конференции востоковедов в г. Ташкенте 4-11 июня 1957 г. [Текст]. – Ташкент, 1958. – 1064 с.

88. Материалы по истории прогрессивной общественно-философской мысли в Узбекистане [Текст]. – Ташкент, 1957. – 348 с.

89. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе, 1987. – К.1. – 489 с.

90. Наршахи, М. История Бухары [Текст] / М. Наршахи. – Ташкент, 1897. – 126 с.

91. Наср, С. Ҳ. Назари мутафаккирони исломӣ ба табиат [Матн] / Сайид Ҳусейн Наср. – Теҳрон, 1366. – С.160, 181.

92. Неъматов, Н. Государство Саманидов [Текст] / Н. Неъматов. – Душанбе, 1989. – 304 с.

93. Неъматов, Н. Тоҷикон [Матн] / Н. Неъматов. – Душанбе, 1993. – 48 с.

94. Низам ал-мульк. Сийосатнаме [Текст] / Низам ал-мульк; пер, введ и примеч проф. Б. Н. Заходера. – М. Изд-во АН СССР, 1949. – 380 с.

95. Ньютон, И. Математические начала натуральной философии [Текст] / И. Ньютон. – М.: Наука, 1989. – 694 с.

96. Очерк истории этики [Текст] / под ред. Б. А. Чагин. – М.: Мисл, 1969. – 430 с.

97. Очеркҳои таърихи фалсафа [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1982. – 267 с.

98. Пигулевская, А. Византия на путях в Индию [Текст] / А. Пигулевская. – М., - Л. Изд-во АН СССР, 1951. – 412 с.

99. Проблемы этики в философских учениях стран Востока [Текст]. – М.: Наука, 1986. – 128 с.

100. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 205 с.

101. Раҷабов, М. Фирдавсӣ ва замони ҳозира [Матн] / М. Раҷабов. – Душанбе, 1976. – 258 с.

102. Рея, М. Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ [Матн] / М. Рея. – Теҳрон, 1349. – 384 с.

103. Розенфельд, Б. А. Абу-р-Райхан Ал-Бируни (973-1048) [Текст] / Б. А. Розенфельд, М. М. Рожанская, З. К. Соколовская. – М.: Наука, 1973. – 271 с.

104. Розӣ, З. Мунтахаби осор [Матн] / З. Розӣмуҳ; муҳ. М. Осимӣ; тарҷ ва таҳ. А. Девонақулов, М. Бақоев, С. Раҳимзода. – Душанбе: Адиб, 1989. – 161 с.

105. Садыков, Х. У. Великий астроном XI века Абу-Рейхан Бируни [Текст] / Х.У. Садыков. – Сталинабад: Изд-во АН Таджикской ССР, 1956. – 36 с.

106. Сафо, З. Таърихи улуми ақлӣ [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон, 1331. – 500 с.

107. Сина, А. Сочинения [Текст] / А. Сина. – Душанбе: Дониш, 2005. – Т.1, 2.

108. Смирнов, А. В. Великий шейх суфизма [Текст]: опыт парадигмального анализа философии Ибн Араби / А.В. Смирнов. – М.: Наука, 1993. – 326 с.

109. Смирнова, О. И. Очерки из истории Согда [Текст] / О. И. Смирнова. – М.: Наука, 1970. – 288 с.

110. Содиқов, А. У. Аз таърихи афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А. У. Содиқов. – Душанбе, 1999. – К.1. – 180 с.

111. Содиқов, А.У. Аз таърихи афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А.У. Содиқов. – Душанбе, 1999. – К.2. – 176 с.

112. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / муҳарр. А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2012. – ҷ.2. – 542 с.

113. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / муҳарр.: К. Олимов, А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2011. – ҷ.1. – 528 с.

114. Тимофеев, И. В. Бируни [Текст] / И. В. Тимофеев. – Серия: Жизнь замечательных людей. – М.: Молодая гвардия, 1986. – Вып.671. – 304 с.

115. Толстов, С. П. По следам древнехорезмийской цивилизации [Текст] / С. П. Толстов. – М.: АН СССР, 1948. – 315 с.

116. Файзуллаев, А. Ф. Проблема противоречия в трудах классиков естествознания и философии Средней Азии [Текст] / А. Ф. Файзуллаев. – Ташкент: Фан, 1974. – 148 с.

117. Философия природы в античности и в средние века [Текст] / общ. ред. П. П. Гайденко, В. В. Петров. – М., 2000. – 608 с.

118. Философы Греции основы основ: логика, физика, этика [Текст]. – М.: ЭКСМО-Пресс; Харьков, 1999. – 1051 с.

119. Хайруллаев, М. М. Мировоззрение Фараби и его значение в истории философии [Текст] / М. М. Хайруллаев. – Ташкент, 1967. – 355 с.

120. Хайям, О. Трактаты [Текст] / Омар Хайям; пер. с араб. Б. А. Розенфельда. – М., 1961. – 338 с.

121. Хисрав, Н. Сафар Наме [Текст]: книга путешествий / Н. Хисрав; пер. и вступит слова Е. А. Бертельса. – М., 1933. – 210 с.

122. Хусейнов, К. Естественно научные воззрения мыслителей средневекового Востока [Текст] / К. Хусейнов, Б. Х. Кимсанов, Д. Х. Рахмонкулов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 132 с.

123. Ҳусайни Кусори Саид Исҳоқ. Таърихи фалсафаи исломӣ [Матн] / ҳусайни Кусори Саид Исҳоқ. – Теҳрон, 1382. – 550 с.

124. Ҳуҷҷат-ул-ҳаққ [Матн]. – Теҳрон, 1973. – 246 с.

125. Чистяков, Т. А. Арабский Халифат [Текст] / Т. А. Чистяков. – М., 1982. – 156 с.

126. Шамолов, А. А. ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ: Андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ [Матн] / А. А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 328 с.

127. Шарипов, А. Д. Великий мыслитель Беруни Абу Рейхан Беруни [Текст] / А. Д. Шарипов. – Ташкент, 1972. – 175 с.

128. Шаҳристонӣ, М. Ал-Милал ва ан-ниҳал [Матн] / Муҳаммад Шаҳристонӣ. – Каир, 1961. – Т.2. – 302 с.

129. Шишкин, А. Ф. Из истории этических учений [Текст] / А. Ф. Шишкин. – М.: Госполитиздат, 1959. – 344 с.

130. Энсиклопедияи Иттифоқи Советӣ [Матн]. – Душанбе, 1986. – қ.6. – 546 с.

131. Юшкевич, А. П. История математики в средние века [Текст] / А. П. Юшкевич. – М., Госиздат, 1961. – 212 с.

**II. Мақола, маъруза дар маҷмуаҳо ва матбуоти даврӣ**

132. Азимов, К. А. Консепсияҳои муосири буржуазии мероси ахлоқии Шарқи асримиёнагӣ [Матн] / К. А. Азимов // Ахлоқ, ҷомеа, шахсият. – Нашриёти Моек, Донишгоҳ, 1979. – С.79-89.

133. Беленицкий, А.М. Великий среднеазиатский энциклопедист XI века ал-Беруни о горных богатствах Средней Азии [Текст] / А. М. Беленицкий // Природа. – 1949. – №8. – август. – С.73-76.

134. Беленицкий, А. М. Картина мира по Бируни [Текст] / А. М. Беленицкий // Ученые записки. Серия востоковедческих наук. – Л., 1949. – Вып.1. – С. 203-214.

135. Булгаков, П. Г. Глобус Бируни [Текст] / П. Г. Булгаков // Общественные науки в Узбекистане. – 1965. – №1. – С.39-44.

136. Булгаков, П. Г. Школа Улугбека и Бируни [Текст] / П. Г. Булгаков // Из истории точных наук на средневековом Ближнем и Среднем Востоке. – Ташкент: Фан, 1972. – С.57-60.

137. Захидов, В. Ю. Бируни как поборник науки [Текст] / В. Ю. Захидов [Текст] // Изд-во АН УзССР. – 1949. – №5. – С.106-111.

138. Игнатенко, А. А. Социум и разум [Текст] / А. А. Игнатенко // Рационалистическая традиция и современность. Ближний и Средний Восток. – М., 1990. – С.133-168.

139. Известия Академии наука 1912 г. [Текст]. – СПб, 1912. – №14. – С.835-898.

140. Исаев, М. Общность и отличие этики Рази и Мискавайха [Текст] / М. Исаев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 1994. – №4. – С.46-56.

141. Исламов, О. И. Вклад ученых Средней Азии в геологическую науку в период IX-XI веков [Текст] / О. И. Исламов // Проблемы истории геологических наук. – М., 1968. – С.160-162.

142. Каримов, У. И. Очерки жизни и деятельности Абурайхана Беруни [Текст] / У. И. Каримов // Общественные науки в Узбекистане. – 1961. – №7. – С.65-66.

143. Кимсанов, Б. Х. Научное наследие Абу Райхана Беруни [Текст] / Б. Х. Кимсанов, К. Хусейнов, Д.Х. Рахмонкулов // История науки и техники. – 2004. – №1. – С.47-49.

144. Краус, П. Предисловие [Текст] / П. Краус // Избранные трактаты Джабира ибн Хайяна. – Каир, 1935. – С.8.

145. Қулматов, Н. Сирати ахлоқии Абубакри Розӣ [Матн] / Н. Қулматов // Садои Шарқ. – 1988. – №11. – С.110-115.

146. Наср, С. Х. Беруни - Авиценна в диалоге века. Введение в исламские космологические доктрины [Текст] / Сайид Хусейн Наср // Курьер ЮНЕСКО. – 1974. – июль.

147. Осимӣ, М. Алломаи машриқзамин [Матн] / М. Осимӣ // Садои Шарқ. – 1988. – №8. – С.76-80.

148. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат, шаҳри Душанбе, 19.03.2015 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.president.tj/event/speeches/7984

149. Рожанская, М. М. О функциональных зависимостях в «Каноне Масуда» ал-Беруни [Текст] / М. М. Рожанская // Вестник Каракалпакского филиала АН УзССР. – 1966. – №4. – С.14-21.

150. Садыков, Х. У. Бируни и его астрономические работы [Текст] / Х. У. Садыков // Астрономический журнал. – М., 1950. – Т.27. – Вып.2. – С.73-80.

151. Сафо, З. Бархе аз назарияҳои фалсафии Абурайҳон [Матн] / З. Сафо // Маҷмуаи мақолаҳо дар барои Абурайҳон. – Кобул, 1962, – 78-84 с.

152. Семенов, А. А. Ал-Бируни – величайший ученый средневекового Востока и Запада [Текст] / А. А. Семенов // Литература и искусство Узбекистана. – 1938. – Кн.I. – С.106-116.

153. Сироҷов, Ф. Сайри ҳикмати Юнон ба Шарқ [Матн] / Ф. Сироҷов // Садои Шарқ. – 1980. – №3. – С.68-70.

154. Файзуллаев, А. Ф. Вопросы истины в философской дискуссии Беруни и Ибн Сины [Текст] / А. Ф. Файзуллаев, Р. Н. Насыров // Общественные науки в Узбекистане. – 1970. – №6. – С.18-23.

155. Файзуллаев, А. Ф. Вопросы противоречивости движения в философской дискуссии Беруни и Ибн Сины [Текст] / А. Ф. Файзуллаев // Общественные науки в Узбекистане. – 1968. – №10. – С.32-34.

156. Хусейнов, К. Химические соединения в природе. В сочинениях Беруни / К. Хусейнов, Б. Х. Кимсанов, Д. Х. Рахмонкулов // Вестник национального университета. – Душанбе, 2003. – №4. – С.148-151.

157. Ҷонбобоев, С. Шарҳи як муаммо [Матн] / С. Ҷонбобоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1980. – 19 сентябр.

158. Шамолов, А. А. Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина [Текст] / А. А. Шамолов // Известия АН Тадж ССР. Серия: философия, экономикам правоведение. – 1991. – №3. – С.40-45.

159. Шарипов, А. Д. Малоизвестные страниицы переписки между Беруни и Ибн Синой [Текст] / А. Д. Шарипов // Общественные науки в Узбекистане. – 1965. – С.39-41.

160. Шарипов, А. Д. О некоторых материалистических тенденциях философских воззрений Беруни [Текст] / А. Д. Шарипов // Вопросы философии. – Ташкент, 1965. – С.122-121.

161. Эргашев, А. О философском значении космологии Бируни [Текст] / А. Эргашев // Общественные науки в Узбекистане. – 1968. – №1. – С.23-25.

### III. Диссертатсия ва авторефератҳо

162. Абдурахманов, А. Математика в астрономических трудах Беруни [Текст]: дисс... канд. физ.-мат. наук: 01.00.00 / Абдурахманов Адбуманнон. – Ташкент, 1970. – 221 с.

163. Атоев, А. М. Проблемы нравственности в «Шахнамэ» Абулкосима Фирдавси [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук: 09.00.03 / Атоев, Атоулло Мухторович. – Душанбе, 1999. – 26 с.

164. Ахмедов, Т. Н. Проблемы религии в трудах Беруни [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук: 09.00.06 / Ахмедов Турсунмурод Норматович. – Тошканд, 1994. – 22 с.

165. Бабаев, Ю. А. Вопросы истории и культуры народов Мавераннахра и Хорасана в трудах Абурайхана Беруни: культурологический аспект [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук: 07.00.02 / Бабаев Юсуф Абдулхатович. – Худжанд, 2006. – 22 с.

166. Бобоев, К. Ф. Социально-политические и этические взгляды Низамулмулька [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук: 09.00.03 / Бобоев Курбонбой Фозилович. – Душанбе, 1996. – 25 с.

167. Исоев, М. Этическое учение Мискавайха и его роль в развитии этической мысли средневековья [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук: 09.00.03 / Исаев Махмадрахим. – Душанбе, 1993. – 31 с.

168. Краснова, С. А. Геометрические построения на Ближнем и Среднем Востоке в средние века [Текст]: автореф. дисс… канд. физ.-мат. наук: 01.00.00 / Краснова Светлана Александровна. – М., 1965. – 21 с.

169. Махмаджонова, М. Т. Религиозно-философское учение Джалолуддина Руми [Текст]: автореф. дисс... д-ра филос. наук: 09.00.03 / Махмаджонова Мухиба Талатжановна. – Душанбе, 2009. – 54 с.

170. Рожанская, М. М. Функциональные зависимости у ал-Беруни [Текст]: дисс... канд. физ.-мат. наук: 01.00.00 / Рожанская Мариам Михайловна. – М., 1967. – 289 с.

171. Саидова, Ф. У. Китаб ас-сайдана фи-т-тиб «Книга фармакогнозия в медицине» Абурайхана Беруни источник - развития таджикской медицинской терминологии [Текст]: автореф. дисс... канд. филол. наук: 10.02.22 / Саидова Фарзона Хомидовна. – Душанбе, 2013. – 22 с.

172. Сайдуллоева, Г. Ф. Этические взгляды Кайковуса [Текст]: автореф. дисс... канд. филос. наук: 09.00.03 / Сайдуллаева Гульнора Рафиевна. – Душанбе, 2000. – 21 с.

### IV. Адабиёт ба забонҳои англисӣ ва немисӣ

173. al-Biruni, A. The Book of instruction in the elements of the art of astrology [Text] / A. Biruni; ed. and transl. by R. Wright. – London, 1934. – 530 p.

174. Boilot, D. J. Al-Biruni (Beruni), Abu'l Rayhan Muhammad b. Ahmad [Text] / D. J. Boilot // Encyclopedias of Islam. – Leiden, – Vol.1. – P.1236-1238.

175. Boilot, D. J. L’oeuvre d’al Beruni, Essai bibliographique [Text] / D.J. Boilot // Melanges-de I’Institut Dominicain d’Etudes, orientales. – 1955. – Vol.2. – P.161-256.

176. Chronologie Orientalischer Volker von Albiruni [Text]: herausgegeben / von Dr. Eduard Sachau. – Leipzig, 1876-1878, 242 p.

177. Classical Arabic Philosophy [Text]: an anthology of sources / translated with introduction, notes, and glossary by Jon McGinnis and David C. Reisman. – Cambridge, 2007. – 464 p.

178. Frye, R. N. The Golden age of Persia [Text] / R.N. Frye. – London: Phoenix Press, 2000. – 204 p.

179. Harley, J. B. Cartography in the raditional Islamic and South Asian Societies [Text] / J. B. Harley. – Chicago: Chicago Univ. Press, 1992. – 604 p.

180. Kalimullah Husaini Q. S. Contribunion of Zahiruddin al-Bayhagi to Arabic-persion literature [Text] / Q. S. Kalimullah Husaini // Islamic culture. – 1960. – v/34. – №2. – P.81.

181. Masignon, L. Al-Biruni et la valuer de la science arabe [Text] / L. Masignon // in Ak-Biruni Commemoration Volume. – Calcutta, 1951. – P.217-219.

182. Massignon, L. Opera Minora [Text] / L. Massignon, Y. Moubarac. – Paris: Presses universitaires de France, 1969. – Vol.1. – 857 p.

183. Otakar Klima. Mazdak and the begining of Social Movements in Iran [Text] / Otakar Klima // New Orient. – 1960. – Vol.1. – №4. – P.5-6.

184. Rahman, H. A Chronology of Islamic History, 570-1000 CE [Text] / H. Rahman. – Mansell Publishing, 1995. – 190 p.

185. Rosenthal, F. E. Al-Biruni between Greece and India [Text] / F. E. Rosenthal. – New York: Iran Center, Columbia University, 1976. – 65 p.

186. Sina, A. Avicenna de Congelatione et conglutinatione Lapidum, being Section of the Kitab al-Shifa [Text] / A. Sina; the Latin and Arabic texts edited with an English translation of the latter and with critical notes by E.J. Holmyard, D. C. Mandeville. – Paris: Geuthner, 1927. – 96 c.

187. Steinschneider, M. Arabische Lapidarien [Text] / M. Steinschneider. – ZDMG, 1895. – 244 p.

188. The Chronology of Ansient Nations [Text] / translated and edited by Dr. – Edward Sahau. – London, 1879. – 464 p.

189. Wiedeman, E. Zur Mineralogie im Islam [Text] / E. Wiedeman. – SPMS, 1912. – 206 p.

## РӮЙХАТИ

## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] Мирзоев, С.С. Бируни и его Ал-осор-ул-бокия как этико-этническое сочинение [Текст] / С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2021. – №4. – С.109-116.

[2-М] Мирзоев, С.С. Ақидаҳои умдаи Абурайҳони Берунӣ [Матн] / С.С. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №5. – С.266-278.

[3-М] Мирзоев, С.С. Социально-этические взгляды Абурайхана Беруни [Текст] / С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2023. – №1. – С.178-184.

[4-М] Мирзоев, С.С. Влияние социально-политических преобразований VII-IX веков на мировоззрение Абурайхана Беруни [Текст] / С.С. Мирзоев Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2023. – №12. – С.169-181.

[5-М] Мирзоев, С.С. К вопросу об этико-философских взглядах Абурайхана Беруни [Текст] / А.А. Шамолов, С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2024. – №5. – С.153-164.

### Маводи конфронсҳо, фишурдаҳо ва маърузаҳо

[6-М] Мирзоев, С.С. Труд как моральный фактор [Матн] / С.С. Мирзоев // Маводи конфронси илмӣ-назариявии вилоятӣ «Нақши соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон», (ДДК), соли 2018. – С.52-54.

[7-М] Мирзоев, С.С. Этические взгляды Беруни [Матн] / С.С. Мирзоев // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорон ва донишҷуён оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2018. Бахшида ба солҳои 2019-2021, «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои

мардумӣ», (ш. Кӯлоб, 26-27-уми апрели соли 2019). – С.48-49.

[8-М] Мирзоев, С.С. Бӯҳрони маънавӣ ва оқибатҳои он дар ҷаҳони муосир [Матн] / Ш.В. Камолов, С.С. Мирзоев // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорон ва донишҷуён оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2018. Бахшида ба солҳои 2019-2021, «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», (ш. Кӯлоб, 26-27-уми апрели соли 2019). – С.263-265.

[9-М] Мирзоев, С.С. Труды Беруни как источник научно – этической информации [Матн] / С.С. Мирзоев // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар фалсафа ва илми муосир». (ДДК), соли 2023. – С.26-28.

[10-М] Мирзоев, С.С. «Индия» – как источник этических воззрений Беруни [Матн] / С.С. Мирзоев // Конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Абурайҳони Берунӣ алломаи Машриқзамин. Бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ». – Душанбе 20.05.2023, ДДОТ, ба номи С. Айнӣ.